# Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ

ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 107А
тел: +992 (44) 600-32-49
e-mail: majalla@nbt.tj

МАҶАЛЛАИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

ИЮЛ-СЕНТЯБРИ 2018

**ЧЕҲРАҲО / ЛИЦА / FACES**

**Давлаҳмад Гадоев,** иқтисодчӣ
**Шуҳрат Салоҳиддинов,** иқтисодчӣ
**Беҳзод Ҷӯраев,** коршинос
**Давлатбек Ҳалимов,** иқтисодчӣ



## ИСТИҚЛОЛ – НЕЪМАТИ БЕБАҲОИ МИЛЛАТ!

ТАВАРРУМ ДАР НИМСОЛАИ АВВАЛ 0,9 ФОИЗРО ТАШКИЛ ДОД 26

ҶАЛАСАИ ШӮРОИ БОНКҲОИ МАРКАЗИИ АВРОСИЁ ДАР ТОҶИКИСТОН 14

САРВАТҲОИ АСЪОРӢ ЧӢ ГУНА БОЯД ВОРИД ВА СОДИР ШАВАНД? 59

ПЕШНИҲОДИ ҚАРЗ БО ЮАН БА ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР ТАЪСИРИ МУСБАТ МЕРАСОНАД 50

РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ ИҚТИСОДИИ КИШВАРҲОИ АЪЗОИ ИДМ ТАЪМИН МЕГАРДАД 33



ПРЕДСЕДАТЕЛЬСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН СОДРУЖЕСТВО НЕЗАВИСИМЫХ ГОСУДАРСТВ

**2018**



## ҲАМКОРИҲОИ КИШВАРҲОИ УЗВИ ИДМ ТАҚВИЯТ МЕЁБАНД

# 2018

# СОЛИ РУШДИ САЙЁҲӢ ВА ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ

**Бовар дорам, ки эълон шудани Соли рушди сайёҳӣ ба ободу зебо гардидани ин мавзеъҳои сайру саёҳат мусоидат мекунад ва барои ҷалби ҳар чи бештари сайёҳон ба кишварамон заминаи хуб фароҳам меорад.**

*Эмомалӣ Раҳмон*



# ДАР ИН ШУМОРА


**3 | ПРЕЗИДЕНТ: ИСТИҚЛОЛИЯТ НЕЪМАТИ БЕБАҲО, МАНБАИ ХУДШИНОСӢ, САРЧАШМАИ НЕРӮБАХШИ ТАҲКИМИ ПОЯҲОИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛИИ МО МЕБОШАД**

**14 | ҶАЛАСАИ ШӮРОИ БОНКҲОИ МАРКАЗИИ АВРОСИЁ ДАР ТОҶИКИСТОН**

Аъзои Шӯро баъди ба охир расонидани муҳокимаи масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа ба бонкҳои марказии (миллии) давлатҳои аъзои Шӯрои АврОсиё . . .

**17 | БАЛАНД БАРДОШТАНИ ЭЪТИМОДИ АҲОЛӢ БА НИЗОМИ БОНКИИ КИШВАР ВАЗИФАИ АВВАЛИНДАРАҶА МЕБОШАД**

Дар ҷаласаи васеъи роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон бо роҳбарони ташкилотҳои қарзӣ, ки 20 июли соли 2018 баргузор гардид, ҷамъбасти фаъолияти . . .






**26 | ТАВАРРУМ ДАР НИМСОЛАИ АВВАЛ 0,9 ФОИЗРО ТАШКИЛ ДОД**

Дар шаш моҳи соли 2018 дар муассисаҳои савдою хизматрасонӣ бо истифодаи кортҳои пардохтӣ 502 ҳазор адад амалиётҳои ғайринақдӣ ба маблағи 222,4 млн. сомонӣ гузаронида шуданд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба . . .





**14 ҶАЛАСАИ ШӮРОИ БОНКҲОИ МАРКАЗИИ АВРОСИЁ ДАР ТОҶИКИСТОН**

**59 | САРВАТҲОИ АСЪОРӢ ЧӢ ГУНА БОЯД ВОРИД ВА СОДИР ШАВАНД?**

Ворид намудани сарватҳои асъорӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби шахсони воқеӣ (резидентҳо ва ғайрирезидентҳо) бе маҳдудият, бо риояи намудани талаботи қонунгузории гумрукии . . .

**42 | ТАРТИБ ОИД БА ҶАЛБИ АГЕНТҲОИ БОНКИИ ПАРДОХТӢ ВА АМАЛИСОЗИИ НАЗОРАТИ РИОЯИ ШАРТҲОИ ҶАЛБИ ОНҲО**

Ташкилоти қарзӣ бояд стратегияи татбиқи фаъолияти агентии бонкии пардохтиро таҳия ва тасдиқ карда, назорати босамари раванди пешниҳоди хизматрасониро тавассути агентҳои (субагентҳои) . . .

**39 | ПАРДОХТҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ БОЯД СОДА, ҚУЛАЙ ВА ШАФФОФ БОШАНД**

Яке аз қисматҳои инфрасохтори ҳукумати электронӣ ин мавҷуд будани низоми электронии пардохтҳо мебошад. Яъне, мақомоти давлатӣ дар баробари татбиқ . . .

**53 | БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲИ ТАХАССУСИИ КОРМАНДОН — АСОСИ ПЕШРАВИИ НИЗОМИ БОНКИИ КИШВАР**

Бонки миллии Тоҷикистон барои баланд бардоштани сатҳи тахассусии кормандон ҳар сол дар сметаи хароҷотҳои бонк маблағҳои муайянро пешбинӣ менамояд. Қайд кардан зарур аст, ки . . .

# В ЭТОМ НОМЕРЕ



17 | БАЛАНД БАРДОШТАНИ ЭЪТИМОДИ АҲОЛӢ БА НИЗОМИ БОНКИИ КИШВАР ВАЗИФАИ АВВАЛИНДАРАҶА МЕБОШАД



50 | ПЕШНИҲОДИ ҚАРЗ БО ЮАН БА ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР ТАЪСИРИ МУСБАТ МЕРАСОНАД



33 | РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ ИҚТИСОДИИ КИШВАРҲОИ АЪЗОИ ИДМ ТАЪМИН МЕГАРДАД

58 | МЕТОДОЛОГИЯИ ТАТБИҚИ НИШОНДИҲАНДА БАРОИ ҲИСОБҲО ДАР МУАЙЯН КАРДАНИ БУЗУРГИИ АРЗИШИ АМАЛИЁТИ АСЪОРӢ

Таҳлил ва таҷдиди назар кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон нишон дод, ки дар баъзе қонуну дастурамалҳо ихтилофот ҷой дорад . . .

72 | МУШОРАКА

Агар маблағгиранда ба зиён рӯ ба рӯ шавад, аз руи адолат нест, ки маблағгузор як ҳиссаи муайяни маблағро аз ӯ ҳамчун фоида талаб намояд. Ҳамчунин аз руи адолат нахоҳад буд агар маблағгиранда фоида калон ба . . .

79 | ҶСК "ТОҶИКСОДИРОТБОНК" ЧӢ ҲОЛ ДОРАД?

Дар ин мусоҳиба хонандагон метавонанд доир ба масъалаи бозгардонидани қарзҳои додашуда, (аз он ҷумла, қарзҳои мушкилситон), тадбирҳои андешидашуда барои кам кардани ҳаҷми ин қарзҳо, раванди пардохти фоизи . . .

**Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ**

МАҶАЛЛАИ ТАҲЛИЛИИ БОНКӢ
3 (82) ИЮЛ-СЕНТЯБР, 2018

**ТЕЛ:** +992 (44) 600-31-24
**ФАКС:** +992 (44) 600-32-49
**НИШОНИИ МАҶАЛЛА:**
734025, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 107А
E-mail: **majalla@nbt.tj**

РАИСИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ:
Ҷ.Нурмаҳмадзода
АЪЗОИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ:
Ҷ.Нуралиев, Ф.Ҳамрализода, С.Икромӣ, Л. Салимова, А.Миралиев, Н.Абибуллоев, А.Қурбонов

ҲАЙАТИ МАҶАЛЛА:
Сармуҳаррир: А.Қурбонов
Сармутахассис: А.Мӯминов
Мутахассиси пешбар: З.Ҷамолов

Маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ" дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст. Шаҳодатномаи қайд: №02031/мҷ, аз 15 июли 2015 с.

Маҷалла ба хотири гуногунандешӣ маводҳои муаллифонеро низ ба табъ мерасонад, ки фикри шахсии онҳоро инъикос мекунад. Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба асл ҳатмист.

Теъдоди нашр: 286 нусха. Дар матбааи ҶДММ "POLYGRAPHGROUP" чоп шудааст. ш. Душанбе, кӯчаи Ҳувайдуллоев, 113.



# Истиқлолият неъмати бебаҳо, манбаи худшиносӣ, сарчашмаи нерӯбахши таҳкими пояҳои давлатдории миллии мо мебошад

(Паёми телевизионӣ ба муносибати 27-умин солгарди истиқлолияти давлатӣ, 08.09.2018 шаҳри Душанбе)

**Ҳамватанони азиз!**

Дар остонаи бисту ҳафтумин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муқаддастарин ва бузургтарин ҷашни мардуми тамаддунсози тоҷик мебошад, кулли сокинони сарбаланди Тоҷикистон ва ҳамватанони бурунмарзиамонро самимона табрик мегӯям.

Маҳз истиқлолият имконият фароҳам овард, ки мардуми Тоҷикистон тақдири худро ба даст гирифта, роҳи пешрафти минбаъда ва сарнавишти ояндаи сарзамини аҷдодии хешро мустақилона интихоб намоянд.

Ба ин маънӣ, истиқлолият неъмати бебаҳо, мояи ифтихор, манбаи худшиносӣ, сарчашмаи нерӯбахш ва омили бунёдии таҳкиму тақвияти пояҳои давлатдории миллии мо мебошад.

Мо ифтихор дорем, ки дар бисту ҳафт соли истиқлолият пойдевори давлатдории миллиамонро гузошта, барои таҳкими он бо заҳмати мардуми сарбаланди кишварамон корҳои бузургро ба анҷом расонидем ва имрӯз ба сӯи фардои осудаву obод устуворона қадам мегузорем.

Мардуми Тоҷикистон хуб дар ёд доранд, ки солҳои аввали истиқлолият кишвари азизи мо бар асари фитнаву дасисаи душманони миллат ва хоҷагони хориҷии онҳо ба зарбаи даҳшатноку ҳалокатборе гирифтор шуд.

Дар он айёми фоҷиабор аз харитаи сиёсии ҷаҳон нест шудани давлати ҷавони тоҷикон ва пароканда гардидани миллати тоҷик ба як воқеияти талхи рӯз табдил ёфта буд.

Вале хушбахтона, мардуми кишвар дар атрофи Ҳукумати қонунӣ ва фарзандони бонангу номуси худ муттаҳид шуда, ягона роҳи дурусти таърихӣ, яъне эъмори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявиро пеш гирифтанд.

Ҳарчанд ки бисёр мушкилу тӯлонӣ буд, вале бо дастгириву пуштибонии самимонаи сокинон дар мамлакат оташи ҷанги таҳмилии бародаркуш хомӯш карда шуд, сулҳу субот ва ҳамдигарфаҳмиву ваҳдати миллӣ барқарор, рамзҳои давлати соҳибистиқлол қабул гардиданд ва барои рушди ояндаи давлат, ташаккули ҳисси миллӣ ва худшиносиву худогоҳии мардум заминаҳои мусоид муҳайё карда шуданд.

Мо имрӯз бо қаноатмандӣ изҳор медорем, ки дар он айёми сангину ҳассос роҳи интихобкардаи халқи Тоҷикистон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирӣ ёфт, зеро он роҳ ба сӯи пешрафт ва бунёди ҷомеаи мутамаддин буд.

Дар солҳои баъдӣ Тоҷикистони соҳибистиқлол бо қабули



Имрӯз мо дар доираи Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисодиву иҷтимоӣ барои солҳои 2016–2020 ҷиҳати аз мамлакати аграриву саноатӣ ба кишвари саноативу аграрӣ табдил додани Тоҷикистон, яъне баланд бардоштани нақши саноат дар таъмини тараққиёти мамлакат заминаҳои заруриро фароҳам оварда истодаем.

Дар ин раванд, ҷиҳати ба кор андохтани иқтидорҳои нав, ба роҳ мондани истеҳсоли намудҳои нави маҳсулоти рақобатпазиру ивазкунандаи

**Имрӯз ҳифзи сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ ва заҳмати содиқонаву софдилона барои рушди давлати соҳибистиқлоли тоҷикон ва болоравии нуфузу обрӯи он дар арсаи байналмилалӣ вазифаи ҳар шаҳрванди ватандӯст ва бонангу номуси кишвар мебошад.**



як қатор барномаҳои давлатӣ ва консепсияву стратегияҳои миллӣ ба шоҳроҳи рушди устувор ворид гардид.

Ҳамзамон бо ин, татбиқи ислоҳоти фарогир дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ва давлат, корҳои бунёдкориву созандагӣ, яъне сохтмону таҷдиди инфрасохтори истеҳсоливу иҷтимоӣ, иншооти энергетикӣ, роҳу нақлиёт ва дигар иқдомоти созанда вусъат пайдо карданд.

Дар натиҷаи тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати мамлакат тайи бисту ҳафт соли соҳибистиқлолӣ сатҳи камбизоатӣ аз 81 фоиз то 28 фоиз коҳиш ёфт ва мо тасмим гирифтаем, ки то соли 2030 сатҳи камбизоатии аҳолии кишварро ба 15 фоиз расонем.

воридот, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, тақвияти иқтидори содиротии кишвар ва ташкили ҷойҳои кории пурмаҳсул барои ҳамватанонамон ҳамаи тадбирҳои зарурӣ амалӣ шуда истодаанд.



**Мо ифтихор дорем, ки дар бисту ҳафт соли истиқлолият пойдевори давлатдории миллиамонро гузошта, барои таҳкими он бо заҳмати мардуми сарбаланди кишварамон корҳои бузургро ба анҷом расонидем ва имрӯз ба сӯи фардои осудаву обод устуворона қадам мегузорем.**

Ҳоло ба шарофати хизмати аҳлонаи халқи азизамон ва заҳмату талошҳои миллати шарафмандамон се ҳадафи стратегии миллии мо – таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ ба марҳалаи ниҳоии худ наздик расидааст.

Барои кишвари соҳибистиқлоли мо соли 2018 дар самти сиёсати хориҷӣ соли таърихӣ мебошад.

Моҳи марти соли ҷорӣ татбиқи ташаббуси чоруми Тоҷикистон доир ба ҳалли яке аз мушкилоти ҷиддитарини башарият, яъне об таҳти унвони “Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” аз тарафи Созмони Милали Муттаҳид расман оғоз гардид.

Яъне ибтикори кишвари мо дар давоми даҳ соли минбаъда дар миқёси сайёра амалӣ мешавад.




Ҳамчунин, моҳи марти соли равон сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Мирзиёев Шавкат Мирамонович ба кишвари мо ва моҳи августи соли ҷорӣ сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор гардида, дар натиҷаи музокироти сатҳи олӣ тамоми мушкилоту масъалаҳои дар давоми беш аз ду даҳсола миёни ду кишвари ҳамсоя бавуҷудомада ҳаллу фасл ва бартараф гардиданд.

Имрӯз Тоҷикистону Ӯзбекистон на танҳо ҳамчун ҳамсояҳои наздиктарин бо ҳам ёру баро-

дар, балки шарикони стратегӣ мебошанд, ки ин, албатта, мояи ифтихор аст.

**Ҳамдиёрони арҷманд!**

Таърихи башар собит намудааст, ки ҳифзи истиқлолияту озодӣ кори бисёр сангину душвор мебошад.

Аз ин лиҳоз, ҳар фарди бонангу номуси кишвар бояд ба қадри ин неъмати бебаҳо расад ва барои ҳимояи ин дастоварди бузурги таърихӣ ҳамеша омода бошад.

Муҳимтарин вазифаи шаҳрвандӣ ва қарзи фарзандии ҳар як сокини мамлакат, бахусус, наврасону ҷавонон аз он иборат аст, ки Тоҷикистони азизамонро сидқан дӯст доранд ва онро чун гавҳараки чашм ҳифз намоянд.

Раванди бисёр мураккабу пурпечутоби ҷаҳонишавӣ ва таҳдиду хатарҳои торафт афзояндаи замони муосир моро ҳушдор медиҳанд, ки нисбат ба ҳар вақти дигар ҳушёр бошем, зиракии сиёсиро аз даст надиҳем ва давлати соҳибистиқлоли худро аз таъсири тазодҳои ҷаҳони имрӯза эмин нигоҳ дошта, ба хотири фардои ободу осуда саъю талоши бештар кунем.

Имрӯз ҳифзи сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, таҳкими ваҳдати миллӣ ва заҳмати содиқонаву софдилона барои рушди давлати соҳибистиқлоли тоҷикон ва болоравии нуфузу обрӯи он дар арсаи байналмилалӣ вазифаи ҳар шаҳрванди ватандӯст ва бонангу номуси кишвар мебошад, чунки ояндаи ободи сарзамини аҷдодиамон аз ин омилҳо вобастагии мустақим дорад.

Мо – хурду бузурги кишвар бояд ба хотири истиқболи арзандаи ҷашни сисолагии истиқлолияти Тоҷикистони маҳбубамон боз ҳам бештар заҳмат кашем, корхонаҳои нави истеҳсолӣ бунёд кунем, иқтидори иқтисодӣ ва имкониятҳои содиротии мамлакатро тақвият бахшем, ҷойҳои нави кор муҳайё намоем, сатҳу сифати зиндагии халқамонро мунтазам баланд бардорем, Ватани азизамонро то дурдасттарин гӯшаҳои он ободу пешрафта гардонем ва собит созем, ки Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол дар ҷомеаи мутамаддини асри бисту як ҷойгоҳ ва мақоми шоистаи худро дорад.

Ман ба азму иродаи мардуми соҳибмаърифату тамаддунсози тоҷик ва ҳар фарди бонангу номуси миллат эътимоди комил дорам ва хуб медонам, ки онҳо барои таҳкими дастовардҳои истиқлолият, ҳимояи озодӣ, пешрафти давлат ва ободии Ватани маҳбубамон – Тоҷикистон минбаъд низ тамоми талошу кӯшиши худро сафарбар месозанд.

Бо изҳори ин ниятҳои нек бори дигар ҷашни фархундаи 27-умин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба кулли мардуми шарифи кишвар ва ҳамватанони бурунмарзӣ самимона табрик мегӯям.

Ба хурду бузурги Тоҷикистони соҳибистиқлол тандурустиву саодати рӯзгор ва ба кишвари маҳбубамон сулҳу суботи абадӣ, ваҳдати ҷовидонаи миллӣ ва пешрафту тараққиёти рӯзафзун орзу менамоям.

Ҷашни истиқлолу озодӣ муборак бошад, ҳамватанони азиз!

**www.president.tj**

### ШӮРОИ МИЛЛИИ СУБОТИ МОЛИЯВӢ ТАЪСИС ЁФТ

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯрои миллии суботи молиявӣ таъсис дода шуд, ки ба ошкор намудани хатарҳои мунтазам дар низоми молиявӣ ва пешниҳод намудани тадбирҳои коҳиши ин хавфҳо машғул хоҳад шуд.

Ҳайати Шӯрои миллии суботи молиявӣ аз ҷониби ҳукумат тасдиқ шуда, ба он роҳбарони вазорату идораҳое, ки бевосита ба нигаҳдории суботи молиявӣ машғул ҳастанд, дохил мешаванд. Шӯрои миллии суботи молиявӣ на камтар аз як маротиба дар ним сол ҷаласа мегузаронад. Раёсат дар Шӯрои миллии суботи молиявӣ ба дӯши вазири рушди иқтисод ва савдо вогузор шуда, вазири молия муовини ӯ ва раиси Бонки миллии Тоҷикистон котиби ҳамоҳангсози Шӯрои миллии суботи молиявӣ таъин мешавад.

Шӯрои миллии суботи молиявӣ мунтазам бояд суботи молиявиро арзёбӣ намуда, таъсири хатарҳои имконпазири оянда ба онро муайян созад. Таҳия, баррасӣ ва амалисозии нақшаҳои фаврӣ оид ба бартараф намудани таъсири бӯҳронҳои иқтисодӣ ва молиявӣ аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷаи Шӯрои миллии суботи молиявӣ маҳсуб меёбад.

### МУЛОҚОТИ Ҷ.НУРАЛИЕВ БО ҶАНОБИ НЕЙ СЕНГ ВОНГ



23 августи соли 2018 муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев бо ёвари директори идоравии мақомоти монетарии Сингапур ҷаноби Ней Сенг Вонг, ки бо дархости Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи кӯмаки техникии Бонки Осиёии Рушд, барои татбиқи лоиҳаи "Усули се хати муҳофизатӣ" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад, мулоқоти корӣ анҷом дод.

Ҷамолиддин Нуралиев дар баробари пешниҳоди маълумот оид ба навовариҳо ва ислоҳот дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин вобаста ба рушди ҳамкориҳо дар доираи барномаҳои муштарак бо ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ, аз ҷумла, Бонки Осиёии Рушд изҳори қаноатмандӣ намуд.

Номбурда зикр кард, ки лоиҳаи "Усули се хати муҳофизатӣ" барои дастгирии низоми бонкӣ, раванди назорат ва идоракунии амалиётҳо бо мақсади коҳиш додани хавфҳо таҳия карда шудааст. Бо назардошти омӯзиш ва мубодилаи таҷрибаҳои пешқадами бахшҳои гуногуни низоми бонкӣ дар амал татбиқ намудани лоиҳаи мазкур мувофиқи мақсад дониста мешавад.

"Бонки миллии Тоҷикистон барои расидан ба мақсади асосии сиёсати макропруденсиалӣ, яъне мусоидат намудан дар нигоҳдошти суботи низоми молиявии кишвар як қатор тадбирҳои ислоҳотӣ татбиқ намуда истодааст ва истифодаи мушовирони байналмилалӣ, ки дар ин самт таҷрибаи муайян доранд, ба манфиати кор хоҳад буд", - қайд кард Ҷамолиддин Нуралиев.

Ёвари директори идоравии мақомоти монетарии Сингапур ҷаноби Ней Сенг Вонг қайд намуд, ки омода аст, дар доираи таҷриба ва малакаи мавҷуда ҷиҳати ҳамкорӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон дар татбиқи лоиҳаи "Усули се хати муҳофизатӣ", инчунин, таъмини ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои Тоҷикистон мусоидат намояд. Аз ҷумла, номбурда афзуд, ки баҳри густариши ҳамкорӣ бо истифода аз воситаҳои дахлдори сиёсати макропруденсиалӣ бо дарназардошти вазъи мавҷудаи низоми бонкӣ, баррасии натиҷаҳо ва тавсияҳо бо сохторҳои дахлдори БМТ фаъолият хоҳад намуд.

### ТҚ "ДУШАНБЕ СИТИ" БА ФАЪОЛИЯТ ОҒОЗ НАМУД

Мутобиқи моддаи 42-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" ва моддаҳои 14 ва 21-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд", бинобар иваз шудани номи ҶДММ ТАҚХ "Авфар" ба ҶДММ ТАҚХ "Душанбе Сити", бо қарори навбатии Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон таҳти №96 аз 13 июли соли 2018, ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Ташкилоти амонатии қарзии хурди "Душанбе Сити" барои анҷом додани амалиёти бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ иҷозатнома дода шуд.

Акнун ташкилоти номбурда ҳуқуқ дорад ба ҷалби амонату пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, додани қарзи хурд, кушодану пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ, интиқоли маблағҳои пулӣ бо фармоиши муштариён, додани кафолат, қарордодҳои форвардӣ ва своп барои худ, амалиёти кассавӣ, амалиёти ҳисоббаробаркуниву мубодилавӣ, бориши кортҳои пардохтии бонкӣ ва амалиёт бо онҳо машғул шавад.

### МАШҒУЛИЯТҲОИ ОМӮЗИШӢ ДАР МАРКАЗИ ТАЪЛИМИИ "ПУГУС"

Бо ташаббуси Бонки миллии Тоҷикистон ва ширкати



машваратии байналмилалии “ISRA Consultancy Sdn”, дар доираи сафари кории ҳайати мазкур ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, рӯзҳои 1-2 августи соли равон дар Маркази таълимии “Пугус”, барои мутахассисони воҳидҳои сохтории дахлдори БМТ дар мавзӯи “Меъёрҳои мақбули ташкилотҳои қарзии исломӣ” семинари таълимӣ баргузор гардид.

Сармушовири Бонки Исломии Рушд Яҳё Алим ур Раҳмон ва мушовири ширкати машваратии байналмилалии “ISRA Consultancy Sdn” доктор Азлина Идрис ба иштирокдорони семинар оид ба муқаррароти стандартҳои вобаста ба кифоятии сармоя (IFSB), хавфҳо ва тартибу роҳҳои ҳисобу китоби кифоятии сармояи ташкилотҳои қарзии исломӣ ва равзанаи исломӣ машғулиятҳои таълимӣ гузарониданд.

Зимни машғулиятҳо мушовирони ширкати машваратии байналмилалии “ISRA Consultancy Sdn”, аъзои Гурӯҳи корӣ оид ба омода кардани лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои фаъолияти бонкии исломӣ ва иштирокдорони семинар дастурамалҳои аз ҷониби БМТ таҳияшуда оиди кифоягии сармоя мавриди омӯзиш ва муҳокима қарор дода шуданд.

## ВОХӮРӢ БО ЯҲЁ АЛИМ УР РАҲМОН

31 июли соли 2018 муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ бо сармушовири Бонки Исломии Рушд ҷаноби Яҳё Алим ур Раҳмон, ки бо сафари корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошт, мулоқоти корӣ анҷом дод. Вохӯрӣ дар доираи татбиқи лоиҳаи кумаки техникии “Рушди бахши маблағгузории исломӣ дар самти танзим ва назорат дар Тоҷикистон”, ки аз ҷониби Бонки Исломии Рушд дастгирӣ меёбад, доир гардид.

Дар рафти мулоқот ҷонибҳо вобаста ба натиҷаи ҳамкории Ширкати машваратии байналмилалии “ISRA Consultancy Sdn” бо Гурӯҳи кории Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати мувофиқа намудани лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзии исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷараёни марҳилаи дуюм суҳбат намуданд.

Зимни мулоқот муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ аз натиҷаи корҳои анҷомдодаи Ширкати машваратии байналмилалии “ISRA Consultancy Sdn” бо Гурӯҳи кории Бонки миллии Тоҷикистон ва муносибатҳои дуҷонибаи мавҷуда изҳори қаноатмандӣ намуда, омодагии низоми бонкии мамлакатро ба ҳамкории боз ҳам зичу судманд дар самти таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии низоми бонкдории исломӣ ва бозомӯзии мутахассисони бонкӣ баъди анҷоми лоиҳаи мазкур изҳор дошт.

Сармушовири Бонки Исломии Рушд ҷаноби Яҳё Алим ур Раҳмон ба фаъолияти Гурӯҳи кории Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ширкати машваратии байналмилалии “ISRA Consultancy Sdh” баҳои хуб дода, пешниҳоди идома додани ҳамкорӣ бо Бонки миллии Тоҷикистонро қобили қабул донист.

Дар рафти вохӯрӣ, ҷонибҳо инчунин, раванди татбиқи лоиҳаи “Рушди бахши маблағгузории исломӣ дар самти танзим ва назорат дар Тоҷикистон” ва баъди анҷоми он, дарёфти роҳҳои нави таҳкими робитаҳо ва дигар масъалаҳои ҳамкорӣ бо Бонки Исломии Рушдро баррасӣ намуданд.



## КОНФРОНС: “АВТОМАТИКУНОНИИ КОРИ ХАЗИНАДОРОН”

Дар Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Гулистон 2-3 августи соли ҷорӣ бо ташаббуси Бонки миллии Тоҷикистон ва ширкати байналмилалии “Томсон Рейтерс” конфронс дар мавзӯи “Автоматикунонии кори хазинадорон” бо иштироки роҳбарон, сардорони департаменти хазинадорӣ ва диллерҳои ташкилотҳои қарзӣ баргузор гардид.

Дар маросими ифтитоҳи чорабинии мазкур муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нура-



лиев изҳор намуд, ки мақсади асосии пайваст шудани Бонки миллии Тоҷикистон ба Низоми электронии савдои "Томсон Рейтерс", пеш аз ҳама рушди бозори байнибонкии асъор ва коғазҳои қиматнок, самаранок истифода бурдани фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ, кам кардани хавфҳои амалиётӣ, таъмин намудани шаффофият ва автоматикунонии амалиётҳои мавҷудбуда, инчунин вусъат додани ҳамкорӣ бахри ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда мебошад.

Сипас, сардори Идораи амалиёт дар бозори озоди Бонки миллии Тоҷикистон Якубов Мирҳаёт доир ба мавзӯи "Татбиқи амалиётҳои монетарӣ бо истифода аз низоми Томсон Рейтерс" муаррифӣ пешниҳод намуд.

Дар идомаи чорабинӣ намояндагони ширкати "Томсон Рейтерс" Максим Бурко, Ержан Сеибек ва Кирилл Бажанов бо рӯнамоҳо дар мавзӯъҳои "Фишангҳои нави автоматикунонии кори хазинадорон", "EIKON. Маркази дастрас намудани манбаи амалиётҳои асъорӣ" ва "Автоматикунонии кори низоми дохилибонкӣ" баромад намуданд.

Кори конфронсро муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев ҷамъбаст намуда, ба намояндагони ширкати "Томсон Рейтерс" барои ташкили ин чорабинии муфид миннатдорӣ баён намуд. Ҷамолиддин Нуралиев аз ҷумла таъкид кард, ки ислоҳотҳои имрӯз дар низоми бонкӣ татбиқшаванда бахри баланд бардоштани мақоми ташкилотҳои қарзӣ дар иқтисодиёт ва барқарор кардани эътимоди аҳолӣ ба низом равона карда шудаанд. Аз ин лиҳоз, ҳамкории судманд бо низоми электронии "Томсон Рейтерс" аз соли 2015 инҷониб, имкон медиҳад, то ба сатҳе ба ин мақсади гузоштаи худ расем.

Дар баробари ин, Ҷамолиддин Нуралиев пешниҳод намуд, ки бахри беҳтар муаррифӣ намудани низоми молиявии ҷумҳурӣ ва ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба кишвар, бояд маълумотҳо роҷеъ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар саҳифаи низоми электронии "Томсон Рейтерс "такмил дода шуда, ҳамгироии низоми автоматишудаи бонкӣ бо низоми электронии "Томсон Рейтерс" ба роҳ монда шавад. Инчунин, бахри таъмин намудани шаффофияти фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон дар низоми электронии "Томсон Рейтерс"саҳифаи алоҳидаи Бонки миллии Тоҷикистон ташкил карда шуда, аз ҷониби ширкати байналмилалии "Томсон Рейтерс" барои такмили ихтисоси хазинадорон ва диллерони ташкилотҳои қарзии Тоҷикистон курсҳои омӯзишӣ ташкил карда шаванд.

Дар хотимаи конфронс, ташкилотҳои қарзие, ки дар низоми мазкур фаъолона иштирок менамоянд ва дар рушди технологияҳои молиявӣ дар бозори байнибонкӣ саҳми назаррас доранд, аз ҷониби ширкати "Томсон Рейтерс" бо мукофотҳои хотирмон қадрдонӣ карда шуданд.

## МАСЪАЛАИ МУБОДИЛАИ ИТТИЛООТИЭЛЕКТРОНӢБАЙНИ КУМИТАИ АНДОЗ ВА БОНКҲО БАРРАСӢ ШУД

27 июли соли 2018 зимни як ҳамоиш дар Бонки миллии Тоҷикистон масъалаҳои татбиқи ҳамоҳангсозӣ ва мубодилаи иттилоот ба таври электронӣ байни Кумитаи андоз ва ташкилотҳои қарзӣ ва роҳҳои тавсеа бахшидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ баррасӣ гардиданд. Дар он намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва масъулини бонкҳо ва анҷуманҳои ташкилотҳои қарзии кишвар иштирок намуданд.

Зимни ифтитоҳи ҳамоиш муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Лола Салимова аҳамияти автоматикунонии раванди гирифтани мактуби ахборотӣ аз Кумитаи андоз бо истифода аз технологияҳои иттилоотии муосир ва ҳамоҳангсозии электронии он бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуд. Ӯ зикр кард, ки ин тағйирот бо мақсади осон кардани раванди кушодани суратҳисобҳои бонкӣ ба муштариён ва вусъат бахшидани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар низоми молиявӣ роҳандозӣ мешавад.



Дар мулоқот намояндагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин масъалаи ворид гардидани иловаҳо ба тартиби гирифтани иҷозатнома барои фаъолияти оператори низоми пардохтӣ ва наҳваи иҷрои талаботи мақомоти андозро ба иштирокдорон шарҳ доданд. Таъмини фаъолияти мунтазами терминалҳои электронии муассисаҳои савдою хизматрасонӣ муҳим арзёбӣ шуд.

Қайд карда шуд, ташкилотҳои қарзӣ муваззаф шудаанд, ки барои таъмини соҳибкорон бо терминалҳои электронӣ ва таъмини фаъолияти мунтазами онҳо тадбирҳои зарурӣ андешанд.

**ПЛАТЕЖНАЯ КАРТА ВСЕГО ЗА 10 СОМОНИ ОТ СПИТАМЕН БАНКА**

Спитамен Банк делает беспрецедентное предложение своим клиентам: за 15 минут вы можете получить платежную карту Корти Милли SpitamenPay с широкой сетью обслуживания по всему миру всего за 10 сомони сроком на пять лет.

Все, что вам нужно – обратиться в ближайший филиал или центр банковского обслуживания Спитамен Банка (адреса здесь https://www.spitamenbank.tj/ru/contacts/filials/), предоставить паспорт с ИНН, заполнить заявку на получение карты на месте и получить ее в течение 15 минут.

Корти Милли SpitamenPay от Спитамен Банка можно пополнить в любое время суток посредством терминалов самообслуживания, а также контролировать онлайн операции и видеть остатки на карте, подключив мобильный и интернет банкинг.

Более того, услуга мобильного кошелька SpitamenPay позволяет оплачивать услуги мобильной связи, интернета, коммунальные услуги и даже погашать кредиты в других банковских учреждениях.

Также Корти Милли SpitamenPay функционирует по всему миру с 0%-ной комиссией для оплаты товаров и услуг и возможностью обналичивать средства.




**БМТ ВА "MASTERCARD" РУШДИ ҲИСОББАРОБАРКУНИҲОИ ҒАЙРИНАҚДИРО БАРРАСӢ КАРДАНД**

Бо ибтикори Бонки миллии Тоҷикистон ва ширкати байналмилалии "Mastercard" масъалаи рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва тамоюли ҷаҳонӣ дар ин самт зимни як ҳамоиши намояндагони сохторҳои давлатӣ, аз ҷумла, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, вазорату идораҳои дахлдори давлатӣ ва ташкилотҳои қарзӣ баррасӣ гардид. Дар он мавзӯъҳои рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ бо истифода аз кортҳои пардохтии бонкӣ, роҳҳои нави пардохтҳои электронӣ ва таъмини амнияти ин амалиётҳо мавриди муҳокима қарор гирифтанд.



Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Лола Салимова зимни суханронӣ ҳадафи асосии баргузории чорабинии мазкурро ошно намудани намояндагони мақомоти давлатӣ ва мутахассисони ташкилотҳои қарзӣ бо равандҳои нави рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар ҷаҳон ва роҳҳои дар амал татбиқ намудани воситаҳои муосири пардохти электронӣ ва таъмини амнияти амалиётҳои ғайринақдӣ арзёбӣ кард.

Намояндагони ширкати байналмилалии "Mastercard" Антон Бороздин, Игор Степанов ва Евгений Балезин дар мулоқот оид ба мавзӯъҳои рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва тамоюли ҷаҳонӣ дар ин самт, татбиқи хизматрасониҳои нав, барномаҳои Smart cities – шаҳри доно, барномаҳо барои баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ, амнияти амалиётҳо бо кортҳои пардохтӣ ва пешгирии амалҳои фиребгароёна баромад намуда, таҷрибаи ширкати байналмилалии "Mastercard"-ро дар ин самтҳо муаррифӣ намуданд.

Дар анҷоми ҳамоиш мутахассисони ширкати байналмилалии "Mastercard" ба саволҳои иштирокдорон посухҳои мушаххас доданд.

## КОРМАНДОНИ БМТ БО МУКОФОТҲОИ ДАВЛАТӢ ҚАДРДОНӢ ШУДАНД

Дар арафаи таҷлили 27-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 августи соли 2018 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои



миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон намояндагони касбу кори гуногунро бо мукофотҳои давлатӣ, рутбаҳои баланди низомӣ ва унвону ҷоизаҳои давлатӣ қадрдонӣ намуданд. Аз он ҷумла, барои дастовардҳои баланд ва фаъолияти самаранок дар хизмати давлатӣ, саҳми арзанда дар рушду инкишофи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон сардори Идораи ҳисобдорӣ-сармуҳосиби Бонки миллии Тоҷикистон Фархуддинов Раҷабалӣ бо Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуд.
4 сентябри соли ҷорӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон ҷаласаи идона бахшида ба таҷлили ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид ва Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ Солеҳзода Ашурбой Абдувоҳид иштирокдорони ҳамоишро бо ин санаи муҳим ва муборак таҳният гуфта, мукофоти мазкурро дар вазъияти тантанавӣ аз номи Сарвари давлат ба Фархуддинов Раҷабалӣ тақдим намуд. Номбурда изҳор кард, ки саҳми Бонки миллии Тоҷикистон дар инкишофи тамоми соҳаҳои иқтисоди мамлакат ва татбиқи сиёсати пулию қарзӣ назаррас буда, аз ҳар кадоми мо тақозо мекунад, барои рушду такомули ин соҳаи ҳаётан муҳим саъю кӯшиш намоем.
Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода зимни суханронии худ, ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон барои қадрдонии кормандони соҳа арзи сипос намуда, аз ҳар корманди бонк даъват ба амал овард, ки бо меҳнати софдилонаву содиқона дар рушди нумуи Ватани азизамон саҳми босазо гузоранд.
Ҳамчунин дар ҷараёни ҷаласа қайд гардид, ки 30 августи соли равон дар қатори кормандони соҳаҳои мухталифи кишвар, сардори шуъбаи тарҷумаи Дастгоҳи Роҳбарияти БМТ, доктори илми филология, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзоҳасан Султонов аз ҷониби Сарвари давлат бо нишони сарисинагии



“Хизмати шоиста” сарфароз гардонида шуд.

## ИСТИҚЛОЛИЯТ РАМЗИ ПОЙДОРИИ ДАВЛАТ АСТ

Бахшида ба 27-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки Роҳбарият ва кормандони Бонки миллии Тоҷикистон 6 сентябри соли равон маҷлиси тантанавӣ баргузор гардид. Зимни ифтитоҳи ҷаласаи идона Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода ҳозиринро ба фарорасии ин санаи фархунда табрику таҳният гуфт. Дар идомаи ҷаласа Ҷамшед Нурмаҳмадзода иброз дошт, ки Истиқлолият воқеан шараф ва номуси ҳар як миллати озодандеш ва соҳибхираду соҳибэҳтиром буда, рамзи саодати миллат ва давлати соҳибихтиёри миллӣ ва нишонаи пойдориву бақои он мебошад. Ташаккули низоми бонкдории ҷавобгӯ ба талаботи муосир дар Тоҷикистон низ бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ муяссар гардид, ки ин низом дар рушди иқтисодии мамлакат ҳамарӯза саҳм мегузорад.
Номбурда қайд намуд, ки маҳз бо ташаббусу дастгирии бевоситаи Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Тоҷикистон ду маротиба ислоҳоти пулӣ гузаронида шуд ва кишвари азизи мо соҳиби пули миллии худ гашт, ки бешубҳа падидаи ниҳоят муҳими сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат





ба шумор меравад.

Бонки миллии Тоҷикистон ва умуман низоми бонкии мамлакат дар даврони Истиқлолият тадриҷан ба низоми умумиҷаҳонии бонкӣ шомил гардид. Ҳамкории наздик бо созмонҳои молиявии байналмилалӣ ва узвият дар ҳайати баъзе аз ин ташкилотҳо ҳамкории низоми бонкии Тоҷикистонро ба низоми бонкии ҷаҳонӣ боз ҳам қавитар гардонд. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ" барои фаъолияти бонкдории исломӣ дар мамлакат роҳ боз намуд.

Сатҳи баланди дониши касбӣ ва маҳорату малака шарти муҳими пешрафти ҳама соҳаҳо, аз ҷумла соҳаи бонкдорӣ ба шумор меравад. Бинобар ин, дар Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади дар сатҳи ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир омода кардани мутахассисони бонкӣ ба таълиму тарбияи кормандон дар дохил ва хориҷи мамлакат таваҷҷуҳи хос зоҳир карда мешавад. Боиси хушнудӣ ва фараҳмандист, ки кормандони Бонки миллии Тоҷикистон низ дар баробари дигар кормандони низоми бонкдории мамлакат бо меҳнати бунёдкорона ва фарҳанги баланди худ дар таҳкими дастовардҳои Истиқлолияти Тоҷикистон саҳм мегузоранд. Мо ифтихор мекунем, ки ду корманди Бонки миллии Тоҷикистон дар арафаи ин ҷашн бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мукофотҳои давлатӣ сарфароз карда шуданд, - қайд намуд Ҷамшед Нурмаҳмадзода.

Дар идомаи чорабинии тантанавӣ, ба муносибати таҷлили ҷашни 27-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фармони Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода як қатор кормандони фаъоли Бонки миллӣ барои хизмати шоиста ва саҳми арзанда дар фаъолияти низоми бонкӣ бо ифтихорномаҳо сарфароз гардонида шуданд.

### БАРРАСИИ ИСЛОҲОТИ ҚОНУНГУЗОРӢ ОИД БА АҲДҲОИ ТАЪМИННОК



Дар Бонки миллии Тоҷикистон бо иштироки намояндагони БМТ, Иттиҳодияи байналмилалии молиявӣ (Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ), вазорату идораҳои дахлдори Тоҷикистон, намояндагони бонкҳою ташкилотҳои қарзии хурд ва анҷуманҳои ташкилотҳои қарзии кишвар мизи мудаввар дар мавзӯи ислоҳоти қонунгузорӣ оид ба аҳдҳои таъминнок баргузор гардид.

Сироҷиддин Икромӣ муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон зимни ифтитоҳи мизи мудаввар дар бораи зарурати ислоҳоти қонунгузорӣ оид ба аҳдҳои таъминнок ва коркарди феҳристи гарав сухаронӣ намуд. Зикр карда шуд, ки ислоҳоти қонунгузорӣ дар ин самт барои беҳбуди қарздиҳӣ ва коҳиши хавфҳои қарзӣ мусоидат мекунанд.

Таъкид шуд, ки гуногунсоҳа кардани таъмини гарав аз рӯи қарзҳо барои корхонаҳои хурду миёна воситаҳои назарраси молиявиро таъмин месозад. Ин яке аз ҳадафи ислоҳоти асосӣ дар низоми муомилоти таъминшуда ё қарздиҳӣ мебошад.

Дар мизи мудаввар Мурат Султонов, мутахассиси пеш-

бари Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ дар мавзӯъҳои ҷанбаҳои асосии ислоҳоти қонунгузорӣ оид ба аҳдҳои таъминнок ва имкониятҳои маблағгузории таҳти гарави амволи манқул ба ҳозирин рӯнамоҳо пешниҳод намуд.

Ба гуфтаи ӯ, ҳоло корхонаҳои хурд ба маблағгузорӣ ниёз дошта, маблағгузории онҳо дар ивази гарави амволи манқул ба рушди минбаъдаи онҳо мусоидат мекунад. Бинобар ислоҳоти қонунгузорӣ дар ин самт ба ин корхонаҳо дар таъмини қарзҳои ҳаётан муҳим ва дигар шаклҳои қарз кӯмак мекунад ва дар ниҳоят ба рушди онҳо ва фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ боис мешавад.

## ПЕРВЫЙ МИКРОФИНАНСОВЫЙ БАНК ОТКРЫЛ КРУГЛОСУТОЧНЫЙ СЕРВИС ПО ДЕНЕЖНЫМ ПЕРЕВОДАМ И ОБМЕНУ ВАЛЮТЫ

Первый Микрофинансовый Банк расширил возможности использования услуги денежных переводов и обмена валют для клиентов. Теперь у всех клиентов есть возможность отправлять и получать денежные переводы в режиме 24/7, то есть круглосуточно и без выходных.

Круглосуточный сервис открыт в филиале банка в Душанбе по ул. Шевченко, 113 (ориентир «Танк»).

Клиент может получать или отправлять денежные переводы по системам Золотая Корона, Контакт, ВестернЮнион, Близко, МаниГрам и Юнистрим.

Первый Микрофинансовый Банк является коммерческим банком, который акцентируется на предоставление качественных и своевременных услуг клиентам. Банк имеет широкую сеть филиалов и центров банковских обслуживаний по всей республике.

## БАНК ЭСХАТА ПЕРВЫМ В ТАДЖИКИСТАНЕ УСПЕШНО ЗАВЕРШИЛ СЕРТИФИКАЦИЮ БЕСКОНТАКТНЫХ КАРТ UNIONPAY




ОАО Банк Эсхата, один из крупнейших коммерческих банков в Таджикистане первым объявляет об успешном завершении проекта по сертификации бесконтактных карт Международной платежной системы UnionPay International.

Теперь клиенты банка смогут беспрепятственно совершать быстрые платежи одним движением посредством Пос-терминалов установленных в торгово-сервисных предприятиях и оснащенных бесконтактной технологией. В начале августа текущего года, впервые в Таджикистане были выпущены карты с поддержкой QuickPass, которые в скором времени станут доступными для всех клиентов и желающих приобрести карты UPI.

QuickPass - это инновационный продукт для бесконтактных платежей UnionPay, совместимый со стандартом EMV. Клиент банка, владелец карты, теперь сможет осуществить платеж посредством бесконтактного платежного терминала. Этот уникальный в своем контенте сервис, предоставляемый UnionPay. Quickpass поддерживается в настоящее время более чем миллионом терминалов по всему миру.

Все это стало возможным благодаря стратегическому партнерству между UnionPay International и Банка Эсхата, оформленному в рамках Меморандума, подписанного в 2017 году.

Данный Меморандум включает широкий спектр взаимовыгодных форм сотрудничества в направлении развития карточного бизнеса, включая, но не ограничиваясь, переводы MoneyExpress, QuickPass, UPI Mobile Wallet, QR Code Payments, онлайн-платежи и другие инновационные продукты, предоставляемые со стороны UnionPay International.

Фактически Банк Эсхата презентовал уникальные дизайны платежных карт на Церемонии подписания двухстороннего Меморандума. Как известно, тогда презентованные продукты были высоко оценены со стороны Президента China UnionPay господина Ши Вэньчао.

Бесконтактный метод осуществления платежей имеет ряд неоспоримых преимуществ, таких как, удобство и безопасность, что является важным условием удовлетворенности клиентов.

## БА ТҶ “ПЛАТЕЖНЫЙ ЦЕНТР”, ҶС «КИВИ БОНК» ВА ҶС “ЮНИСТРИМ” ИҶОЗАТНОМА ДОДА ШУД

Бо қарорҳои Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2018, мутобиқи моддаи 14-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ”, моддаи 18-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият” ва дар асоси моддаи 77-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” ба ТҶ “Платежный Центр”, ҶС «Киви Бонк» ва ҶС “Юнистрим” барои фаъолияти операторҳои низоми пардохтии “Золотая Корона”, “CONTACT” ва "ЮНИСТРИМ" ба мӯҳлати се сол иҷозатнома дода шуд.

Идораи низоми пардохт вазифадор карда шуд, ки дар Феҳристи операторони низоми пардохтӣ сабтҳои дахлдор ворид намояд.

**Маводи ин бахшро хабарнигорони шуъбаи матбуоти БМТ, маҷаллаи "БТҶ" ва "Азия-плюс" таҳия карданд**

# Ҷаласаи Шӯрои бонкҳои марказии АврОсиё дар Тоҷикистон

Бо қарори ҷаласаи 37-уми Шӯрои бонкҳои марказии (миллии) АврОсиё, ки дар Федератсияи Русия баргузор гардид, Ҷумҳурии Тоҷикистон барои доир кардани ҷаласаи навбатии Шӯрои бонкҳои марказии АврОсиё ҳамчун ҷониби масъул ва қабулкунанда муайян шуда буд.



Ҷиҳати татбиқи қарори мазкур, 4-5 июли соли 2018 дар Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон Ҷаласаи 38-уми Шӯрои бонкҳои марказии (миллии) АврОсиё баргузор гардид. Дар кори ҷаласа роҳбарон ва намояндагони бонкҳои марказии ҷумҳуриҳои Арманистон, Белорус, Қазоқистон, Қирғизистон, Федератсияи Русия, Бонки байнидавлатӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкат варзиданд.

Ҷаласаи 38-уми Шӯрои бонкҳои марказии (миллии) АврОсиёро муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ ҳусни оғоз бахшида, ташрифи меҳмононро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон хайрамақдам гуфт. Номбурда, аз ҷумла изҳор дошт: “Мардум ва кишварҳои моро дар баробари расму ойинҳои ҳазорсолаи таърихӣ, муносибатҳои тиҷоратию иқтисодие, ки рушди имрӯзаи онҳо самтҳои нави ҳамкориҳоро муҳайё менамоянд, пайванд месозад”.

Дар идомаи ҷаласа, Сироҷиддин Икромӣ аҳли нишастро бо вазъи макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла таъмини рушди иқтисодиёт, рушди воқеии ММД дар соли 2017 (7,1%) ва панҷ моҳи аввали соли 2018 шинос намуд. Ӯ дар робита ба ин, иброз намуд, ки бо мақсади пешгирӣ намудани таъсири омилҳои беруна ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ як қатор тадбирҳо бо роҳи татбиқи мақсадноки сиёсати пулию қарзӣ ва ислоҳот дар низоми бонкӣ, инчунин беҳтар кардани низоми молиявӣ ва рушди бахши суғурта, ҳимояи ҳуқуқи истифодабарандагони хизматрасониҳои суғуртавӣ андешида шуданд. Дар фароварди сухан Раиси ҷаласа - муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ изҳори боварӣ намуд, ки қарорҳои ҷаласаи мазкур барои вусъат бахшидани ҳамкориҳои минбаъдаи самаранок дар доираи ҳамоиши Шӯрои бонкҳои марказии (миллии) АврОсиё заминаи боз ҳам мустаҳкамтар гузошта, дар хотираи иштирокдорони он таассуроти нек боқӣ хоҳад гузошт.



**Аъзои Шӯро баъди ба охир расонидани муҳокимаи масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа ба бонкҳои марказии (миллии) давлатҳои аъзои Шӯрои АврОсиё ҷиҳати боз ҳам беҳтар кардани фаъолият ва рушди ҳамкориҳо як қатор тавсияҳо доданд.**



Сипас, Шӯрои роҳбарони бонкҳои марказии (миллии) АврОсиё рӯзномаи ҷаласаро тасдиқ намуд, ки он асосан аз масъалаҳои иҷрои қарорҳои ҷаласаҳои 36-37 Шӯро, самтҳои фаъолият ва рушди низоми бонкӣ, вазъ ва тамоюли бозори асъор, маҷмӯи маълумот оид ба пардохтҳои асъории марбут ба гардиши молу хизматрасонӣ, низоми ҳисоббаробаркунӣ тавассути пулҳои электронӣ, вазъи тавозуни пардохт ва тамоюли захираҳои байналмилалӣ, самтҳои асосии сиёсати макропруденсиалӣ, таъмини суботи молиявӣ, фаъолияти Шӯрои машваратии ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва дигар масъалаҳои ҷории Шӯро иборат буд.

Дар ҷараёни маҷлис узви Шӯро - муовини Раиси Бонки марказии Ҷумҳурии Арманистон Арменак Дарбинян, муовини Раиси Раёсати Бонки миллии Ҷумҳурии Белорус Сергей Калечитс, ҷонишини директори Департаменти тадқиқот ва омори Бонки миллии Ҷумҳурии Қазоқистон Саида Агамбаева, муовини Раиси Бонки миллии Қирғизистон Айнура Тезекбаева ва муовини Раиси Бонки маркази Федератсияи Русия Александр Торшин баромад ва дар атрофи масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа муҳокимаронӣ намуданд. Дар кори ҷаласа инчунин роҳбарони сохторҳои калидии Бонки миллии Тоҷикистон ширкат варзида,

бо муҳокимаронихои амиқ ва касбӣ тавајҷӯҳи ҳозиринро ҷалб намуданд, ки мубоҳисаи онҳо муколамаи пурмазмун, муфид ва судмандро дар ҳамоиши масъулини бонкҳои марказии АврОсиё фароҳам овард.

Аъзои Шӯро баъди ба охир расонидани муҳокимаи масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа ба бонкҳои марказии (миллии) давлатҳои аъзои Шӯрои АврОсиё ҷиҳати боз ҳам беҳтар кардани фаъолият ва рушди ҳамкориҳо як қатор тавсияҳо доданд. Аз ҷумла таъкид гардид, ки дар шароити феълӣ барои тобовар шудан ба мушкилиҳои иқтисодӣ ва фишорҳои берунӣ, бонкҳои марказии (миллии) АврОсиёро зарур аст, дар баробари тақвият бахшидани низоми бонкӣ, ислоҳоти сохторӣ ва ниҳодӣ (институтсионалӣ)-ро идома дода, муносибатҳои тарафайнро дар сатҳи сифатан нав ба роҳ монанд.

Дар ҷамъбасти кори ҷаласа аз ҷониби аъзои Шӯрои бонкҳои марказии (миллии) АврОсиё қарор қабул карда шуд, ки Ҷаласаи 39-уми Шӯрои бонкҳои марказии (миллии) АврОсиё тирамоҳи соли ҷорӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон баргузор мешавад.

**Шуъбаи матбуоти БМТ**







# Баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар вазифаи аввалиндарача мебошад



**Дар ҷаласаи васеъи роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон бо роҳбарони ташкилотҳои қарзӣ, ки 20 июли соли 2018 баргузор гардид, ҷамъбасти фаъолияти низоми бонкӣ дар нимсолаи якуми соли 2018 ва вазифаҳо барои нимсолаи дуюми соли 2018 мавриди баррасии иштирокдорон қарор дода шуд.**

Дар оғози ҷаласа раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода изҳор дошт, ки новобаста аз таъсири омилҳои берунӣ нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии кишвар дар нимсолаи аввали соли 2018 нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ мусбат ҷамъбаст гардиданд. Номбурда аз ҷумла чунин гуфт: “Бонки миллии Тоҷикистон дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ

**Муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев дар баробари таҳлили мухтасари вазъи кунунии низоми бонкӣ, пешниҳод намуд, ки фаъолияти Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурд дар ҳамбастагӣ ба роҳ монда шавад.**

Раҳмонро раҳнамои амал қарор дода, ҷиҳати таъмини суботи молиявӣ, татбиқи сиёсати самараноки пулию қарзӣ, солимгардонии низоми бонкӣ ва мусоидат ба рушди устувори иқтисодӣ як қатор тадбирҳои заруриро амалӣ намуд ва баҳри боз ҳам вусъат додани корҳо дар ин самт чораҳои таъхирнопазир андешида истодааст”.

Аҳли нишаст инчунин оид ба иҷрои дастуру супоришҳо дар самти татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Бонки



миллии Тоҷикистон, аз ҷумла нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳо, рушди боэътидоли ҳаҷми пул дар иқтисодиёт, таъмини суботи молиявии низоми бонкӣ, дастрасӣ ба хизматрасонии бонкӣ дар минтақаҳои дурдасти кӯҳистон, вусъат бахшидан ба низоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, бартараф намудани камбудиҳо ҷиҳати роҳ надодан ба қонунвайронкунӣ аз ҷониби кормандони ташкилотҳои қарзӣ ва дигар масъалаҳои пурзӯр намудани назорат дар низоми бонкӣ ибрози назар карданд.

Дар рафти ҷаласа директори Департаменти назорати бонкии БМТ Нурмуҳаммад Шарипов дар мавзӯи "Вазъи низоми бонкӣ дар нимсолаи якуми соли 2018 ва вазифаҳо барои нимсолаи дуюми соли 2018" суханронӣ намуда, ба иштирокдорони ҳамоиш оид ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, вазъи низоми бонкӣ ва низоми пардохт, хавфҳо ва камбудиҳо дар низоми бонкӣ, чораҳои андешидашуда маълумоти муфассал пешниҳод намуд.

Номбурда вобаста ба иҷрои дастуру супоришҳо аз Паёми навбатии Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ ва натиҷаҳои ба дастовардашуда, аз ҷумла, муқаррар намудани сармояи оинномавӣ барои бонкҳои навтаъсис дар ҳаҷми 50 миллион сомонӣ, аз 16 фоиз то 14 фоизи солона кам намудани меъёри бозтамвил, коҳиш додани истифодаи пули нақд дар муомилот ва вусъат ёфтани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, вазъи бозори фурӯши қоғазҳои қиматноки БМТ дар шашмоҳаи якуми соли 2018 иттилоъ дод.

Дар қисмати муҳокимаронии ҷаласа роҳбарияти БМТ ва роҳбарони ташкилотҳои қарзӣ ҷиҳати рушди фаъолият дар низоми бонкӣ бо як қатор пешниҳодҳо баромад намуданд. Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷ.Нурмаҳмадзода диққати роҳбарони ташкилотҳои қарзиро ба масъалаҳои зерин, аз қабили зиёд намудани захираҳои қарздиҳӣ ба иқтисоди миллӣ, ҷорӣ намудани усулҳои идораи корпоративӣ, ба роҳ мондани сиёсати дурусти фоизӣ ва истифода бурдани стратегияи воқеии пешбурди фаъолият, ҳамкории сусти ташкилотҳои қарзӣ бо ассотсиатсияи бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд ҷалб намуда, таъкид кард, ки ҷой надоштани имтиёзҳо барои вусъат додани амалиётҳои ғайринақдӣ барои пешрафти фаъолияти низоми бонкӣ таъсир расонда метавонад. Ӯ дар робита ба вазъи дохилии қурби асъор сухан ронда, нисбати фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, филиалҳои онҳо ва марказҳои хизматрасонии бонкӣ дар самти қурби асъор, роҳ додани ҳолатҳои ғайриқонунии мубодилаи асъор аз ҷониби онҳо эродҳои ҷиддӣ овард. Бинобар ин, барои пешгирӣ кардани чунин ҳолатҳо, ки боиси ба амал омадани хавфҳои асъорӣ мегарданд, ба ташкилотҳои қарзӣ ва воҳидҳои сохтории онҳо дастуру супоришҳои мушаххас дода шуд.

Муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев дар баробари таҳлили мухтасари вазъи кунунии низоми бонкӣ, пешниҳод намуд, ки фаъолияти Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурд дар ҳамбастагӣ ба роҳ монда шавад. Зеро самти фаъолияти ташкилотҳои номбурда,



ин муттаҳид сохтани низомҳои молиявӣ, инчунин ташкили низоми хуб ва пешрафта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Зикр гардид, ки пешниҳоди мазкур бо дарназардошти такроршавии вазифаҳо, бо мақсади кам кардани хароҷот ва самаранок ба роҳ мондани фаъолияти як сохтор манзур гардида, имконияти дар амал татбиқ намудани ин масъала мавриди баррасии ташкилотҳои номбурда дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои қарзӣ қарор дода шавад.

Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории ҷории бонкӣ, ба роҳ мондани сиёсати дурусти фоизӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ, баланд будани маржаи фоизии байни қарзҳо ва пасандозҳо муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Икромӣ Сироҷиддин нуқтаи назари худро баён намуда, аз роҳбарони ташкилотҳои қарзӣ даъват ба амал овард, ки барои рушди низоми бонкӣ рақобати солимро ба роҳ монанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар ҷараёни пешниҳоди ҳисоботи роҳбарони ташкилотҳои қарзӣ раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷ.Нурмаҳмадзода ба онҳо ҷиҳати баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар, манзур намудани хизматрасониҳои мусоиди бонкӣ ба шаҳрвандон, аз ҷумла дар манотиқи дурдасти кишвар, таъмини ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони низоми молиявӣ, мутобиқи меъёрҳо ташкил кардани фаъолият дар марказҳои хизматрасонии бонкӣ, таъмини ташкилотҳои қарзӣ бо пули нақд, аз муомилот гирифтани пулҳои фарсуда ва дуруст ба роҳ мондани идоракунии корпоративӣ дастуру супоришҳои мушаххас дод. Дар баробари ин, таъкид кард, ки барои дуруст ба роҳ мондани сиёсати фоизӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ, таҳия ва пешбурди стратегияи муайяни фоизӣ ҷиҳати паст кардани фоизи қарзҳо ва кам кардани маржаи байни пасандоз ва қарз тадбирҳои саривақтӣ андешида, ба дастрасии молиявии аҳолӣ мусоидат намоянд.

Дар қисмати ҷамъбастии ҷаласа ҷиҳати рушди низоми бонкии кишвар дар нимсолаи дуюми соли 2018 дар назди ташкилотҳои қарзӣ вазифаҳои нав гузошта шуд. Аз ҷумла, ташкилотҳои қарзӣ барои андешидани чораҳои воқеӣ ҷиҳати ҷалби бештари сармояи дарозмуҳлат, баланд бардоштани фарҳанги қарздиҳӣ, такмил ва таҷдиди сиёсати қарзӣ, такмили идоракунии корпоративӣ, баланд бардоштани касбияти кормандон, пурзӯр намудани назорати дохилӣ ва идоракунии хавфҳо, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳо ва ҷорӣ намудани хизматрасониҳои муосири бонкӣ, васеъ намудани доираи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва таъмини соҳибкорон бо терминалҳо, зиёд кардани қарздиҳӣ барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, аз қабили истеҳсолоти хонагӣ, истифодаи имкониятҳои гуногун барои баланд бардоштани боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ вазифадор шуданд.

**Шуъбаи матбуоти БМТ**

| Номгӯи **бонкҳо** | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ АПРЕЛ-ИЮНИ СОЛИ **2018** **ДОРОИҲО** | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **Соли 2018** | **Соли 2017** | Тағйирот **(сомонӣ)** | Тағйирот **(бо фоиз)** |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 3 889 414 446 | 3 099 705 800 | 789 708 646 | 25,5% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 2 772 457 222 | 2 693 699 995 | 78 757 227 | 2,9% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 929 432 346 | 1 755 915 361 | 173 516 985 | 9,9% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 882 965 533 | 1 152 876 623 | -269 911 090 | -23,4% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 637 896 114 | 512 559 359 | 125 336 755 | 24,5% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 595 057 460 | 500 151 084 | 94 906 376 | 19,0% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 343 056 260 | 331 582 964 | 11 473 296 | 3,5% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 280 058 081 | 240 310 712 | 39 747 369 | 16,5% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 204 820 557 | 220 411 435 | -15 590 878 | -7,1% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 173 790 566 | 153 560 937 | 20 229 629 | 13,2% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 103 878 394 | 104 547 523 | -669 129 | -0,6% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 95 462 970 | 108 704 910 | -13 241 940 | -12,2% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 94 282 060 | 108 873 969 | -14 591 909 | -13,4% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 28 726 231 | 78 403 188 | -49 676 957 | -63,4% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ АПРЕЛ-ИЮНИ СОЛИ 2018 ҚАРЗҲО | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2018 | Соли 2017 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 2 061 628 533 | 2 327 004 670 | -265 376 137 | -11,4% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 305 731 685 | 1 212 684 417 | 93 047 268 | 7,7% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 783 770 871 | 995 657 757 | -211 886 886 | -21,3% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 292 879 403 | 269 253 635 | 23 625 768 | 8,8% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 212 898 304 | 205 077 939 | 7 820 365 | 3,8% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 110 366 498 | 73 413 360 | 36 953 138 | 50,3% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 43 314 160 | 32 558 827 | 10 755 333 | 33,0% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 36 628 348 | 42 481 732 | -5 853 384 | -13,8% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 26 839 625 | 29 856 064 | -3 016 439 | -10,1% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 24 591 754 | 53 499 567 | -28 907 813 | -54,0% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 23 524 159 | 22 873 774 | 650 385 | 2,8% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 23 044 459 | 33 091 095 | -10 046 636 | -30,4% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 11 988 741 | 15 813 965 | -3 825 224 | -24,2% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 5 931 891 | 6 267 293 | -335 402 | -5,4% |

| Номгӯи **бонкҳо** | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ АПРЕЛ-ИЮНИ СОЛИ **2018** | **ӮҲДАДОРИҲО** | | |
|---|---|---|---|---|
| | **Соли 2018** | **Соли 2017** | Тағйирот **(сомонӣ)** | Тағйирот **(бо фоиз)** |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 3 510 812 636 | 2 765 400 027 | 745 412 609 | 27,0% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 2 091 744 371 | 2 148 270 474 | -56 526 103 | -2,6% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 615 470 063 | 1 467 900 541 | 147 569 522 | 10,1% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 799 279 474 | 1 075 663 442 | -276 383 968 | -25,7% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 553 492 499 | 446 979 326 | 106 513 173 | 23,8% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 485 076 918 | 413 438 748 | 71 638 170 | 17,3% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 290 294 419 | 278 749 431 | 11 544 988 | 4,1% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 177 020 368 | 144 119 724 | 32 900 644 | 22,8% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 144 016 516 | 236 556 022 | -92 539 506 | -39,1% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 90 529 547 | 72 792 577 | 17 736 970 | 24,4% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 53 439 995 | 56 589 553 | -3 149 558 | -5,6% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 41 569 928 | 58 694 203 | -17 124 275 | -29,2% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 17 568 118 | 68 882 676 | -51 314 558 | -74,5% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 862 899 | 1 577 315 | -714 416 | -45,3% |

## ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ АПРЕЛ-ИЮНИ СОЛИ 2018 ◘ ПАСАНДОЗҲО

| Номгӯи бонкҳо | Соли 2018 | Соли 2017 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
|---|---|---|---|---|
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 3 040 504 830 | 2 336 434 660 | 704 070 170 | 30,1% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 1 245 214 289 | 1 294 126 543 | -48 912 254 | -3,8% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 006 974 994 | 838 658 751 | 168 316 243 | 20,1% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 527 878 903 | 819 854 656 | -291 975 753 | -35,6% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 485 299 499 | 394 838 721 | 90 460 778 | 22,9% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 379 708 469 | 301 179 692 | 78 528 777 | 26,1% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 171 531 128 | 127 476 335 | 44 054 793 | 34,6% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 48 989 316 | 35 173 885 | 13 815 431 | 39,3% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 41 690 672 | 43 624 274 | -1 933 602 | -4,4% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 31 527 108 | 33 911 347 | -2 384 239 | -7,0% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 24 421 941 | 31 852 590 | -7 430 649 | -23,3% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 6 639 589 | 17 989 893 | -11 350 304 | -63,1% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 2 520 986 | 4 489 364 | -1 968 378 | -43,8% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 497 462 | 274 100 | 223 362 | 81,5% |

| Номгӯи **бонкҳо** | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ АПРЕЛ-ИЮНИ СОЛИ **2018** **САРМОЯ** | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **Соли 2018** | **Соли 2017** | Тағйирот **(сомонӣ)** | Тағйирот **(бо фоиз)** |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 680 712 851 | 545 429 521 | 135 283 330 | 24,8% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 378 601 810 | 334 305 773 | 44 296 037 | 13,3% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 313 962 283 | 288 014 820 | 25 947 463 | 9,0% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 109 980 542 | 86 712 336 | 23 268 206 | 26,8% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 103 037 713 | 96 190 988 | 6 846 725 | 7,1% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 103 015 495 | 102 970 208 | 45 287 | 0,0% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 84 403 615 | 65 580 033 | 18 823 582 | 28,7% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 83 686 059 | 77 213 181 | 6 472 878 | 8,4% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 83 261 019 | 80 768 360 | 2 492 659 | 3,1% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 60 804 041 | -16 144 587 | 76 948 628 | 476,6% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 52 761 841 | 52 833 533 | -71 692 | -0,1% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 52 712 132 | 50 179 766 | 2 532 366 | 5,0% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 42 022 975 | 52 115 357 | -10 092 382 | -19,4% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 11 158 113 | 9 520 512 | 1 637 601 | 17,2% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ АПРЕЛ-ИЮНИ СОЛИ 2018 ◙ ФОИДА | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2018 | Соли 2017 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 43 104 532 | 36 624 361 | 6 480 171 | 17,7% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 20 005 404 | 13 397 153 | 6 608 251 | 49,3% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 17 951 251 | 14 973 810 | 2 977 441 | 19,9% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 16 240 706 | 14 166 939 | 2 073 767 | 14,6% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 8 455 244 | -2 556 934 | 11 012 178 | 430,7% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 5 231 649 | 9 628 884 | -4 397 235 | -45,7% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 3 230 451 | 2 515 472 | 714 979 | 28,4% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 2 909 808 | -78 759 539 | 81 669 347 | 103,7% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 1 780 420 | 5 868 793 | -4 088 373 | -69,7% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 1 412 826 | 926 468 | 486 358 | 52,5% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 1 056 869 | -10 301 497 | 11 358 366 | 110,3% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 59 771 | 22 574 | 37 197 | 164,8% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | -776 113 | -11 574 301 | 10 798 188 | 93,3% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | -3 457 275 | -3 042 428 | -414 847 | -13,6% |

# Таваррум дар нимсолаи аввал 0,9 фоизро ташкил дод



Дар ҷараёни нишасти матбуотии Бонки миллии Тоҷикистон, ки 25 июли соли 2018 барои намояндагони Воситаҳои ахбори оммаи дохиливу хориҷи кишвар баргузор гардид, дар он ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти бонк ва низоми бонкии мамлакат дар нимсолаи якуми соли равон аз ҷумла, амалӣ гаштани сиёсати пайгирона ва самарабахши сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ, таъмини рушди муътадили ҳаҷми пул дар иқтисодиёт, нигоҳдории сатҳи зарурии нархҳо, суботи молиявӣ ва мусоидат ба рушди устувори иқтисодиёт баррасӣ гардиданд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода нахуст иброз дошт, ки Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини суботи молиявӣ, татбиқи сиёсати самараноки пулию қарзӣ, солимгардонии низоми бонкӣ ва мусоидат ба рушди устувори иқтисодӣ як қатор тадбирҳои заруриро амалӣ намуда, баҳри боз ҳам вусъат додани корҳо ва ноил гардидан ба ҳадафҳои пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои таъхирнопазир андешида истодааст.

## НИШОНДИҲАНДАҲОИ МАКРОИҚТИСОДӢ

### Афзоиши воқеии ММД 7,2%-ро ташкил дод

Тавре номбурда қайд намуд, дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ ҳаҷми ММД ба 27,7 млрд. сомонӣ баробар шуда, афзоиши воқеии он 7,2 фоизро ташкил дод, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,2 банди фоизӣ зиёд мебошад. Рушди иқтисодиёт, пеш аз ҳама, аз ҳисоби афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ – 16,9 фоиз, кишоварзӣ - 8,5 фоиз, сохтмон - 33,1 фоиз ва гардиши савдои чакана - 7,9 фоиз ба даст омад.

## САТҲИ ТАВАРРУМ БА 0,9% БАРОБАР ШУД

Дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ сатҳи таваррум 0,9 фоизро ташкил намуд, нисбат ба ҳамин давраи соли пешин ба андозаи 5,0 банди фоизӣ камтар мебошад.

Ин нишондоди муътадил дар натиҷаи мувозинати талаботу пешниҳодот дар бозори истеъмолӣ ва истифодаи босамари фишангҳои монетарӣ нигоҳ дошта шуда, аз ҳадафи мақсадноки муайянгардида (7 (±2%) фоизи солона) пасттар мебошад.

Ҷамшед Нурмаҳмадзода иброз дошт, ки дар ин давра фишангу воситаҳои муосири монетарӣ дар ҳамоҳангӣ бо меъёри бозтамвил бо назардошти таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ мавриди истифода қарор дода шуда, меъёри бозтамвил



қурби расмӣ ва қурби нақдӣ аз 3,4 фоиз дар санаи 30.04.2018 то ба 1,9 фоиз дар интиҳои нимсолаи якум баробар гардид.

Тағйирёбии қурби доллари ИМА дар нимсолаи аввали соли 2018 бо сабаби паст шудани қурби рубли русӣ нисбат ба доллари ИМА, зиёд гардидани тавозуни манфии савдо, афзудани фаъолияти истеҳсолию тиҷоратӣ, афзоиши хароҷоти асъории буҷети давлатӣ барои сохтмони иншооти муҳими стратегӣ ва таъсири омилҳои мавсимӣ ба амал омад.



тадриҷан аз 16,0 фоиз то 14,0 фоиз паст карда шуд.

Ҳамзамон, таъкид намуд, ки ҷиҳати ба танзим даровардани ҳаҷми пул дар муомилот, пешгирӣ намудани фишорҳои қурбӣ ва таваррумӣ дар давраи ҳисоботӣ 78 музоядаи коғазҳои қиматнок ба маблағи 9,0 млрд. сомонӣ гузаронида шуд, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,3 маротиба ё ба маблағи 5,1 млрд. сомонӣ зиёд мебошад. Дар доираи фишанги нави амонатҳои шабонарӯзӣ (овернайт) - 7,4 млрд. сомонӣ амонатҳои шабонарӯзӣ (овернайт) аз ташкилотҳои қарзӣ ҷалб гардид.

## СИЁСАТИ ҚУРБӢ ВА АСЪОРӢ
### Коҳиши қурби расмии сомонӣ

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон изҳор намуд, ки татбиқи сиёсати қурбӣ дар асоси талабот ва пешниҳоди асъори хориҷӣ дар бозори дохилӣ амалӣ гардида, дар моҳҳои январ – июни соли ҷорӣ қурби расмии сомонӣ нисбат ба доллари ИМА 3,8 фоиз коҳиш ёфт (дар ҳамин давраи соли 2017 коҳишёбӣ ба 12 фоиз баробар буд). Фарқияти байни

**Дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ сатҳи таваррум 0,9 фоизро ташкил намуд, нисбат ба ҳамин давраи соли пешин ба андозаи 5,0 банди фоизӣ камтар мебошад.**



дар баробари ин 2 ташкилоти нав таъсис гардид.

Дар моҳҳои январ - июни соли 2018 дороиҳои умумии ташкилотҳои қарзӣ ва ӯҳдадориҳои онҳо мутаносибан 20,7 млрд. сомонӣ ва 14,9 млрд. сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ҳаҷми дороиҳо - 4,3 фоиз ва ӯҳдадориҳо - 2,8 фоиз зиёд гардиданд. Ҳамзамон сармояи тавозунӣ 8,3 фоиз афзоиш ёфта, ба 5,8 млрд. сомонӣ баробар гардид.

Даромаднокии дороиҳои

Қайд гардид, ки дар нимсолаи аввали соли равон бо мақсади идораи самаранок ва афзун намудани захираҳои байналмилалӣ амалиётҳои хариди филизоти қиматбаҳо ва асъори хориҷӣ дар бозорҳои дохилию хориҷӣ вусъат дода шуда, ҳаҷми захираҳои умумии байналмилалӣ ба санаи 30 июни соли 2018 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,7 маротиба зиёд гардид ва таъминнокии моҳи воридотии онҳо аз 3,3 моҳ то ба 5,0 моҳи воридотӣ расонида шуд.



## НИЗОМИ БОНКӢ
### Дороӣ ва ӯҳдадориҳо афзуданд

Ҷамшед Нурмаҳмадзода дар идомаи вохӯрӣ бо рӯзноманигорон гуфт, ки дар натиҷаи татбиқи ислоҳоти гузариши низоми бонкӣ аз миқдор ба сифат ба ҳолати 30 июни соли ҷорӣ дар низоми бонкӣ 82 ташкилоти қарзӣ, аз ҷумла 17 бонк, 26 ташкилоти амонатии қарзии хурд, 7 ташкилоти қарзии хурд ва 32 фонди қарзии хурд фаъолият менамоянд.

Дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ 4 ташкилоти маблағгузории хурд барҳам дода шуда, ташкилотҳои қарзӣ (ROA) 1,4 фоиз ва даромаднокии сармоя (ROE) 5,1 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта мутаносибан 1,8 банди фоизӣ ва 6,6 банди фоизӣ зиёд мебошад.

Қайд гардид, ки агар дар соли 2017 танҳо 10 бонк ва

ташкилотҳои маблағгузории хурд фаъолияти худро бо фоида ҷамъбаст намуда бошанд,, дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ 14 бонк ва ташкилотҳои маблағгузории хурд фаъолияти худро бо фоида ҷамъбаст карданд.

Барои таъмини пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ механизми фишангҳои нави сиёсати монетарӣ – қарзҳои рӯзона (интрадей), шабонарӯзӣ (овернайт) ва музоядаҳои қарзӣ тавассути платформаи электронии байнибонкӣ роҳандозӣ





**Дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми қарзҳои хурди аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ додашуда 2,3 млрд. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 22,4 фоиз зиёд мебошад.**

гардида, тавассути фишангҳои мазкур қарзҳои кӯтоҳмуҳлат бо пули миллӣ дар ҳаҷми 222,6 млн. сомонӣ дода шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта тақрибан 3,3 баробар зиёд мебошад.

## ҲАҶМИ ҚАРЗҲО КАМ, ВАЛЕ ТЕЪДОДАШОН ЗИЁД ШУД

Изҳор карда шуд, ки дар ин давра ҳаҷми умумии қарзҳои аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба соҳаҳои иқтисодиёт додашуда 3,2 млрд. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,7 фоиз кам мебошад.

Дар баробари ин, таъкид гардид, ки теъдоди қарзҳои додашуда дар ин давра 21,6 фоиз ё 50,5 ҳаз. адад афзоиш ёфта, ба 284,3 ҳаз. адад баробар гардид.

Ин нишондод аз зиёд шудани пешниҳоди қарзҳои хурду



миёна ба муштариён, аз ҷумла ба соҳибкории хурду миёна шаҳодат медиҳад.

Дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми қарзҳои хурди аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ додашуда 2,3 млрд. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 22,4 фоиз зиёд мебошад.

Бояд зикр кард, ки аз ҳаҷми умумии қарзҳои дар ин давра додашуда 33,8 фоизи вазни қиёсӣ ба соҳибкории истеҳсолӣ ва аз рӯи соҳаҳо бошад, ба савдои хориҷӣ 33,4 фоиз, саноат 10,8 фоиз, истеъмолот 23,5 фоиз, хизматрасонӣ 8,3 фоиз, кишоварзӣ 9,8 фоиз, сохтмон 9,0 фоиз, нақлиёт 3,9 фоиз, миёнаравии молиявӣ 0,5 фоиз ва дигар соҳаҳо 0,8 фоиз рост меояд.

Қобили қайд аст, ки ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол тамоюли коҳишёбӣ дошта, дар давраи ҳисоботӣ 32 фоизро ташкил намуд, ки дар муқоиса бо ҳамин давраи соли гузашта 11,3 банди

**Бо мақсади дарёфти роҳҳои ба соҳибкорони истеҳсолӣ пешниҳод намудани қарзҳо бо фоизи нисбатан паст, дар Бонки миллии Тоҷикистон Гурӯҳи корӣ оид ба муайян кардани арзиши аслии қарз таъсис гардида буд ва дар ин самт таҳлилҳо анҷом ёфта, барои паст кардани фоизи қарзҳо бо роҳбарияти ташкилотҳои қарзӣ тавсияҳо дода шуданд.**

фоизӣ ё 1,4 млрд. сомонӣ кам гардиданд.

Коэффитсиенти бозгашти онҳо дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ нисбат ба ҳамин давраи соли 2017 ба 6,9 банди фоизӣ афзуд, ки ин аз фаъол гаштани бозгардонии қарзҳои қаблӣ гувоҳӣ медиҳад.

Раиси БМТ қайд намуд, ки бо мақсади дарёфти роҳҳои ба соҳибкорони истеҳсолӣ пешниҳод намудани қарзҳо бо фоизи нисбатан паст, дар Бонки миллии Тоҷикистон Гурӯҳи корӣ оид ба муайян кардани арзиши аслии қарз таъсис гардида буд ва дар ин самт таҳлилҳо анҷом ёфта, барои паст кардани фоизи қарзҳо бо роҳбарияти ташкилотҳои қарзӣ тавсияҳо дода шуданд.

Илова бар ин, ҷиҳати пешгирӣ ва ё аз байн бурдани ҳама гуна монеаҳои сунъӣ, аз қабили дархости ҳуҷҷатҳои зиёдатӣ, ташкилотҳои қарзӣ дастур гирифтанд, ки сиёсати қарзии худро ҷиҳати сода кардани тартиби додани қарз, бо назардошти коста нагардидани мавқеи ташкилоти қарзӣ ҳангоми баррасии судии қарзҳо ва ба инобат гирифтани хавфҳои бонкӣ аз нав дида бароянд.

## АМОНАТҲО 9,3 МЛРД. СОМОНИРО ТАШКИЛ ДОДАНД

Дар мавриди пасандозҳо номбурда ба намояндагони Воситаҳои ахбори омма иттилоъ дод, ки дар ин давра бақияи умумии пасандозҳо дар низоми бонкӣ 9,3 млрд. сомониро ташкил дод ва ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3,6 фоиз зиёд мебошад. Ҳаҷми бақияи пасандозҳо бо пули миллӣ 36,6 фоиз афзоиш ва бо асъори хориҷӣ 14,0 фоиз коҳиш ёфта, ҳиссаи онҳо бо пули миллӣ 45,9 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 54,1 фоизро ташкил дод (дар ҳамин давраи соли 2017 мутаносибан 34,8 фоиз ва 65,2 фоиз буд), ки аз тадриҷан паст шудани сатҳи долларикунонии иқтисодиёт шаҳодат медиҳад.

Зимни мулоқот иброз карда шуд, ки дар самти сармоякунонӣ ва солимгардонии бонкҳои мушкилотдор ва инчунин ҷиҳати баргардонидани қарзҳои батаъхирафтодаи онҳо, Гурӯҳи кории байниидоравӣ аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор таъсис дода шуда, айни замон корҳо дар ин самт идома доранд ва натиҷаи мусбат низ ба даст омадаанд.

> **Дар шаш моҳи соли 2018 дар муассисаҳои савдою хизматрасонӣ бо истифодаи кортҳои пардохтӣ 502 ҳазор адад амалиётҳои ғайринақдӣ ба маблағи 222,4 млн. сомонӣ гузаронида шуданд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2017 аз рӯи шумора 55 фоиз ва маблағи амалиёти гузаронидашуда 27 фоиз афзоиш ёфтааст.**

## НИЗОМИ ПАРДОХТ Ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ вусъат дода мешаванд

Зимни мулоқот бо рӯзноманигорон махсус қайд карда шуд, ки Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади рушди инфрасохтори низоми пардохт, вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, кам намудани истифодаи пули нақд дар муомилот, коҳиш додани сатҳи иқтисодиёти пинҳонӣ ва таъмини шаффофият низ чораҳои зарурӣ андешида, дар самти мазкур аллакай як қатор иқдомҳоро амалӣ намудааст ва ин раванд идома дорад .

Барои мисол, миқдори умумии кортҳои пардохтие, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзии ватанӣ ба муомилот баровarda шудаанд, ба санаи 30 июни соли ҷорӣ 1746,6 ҳаз. ададро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3,6 фоиз зиёд мебошад. Миқдори дорандагони кортҳои пардохтӣ бошад, 1713,4 ҳазор нафарро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 3,0 фоиз зиёд мебошад.

Шумораи банкоматҳо ва терминалҳои электронӣ дар ҷумҳурӣ мувофиқан 679 адад ва 3935 ададро ташкил намуда, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта шумораи банкоматҳо 58 адад кам ва шумораи терминалҳои электронӣ 950 адад зиёд гардиданд. Аз ҷумла, дар нуқтаҳои пешниҳоди пули нақд 1389 адад ва дар

муассисаҳои савдо ва хизматрасонии кишвар 2546 адад терминалҳои электронӣ насб карда шудаанд.

Дар шаш моҳи соли 2018 дар муассисаҳои савдою хизматрасонӣ бо истифодаи кортҳои пардохтӣ 502 ҳазор адад амалиётҳои ғайринақдӣ ба маблағи 222,4 млн. сомонӣ гузаронида шуданд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли 2017 аз рӯи шумора 55 фоиз ва маблағи амалиёти гузаронидашуда 27 фоиз афзоиш ёфтааст.

## БА МУРОҶИАТИ ШАҲРВАНДОН ТАВАҶҶУҲИ ХОСА ЗОҲИР КАРДА МЕШАВАД.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон изҳор намуд, ки дар самти ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ диққати ҷиддӣ дода шуда, қабули муроҷиати шаҳрвандон тариқи шифоҳӣ, телефонӣ, хаттӣ ва тавассути сомонаи расмӣ ба роҳ монда шудааст. Барои мисол, дар нимсолаи аввали соли 2018 дар маҷмӯъ 1 654 адад дархосту шикояти муштариён тибқи тартиби муқарраргардида қабул ва мавриди ҳаллу фасл қарор дода шудаанд.

## НАҚШАҲОИ ВОҚЕӢ ВА СОЗАНДА АМАЛӢ МЕГАРДАНД

Дар айни замон, гуфт Ҷамшед Нурмаҳмадзода, Бонки миллии Тоҷикистон дар самти татбиқи сиёсати монетарӣ ва ҳамоҳангсозии он бо сиёсати фискалӣ чораҳои зарурӣ андешида истодааст. Дар ин ҷода ҷиҳати таҷдиди барномаи солимгардонии молиявии бонкҳо бо истифода аз механизмҳои муосир, баланд бардоштани пардохтпазирии бонкҳо, назорати қатъӣ аз рӯи пешниҳоди қарзҳо ва пардохти саривақтии онҳо, идоракунии самараноки дороиҳо ва уҳдадориҳои низоми бонкӣ ва дар маҷмӯъ ҷиҳати устувории низоми бонкии кишвар ислоҳотро идома дода истодааст.

Фаъолияти устувори низоми бонкӣ яке аз омилҳои асосии таъмини суботи молиявӣ ва рушди иқтисодии кишвар ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, ҷиҳати таҳкими механизмҳои назоратии устувории молиявӣ, тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №331 аз 21 июни соли 2018, Шӯрои миллии суботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст, ки барои пешгирӣ ва бартараф намудани таъсири манфии хавфҳои эҳтимолӣ ва бухронҳои иқтисодию молиявӣ ба иқтисодиёти кишвар, мусоидат менамояд.

Дар баробари нуктаҳои дар боло зикршуда, мавсуф махсус таъкид намуд, ки Бонки миллии Тоҷикистон тибқи дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи иқтидору имкониятҳои худро ҷиҳати ноил гардидан ба мақсаду вазифаҳои гузошташуда равона намуда, дар ҳамкорӣ бо Ҳукумати Ҷумҳурӣ бахри саривақт иҷро намудани онҳо ва таъмини устувории низоми бонкии кишвар тамоми чораҳои зарурира меандешад.

## БАХШИ САВОЛУ ҶАВОБ ҶОЛИБУ СУДМАНД ГУЗАШТ

Чун анъана дар бахши пурсишу посухи нишасти матбуотӣ, ки барои ҳарду ҷониб ҷолибу судманд арзёбӣ мешавад, намояндагони Воситаҳои ахбори оммаи дохилию хориҷӣ ба саволҳои худ дар мавриди сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ, ислоҳот дар низоми бонкӣ, барномаи нави ХБА барои Тоҷикистон, тағйирот ба қонунгузории мавҷудаи бонкӣ, тағйирёбии меъёри бозтамвил, қурби доллари ИМА, вазъи макроиқтисодӣ, идомаи фурӯши евробондҳо, сатҳи таваррум, саҳми бонкҳои хориҷӣ дар бонкҳои Тоҷикистон, ҷалби маблағгузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёт, дурнамои ҳалли бухрони низоми бонкӣ, истифодаи кортҳои пардохтӣ, интиқоли маблағҳо дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ, роҳандозии бонкдории исломӣ, ҳаҷми пули миллии дар муомилотбуда, сатҳи эътимоднокии мардум ба низоми бонкӣ посухҳои мушаххас ва пурра гирифтанд.

**Таҳияи**
**Абдуғаффор Қурбонов,**
**"БТҶ"**



# РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ ИҚТИСОДИИ КИШВАРҲОИ АЪЗОИ ИДМ ТАЪМИН МЕГАРДАД

Дар замони муосир дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт масъалаи рушди ҳамгироӣ дар минтақа барои кишварҳои узви ИДМ ба масъалаи муҳими байналмилалӣ табдил ёфтааст. Аксарияти давлатҳои аъзои иттиҳоди номбурда бо дарки аҳамияти ҳамгироӣ барои пешрафти кишварҳои худ дар замони муосир сиёсатҳои худро барои рушди ҳамгироӣ равона кардаанд.

Маҳз рушди ҳамгироӣ, кӯмак ба ҳамдигар, ҳамкориҳои мутақобилан судманд метавонанд дар ҳали мушкилоти иҷтимоию иқтисодии дохилии ҳар кишвар мусоидат намуда, некӯаҳволии ҷомеаҳоро дар минтақа таъмин кунад. Бо ҳамин ғоя давоми 25 сол аст, ки ИДМ дар саҳнаи сиёсатҳои ҷаҳон бо мақсади ҳамгироии бештари кишварҳои аъзои он арзи вуҷуд мекунад.

**Дар айни замон барои кишварҳои аъзои ИДМ панҷ самти стратегии иқтисодӣ муайян шудааст, ки густариши муносибатҳо дар ин самтҳо масъалаи имрӯзу фардои ИДМ аст.**

Кишвари мо - Тоҷикистон соли 2018 раёсати ИДМ-ро дар ихтиёр дорад. Тоҷикистон барномаи раёсат дар ИДМ ва нақшаи иҷрои онро таҳия карда, барои татбиқи ҳадафмандонаи он ҳамаҷониба саҳм мегузорад. Дар ин давра тақвияти ҳамкориҳои кишварҳо дар баробари мубориза бо терроризму ҳамкориҳои низомию амниятиву дифоъӣ дар заминаҳои иқтисоду энергетика, саноат, нақлиёт, кишоварзӣ, иҷтимоӣ,

муҳоҷират, масоили башарӣ ва нававарӣ аз самтҳои бартари ҳамгироии дуҷониба ва чандҷонибаи кишварҳои узви ИДМ ба шумор меравindependent. Дар ҳамин замина татбиқи Барномаи рушди иқтисодии ИДМ барои давраи то соли 2022 ва Аҳдномаи минтақаҳои озоди тиҷоратӣ махсус таъкид карда мешавад.

Бояд гуфт, ки барои давлатҳои аъзои ИДМ ҳамкории иқтисодӣ аз самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Тавре мушоҳидаҳо дар давоми 25 соли мавҷудияти ИДМ нишон доданд, омилҳои дарозмуддати иқтисодӣ гоҳо аз омилҳои сиёсӣ бартарият пайдо мекунанд. Зеро маҳз иқтисодиёт дар оянда рушди ин ё он давлатро муайян менамояд. Бинобар ин, баъзан ба назар мерасад, ки масъалаҳои иқтисодӣ масъалаҳои сиёсиро зери сояи худ гирифтаанд.

Зимнан, ҳар як давлат дар навбати худ, соҳаҳои афзалиятнок ва рақобатпазири худро дорад, ки метавонад, онҳоро мустақилона тавсиа бахшад ва ё дар ҳамкорӣ бо давлатҳои ҳамсоя густариш диҳад. Масалан, Тоҷикистону Қирғизистон захираҳои энергетикии обии бузург доранд, ки чунин имкониятҳоро давлатҳои дигари минтақа дар ихтиёр надоранд. Баръакс, баъзе давлатҳои минтақа захираҳои дигари табиие доранд, ки истифодаи онҳо рушди ин кишварҳоро таъмин хоҳад кард. Масалан, Туркманистону Озарбойҷон, ки захираҳои азими нафту газро

**Солҳои 2000-ум, кишварҳои ИДМ бо раванди мусбати рушди бо суръати баланд, ки дар заминаи афзоиши истеҳсолоти саноатӣ ва шарикии молиявии мусоид дар бозорҳои хориҷӣ, ки дар паи афзоиши нархҳои ҷаҳонии молҳои асосии содиротии ин минтақа ба вуҷуд омада буд, фарқ мекарданд.**

дар ихтиёр доранд, асоси сиёсати иқтисодии худро рӯи фурӯши ин захираҳо муқаррар кардаанд.

Давлатҳои дигаре ҳастанд, ки ин гуна имкониятҳои табииро надоранд ва роҳҳои рушдро тавассути бунёд ё таҳкими иқтисодиёти бидуни чунин захираҳо ҷустуҷӯ мекунанд. Дар ҳамин гуна ҳолат зарурати ҳамкории иқтисодии кишварҳои минтақа, доду гирифти онҳо, табодули молу маҳсулот дар байни онҳо ва муносибатҳои башардӯстонаи онҳо ба вуҷуд меояд.

Ҳамкориҳои мутақобилан судманди кишварҳои аъзои ИДМ бо назардошти ҳамин зарурат ба роҳ монда шудааст. Дар давоми солҳои охир иқтисоди кишварҳои минтақа ҳарчанд борҳо ба бухронҳои молиявии ҷаҳонӣ рӯбарӯ шудааст, аммо муносибатҳои иқтисодии кишварҳо идома дошта, ИДМ ҳамчун ташкилоти ба рушди ҳамгироии кишварҳои минтақа мусоидаткунанда, пойдор мондааст. Бино ба маълумоти расмӣ, ИДМ барои бунёди беш аз 70 сохтори соҳавие, ки масъалаҳои гуногунро аз кишоварзӣ сар карда то рушди роҳҳои оҳан фаро мегиранд, мусоидат кардааст.

Дар айни замон барои кишварҳои аъзои ИДМ панҷ самти стратегии иқтисодӣ муайян шудааст, ки густариши муносибатҳо дар ин самтҳо масъалаи имрӯзу фардои ИДМ аст.

Дар байни ин самтҳо аз ҷиҳати муҳимият соҳаи энергетика дар ҷои аввал меистад. Дар ин самт дар ҳудуди ИДМ дар давоми солҳои охир лоиҳаҳои бузурге дар ҳоли иҷро қарор гирифтаанд. Татбиқи лоиҳаҳои сохтмони даҳҳо қисмҳои нерӯгоҳҳои атомӣ дар Русия ва нерӯгоҳҳои обию барқӣ дар Сибиру Шарқи дуру Тоҷикистону Қирғизистон, лоиҳаҳои истифодабарии захираҳои ангишт, ба нақша гирифта шудааст. Ҳоло талабот ба нерӯи барқ дар ҷаҳон хеле баланд аст, аз ҷумла, фурӯши барқ ба Ҳиндустон, Чин ва Аврупо самтҳои муҳими стратегӣ маҳсуб мешаванд. Масалан, Олмон, нақша дорад, ки аз истифодаи нерӯи барқи нерӯгоҳҳои атомӣ дар тамоми қаламрави худ даст кашад ва воридоти баркро аз берун ба роҳ монад.

Масъалаи транзит ва истифодаи якҷояи роҳҳо низ аз масоили умдаи ҳамкориҳои давлатҳо дар доираи ИДМ ба

шумор меравад. Дар замони муосир масъалаи чӣ тавр зудтар интиқол додани бор аз Чин ба Аврупо ва ё баръакс чӣ тавр интиқол додани захираҳо ба Чин бисёр масъалаи муҳим мебошад. Ҷопон, Чин ва Куриёи Ҷанубӣ норасоии захираҳоро сахт эҳсос мекунанд ва роҳҳои камтар кардани хароҷоти интиқоли бору колоро ҷустуҷӯ доранд. Як қисми ҳудуди ИДМ, ки дар байни Чин ва Аврупо ҷой дорад, барои ҳали ин масъала имконияти бузург фароҳам месозад. Бо назардошти самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои кишварҳои узви ИДМ дар соҳаи нақлиёт соли 2008 созишнома оид ба рушди муштараки хатҳои байналхалқии нақлиёт ба имзо расидааст ва лоиҳаи консепсияи рушди стратегии нақлиёти роҳи оҳан низ таҳия шудааст. Бинобар ин, ба ақидаи коршиносон масъалаи ҳамкорӣ дар соҳаи интиқоли molу маҳсулот барои кишварҳои аъзои ИДМ баъд аз энергетика қарор мегирад. Беҳуда нест, ки аллакай Тоҷикистону Қазоқистон ба сӯи Чин роҳҳои нав кушодаанд.

Самти сеюми ҳамгироӣ барои кишварҳои аъзои ИДМ кишоварзӣ мебошад. Имкониятҳо дар ин самт ҳам хело зиёданд. Кишварҳои ИДМ ба нақша гирифтаанд, ки бо назардошти талаботи ҷаҳон ҳаҷми бузурги ғалла ва гӯштро истеҳсол кунанд. Қазоқистон ва Русия ду кишвари аъзои ИДМ ҳастанд, ки дар таъминоти ғалла дар кишварҳои олам нақши намоён доранд. Истеҳсоли зиёди ғалла барои таъмини амнияти ғизоии кишварҳои аъзои ИДМ мусоидат мекунад.

Самти чоруми ҳамкорӣ барои кишварҳои ИДМ истифодаи илму технологияҳои нав ва модернизатсия мебошад. Ҳоло Русия ва Қазоқистон дар масъалаи кайҳоннавардӣ ҳамкорӣ доранд. Тоҷикистон низ пойгоҳи назоратии кайҳонии худ - “Окно”-ро ба Русия ба иҷора додааст. Солҳои охир дар Ӯзбекистон саноати мошинсозӣ рушд ёфта истодааст. Умед аст, ки ҳамкориҳо дар ин самт кишварҳои аъзои ИДМ-ро ба дастовардҳои бузургтар дар соҳаи технологияҳои нав хоҳад расонд.

Самти панҷуми ҳамкорӣ барои кишварҳои аъзои ИДМ муҳоҷират аст. Ҳамкориҳо дар ин самт ба қонунигардонии чараёни муҳоҷират дар байни кишварҳо ва пешгирӣ аз нақзи ҳуқуқи муҳоҷирон кӯмак мерасонад.

Барои ҳамкориҳои босамар дар ин самтҳо татбиқи барномаҳои стратегӣ ва дар амал таъмин намудани иҷрои ӯҳдадориҳои батасвибрасидаи ИДМ зарур аст. Густариши ҳамгироӣ дар байни кишварҳои аъзои ин созмон ба рушди ҳар яки онҳо мусоидат мекунад.

Солҳои охир рушди муносибатҳои иқтисодии кишварҳои ИДМ ба мушоҳида мерасад. Тавре аз омори расмии кишварҳои ИДМ бармеояд, Маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишварҳои аъзои ин созмон тайи солҳои охир пайваста дар ҳоли рушд қарор доштааст. Ин ҳам дар ҳоле, ки бузургтарин кишвари аъзои созмони мазкур - Русия мавриди таҳримҳои байналмилалӣ қарор дорад ва дар саросари ҷаҳон буҳрони молиявӣ ба иқтисодиёт таъсиргузор аст.

Солҳои 2000-ум, кишварҳои ИДМ бо раванди мусбати рушди бо суръати баланд, ки дар заминаи афзоиши истеҳсолоти саноатӣ ва шарикии молиявии мусоид дар бозорҳои хориҷӣ, ки дар паи афзоиши нархҳои ҷаҳонии молҳои асосии содиротии ин минтақа ба вуҷуд омада буд, фарқ мекарданд. Ин раванди мусбати Маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишварҳои ИДМ ба барқарор шудани рушди иқтисодӣ баъди буҳронҳои осиёии солҳои 90-ум алоқаманд буд.

Дар давраи мазкур ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии кишварҳои ИДМ, додуситади молу маҳсулот бо суръат инкишоф ёфт, ки ин ба рушди Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва беҳтар шудани вазъи некӯаҳволии шаҳрвандони минтақа боис гардид. Дар ин замина беш аз ҳама суръати афзоиши Маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишварҳое, ки ба содироти захираҳои энергетикӣ аз ҷумла, нафту газ даст доранд, ба мисли Русия, Қазоқистон, Озарбойҷон ва Туркманистон назаррас буд.

Ҳамчунин Маҷмӯи маҳсулоти дохилии Белорус, ки саноати рушдёфта дораду кишвари транзитӣ ба ҳисоб меравад, босуръат меафзуд. Ҳарчанд дар

оғози солҳои касби истиқлолият ин нишондиҳанда барои Русия ва Украина то сатҳи паст поин рафта буд, аммо ба Қазоқистону Белорус муяссар гардид, ки онро аз уфти шадиддат нигоҳ доранд. Вазъияти сиёсӣ дар Украина дар солҳои охир ба он боис шудааст, ки сатҳи ММД ба ҳар сар аҳолӣ 33% аз пешина коҳиш ёбад.

Ин дар ҳолест, ки дар кишварҳои дигари ИДМ ин нишондиҳанда ба ҳисоби миёна се баробар афзудааст. Аз соли 2000-ум сар карда ММД-и Тоҷикистон босуръат афзоиш пайдо кард.

Дар оғози солҳои истиқлолият сатҳи тавваррум дар тамоми кишварҳои ИДМ баланд буд. Аммо ин нишондиҳанда батадриҷ сол ба сол коҳиш пайдо кард. Умуман, кишварҳои ИДМ тавонистанд нархҳои баландро паст намуда, дар солҳои охир аксарият сатҳи таваррумро дар сатҳи муътадил нигоҳ доранд. Дар соли 2016, сатҳи баланди таваррум дар Украина ва дар соли гузашта дар Озарбойҷон ба мушоҳида расидааст. Дар Тоҷикистон низ сатҳи таварум раванди коҳишёбиро касб кард. Дар соли 2017 ин нишондиҳанда, 6,7 фоизро ташкил дод. Сатҳи баланди таваррум дар соли 2017 дар Қазоқистон ба чашм мерасад, ки 7,1 фоизро ташкил додааст.Сатҳи пасти таваррум дар Арманистон ва Русия мушоҳида гардид, ки соли гузашта он мутаносибан, ба 2,6 ва 2,5 фоиз баробар шудааст.

Дар маҷмӯъ, дар кулли кишварҳои аъзои ИДМ раванди коҳишёбии таваррум дар давоми 10 соли охир ба мушоҳида мерасад. Масалан, ин нишондиҳанда барои Арманистон аз, 6,6 % дар соли 2007 ба 2,6% дар соли 2017 расидааст. Ё барои Русия аз 11,9% дар соли 2007 то 2,5% дар соли 2017 коҳиш ёфтааст. Барои Қирғизистон ин нишондиҳанда аз 20%-и соли 2007 ба 3,7 фоиз дар соли 2017 коҳиш ёфтааст. Таваррум дар Тоҷикистон низ раванди коҳишёбиро касб карда, аз 19,7%-и соли 2007-ум ба 6,7% дар соли 2017 коҳиш ёфтааст. (Нигаред ба ҷадвали 1).

Аз соли 2000-ум сар карда, бозорҳои молиявии ИДМ, аз он ҷумла, бозори хизматрасониҳои бонкӣ рушд пайдо карданд. Бино ба таҳқиқоти Бонки ҷаҳонӣ дар бораи рушди бозорҳои байналмилалии хадамоти бонкӣ дар солҳои 2003-2006 кишварҳои ИДМ аз ҷиҳати суръати қарздиҳии бахши хусусӣ ба пешгомони бозори ҷаҳонӣ табдил ёфтанд.

Баркарор шудани низомҳои миллии бонкии кишварҳои ИДМ афзоиши талабот ба хизматрасониҳои бонкӣ ва маҳсулоти бонкиро ба миён овард. Дар ин давра ҳамгироии низомҳои миллии бонкии ИДМ бо бозорҳои молиявиии ҷаҳонӣ ба вуҷуд омад, ки ба тавсиаи иқтисодиёти кишварҳои ИДМ мусоидати бузург кард.

Дар ҳудуди кишварҳои ИДМ даҳҳо бонкҳои нав ба фаъолият оғоз карданд. Дар давоми солҳои охир ҳаҷми қарздиҳӣ ба иқтисодиёти кишварҳои ИДМ чандин маротиба афзоиш пайдо кард. Масалан, дар Қирғизистон қарздиҳӣ дар давоми солҳои 2006-2017 аз 120 миллион доллари ИМА ба 1,02 миллиард доллар расидааст. Дар солҳои 2006-2016 қарздиҳӣ дар Тоҷикистон низ раванди мусбатро ба худ гирифта, аз 730 миллион доллар то 1,27 миллиард доллар рушд ёфтааст. Ҳамин тариқ, ин нишондиҳанда дар ҳамин давра дар Русия ва Арманистон низ рушди чашмгир дошт. Дар Русия қарздиҳӣ аз 240,54 миллиард доллар дар соли 2006 ба 735,96 миллиард доллар дар соли 2017 расидааст. Дар Арманистон ин нишондиҳанда аз 0,59 миллиард доллар дар соли 2006 ба 5,56 миллиард доллар дар соли 2017 баробар шудааст.

Дар баробари афзоиши қарздиҳӣ дар кишварҳои аъзои ИДМ дар солҳои истиқлолият маҷмӯи амонатҳои шаҳрвандон дар бонкҳо низ ба самти мусбат рушд доштааст. Ҳаҷми бақияи амонатҳо нисбати Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар ташкилотҳои қарзии кишварҳои ИДМ афзудааст. Дар солҳои 2006-2017 ҷалби амонатҳои шаҳрвандон дар Тоҷикистон низ раванди мусбатро ба худ гирифта, аз 340 миллион доллар дар соли 2006 то 1,05 миллиард доллар дар соли 2017 афзоиш ёфтааст. Ҳамин тавр, ҷалби амонатҳои шаҳрвандон ба иқтисодиёт дар ин давра дар Русия низ рушд кардааст. Дар Русия мизони ҷалби амонатҳо аз 219,15 миллиард доллар

## Нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии давлатҳои ИДМ

| Нишондиҳандаҳо | воҳиди ченак | Кишварҳо | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| таваррум | бо фоиз | Ҷумҳурии Арманистон | 5,20 | 6,60 | 5,20 | 6,50 | 9,40 | 4,70 | 3,20 | 5,60 | 4,60 | - 0,10 | - 1,10 | 2,60 |
| | | Федератсияи Русия | 9,00 | 11,90 | 13,30 | 8,80 | 8,80 | 6,10 | 6,60 | 6,50 | 11,40 | 12,90 | 5,40 | 2,50 |
| | | Ҷумҳурии Қазоқистон | 8,40 | 18,80 | 9,50 | 6,20 | 7,80 | 7,40 | 6,00 | 4,80 | 7,40 | 13,60 | 8,50 | 7,10 |
| | | Ҷумҳурии Белорус | 6,60 | 12,10 | 13,30 | 10,10 | 9,90 | 8,70 | 21,80 | 16,50 | 16,20 | 12,00 | 10,60 | 4,60 |
| | | Ҷумҳурии Қирғизистон | 5,10 | 20,10 | 20,00 | - | 19,20 | 5,70 | 7,50 | 4,00 | 10,50 | 3,40 | - 0,50 | 3,70 |
| | | Ҷумҳурии Тоҷикистон | 12,50 | 19,70 | 11,80 | 5,00 | 9,80 | 9,30 | 6,40 | 3,70 | 7,40 | 5,00 | 6,10 | 6,70 |
| қарздиҳӣ | млрд. долл. ИМА | Ҷумҳурии Арманистон | 0,59 | 1,25 | 2,07 | 2,06 | 2,54 | 3,41 | 4,00 | 4,39 | 5,26 | 4,44 | 5,07 | 5,56 |
| | | Федератсияи Русия | 240,54 | 398,23 | 556,43 | 420,66 | 513,86 | 706,35 | 832,23 | 937,67 | 918,84 | 579,90 | 565,03 | 735,96 |
| | | Ҷумҳурии Қазоқистон | 53,64 | 79,84 | 49,19 | 27,51 | 25,70 | 39,07 | 48,62 | 54,87 | 59,15 | 42,17 | 28,75 | 33,19 |
| | | Ҷумҳурии Беларус | 9,16 | 13,48 | 20,83 | 22,70 | 29,66 | 26,38 | 24,13 | 28,91 | 30,60 | 23,24 | 17,93 | 20,07 |
| | | Ҷумҳурии Қирғизистон | 0,12 | 0,22 | 0,25 | 0,23 | 0,26 | 0,33 | 0,36 | 0,55 | 0,65 | 0,60 | 0,84 | 1,02 |
| | | Ҷумҳурии Тоҷикистон | 0,73 | 1,16 | 1,42 | 1,32 | 0,85 | 1,04 | 1,14 | 1,58 | 1,98 | 1,84 | 1,27 | 1,01 |
| амонатҳо | | Ҷумҳурии Арманистон | 0,75 | 1,25 | 1,62 | 1,81 | 1,88 | 1,89 | 3,02 | 3,94 | 4,23 | 4,08 | 5,02 | 5,44 |
| | | Федератсияи Русия | 219,15 | 339,43 | 448,82 | 408,82 | 522,19 | 689,57 | 768,28 | 873,53 | 936,54 | 696,30 | 606,66 | 752,41 |
| | | Ҷумҳурии Қазоқистон | 24,05 | 32,21 | 44,86 | 44,21 | 49,75 | 56,70 | 60,32 | 66,30 | 65,18 | 71,66 | 52,75 | 53,71 |
| | | Ҷумҳурии Беларус | 6,78 | 9,35 | 12,19 | 11,69 | 14,37 | 17,51 | 17,27 | 19,25 | 20,84 | 18,16 | 14,97 | 18,01 |
| | | Ҷумҳурии Қирғизистон | 0,42 | 0,63 | 0,81 | 0,92 | 0,74 | 0,84 | 1,08 | 1,39 | 1,54 | 1,60 | 1,53 | 1,77 |
| | | Ҷумҳурии Тоҷикистон | 0,34 | 0,70 | 0,56 | 0,64 | 0,75 | 0,96 | 1,03 | 1,16 | 1,36 | 1,26 | 1,17 | 1,05 |
| ММД | | Ҷумҳурии Арманистон | 6,39 | 9,21 | 11,66 | 8,65 | 9,26 | 10,14 | 10,62 | 11,12 | 11,61 | 10,55 | 10,57 | 11,56 |
| | | Федератсияи Русия | 990,32 | 1 300,27 | 1 707,07 | 1 224,97 | 1 525,31 | 2 053,92 | 2 193,88 | 2 298,36 | 2 085,85 | 1 374,66 | 1 284,28 | 1 578,64 |
| | | Ҷумҳурии Қазоқистон | 79,84 | 106,39 | 133,13 | 114,38 | 147,99 | 190,96 | 208,00 | 236,63 | 221,42 | 184,39 | 137,28 | 158,18 |
| | | Ҷумҳурии Беларус | 36,93 | 45,22 | 60,38 | 49,03 | 54,94 | 53,01 | 63,37 | 72,36 | 75,83 | 55,32 | 47,17 | 54,46 |
| | | Ҷумҳурии Қирғизистон | 2,83 | 3,80 | 5,14 | 4,69 | 4,79 | 6,20 | 6,61 | 7,33 | 7,47 | 6,68 | 6,55 | 7,17 |
| | | Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2,83 | 3,72 | 5,16 | 4,98 | 5,64 | 6,52 | 7,59 | 8,51 | 9,24 | 7,85 | 6,95 | 7,15 |
| қурби миёнасолона | пули миллии кишварҳо нисбати 1 долл. ИМА | Ҷумҳурии Арманистон | 416,00 | 342,10 | 306,00 | 363,30 | 373,70 | 372,50 | 401,80 | 409,60 | 415,90 | 477,90 | 480,50 | 482,70 |
| | | Федератсияи Русия | 27,18 | 25,57 | 24,18 | 31,68 | 30,36 | 29,35 | 31,07 | 31,82 | 37,97 | 60,66 | 66,90 | 58,33 |
| | | Ҷумҳурии Қазоқистон | 127,93 | 120,78 | 120,58 | 148,69 | 147,41 | 147,90 | 149,11 | 152,13 | 179,19 | 221,73 | 342,16 | 326,00 |
| | | Ҷумҳурии Беларус | 2 146,30 | 2 148,90 | 2 149,40 | 2 803,30 | 2 993,70 | 5 605,80 | 8 369,70 | 8 971,10 | 10 260,70 | 16 253,60 | 2,00 | 1,93 |
| | | Ҷумҳурии Қирғизистон | 40,16 | 37,31 | 36,57 | 42,89 | 45,96 | 46,14 | 46,99 | 48,44 | 53,65 | 64,46 | 69,91 | 68,77 |
| | | Ҷумҳурии Тоҷикистон | 3,30 | 3,44 | 3,43 | 4,14 | 4,38 | 4,61 | 4,76 | 4,76 | 4,93 | 6,16 | 7,84 | 8,55 |

дар соли 2006 ба 752,41 миллиард доллар дар соли 2017 расидааст. Дар Арманистон ин нишондиҳанда аз 0,75 миллиард доллар дар соли 2006 ба 5,44 миллиард доллар дар соли 2017 расидааст. Дар Қазоқистон низ қарздиҳӣ аз 24,05 миллиард доллар дар соли 2006 то 53,71 миллиард доллар рушд кардааст.

Ҳарчанд нишондиҳандаҳои амонатгузорӣ дар аксари кишварҳои ИДМ дар замони пеш аз мавриди таҳримҳои байналмилалӣ қарор гирифтани Русия то соли 2014 рушд ёфтаанд, дар солҳои баъдӣ вобаста ба ин вазъият коҳиш пайдо кардаанд, вале метавон гуфт, ки дар маҷмӯъ нисбат ба 10 соли пеш ин нишондиҳандаҳо ҳанӯз бештар ҳастанд. Чунончӣ, мизони амонатҳо дар Қирғизистон агар дар соли 2006 ба 0,42 миллиард доллар баробар бошад, он дар соли 2017 ба 1,77 миллиард доллар рушд кардааст. Сатҳи баланди ҷалби амонатҳо дар Белорус чашмрас буда, дар давоми солҳои 2006-2017 ҳудуди се маротиба афзудааст. Агар дар соли 2006 сатҳи ҷалби амонатҳо ба иқтисодиёти ин кишвар ба 6,78 миллиард доллар баробар шуда бошад, дар соли 2014 он ба 20,84 миллиард доллар ва дар соли 2017 ба 18,01 миллиард доллар расидааст. Дар маҷмӯъ, нишондиҳандаҳои ҷалби амонатҳо аз афзоиши эътимоди шаҳрвандон ва бахши хусусӣ ба низомҳои бонкдорӣ дар кишварҳои ИДМ бозгӯӣ мекунад.

Қурби миёнаи солонаи пулҳои миллии кишварҳои ИДМ нисбат ба доллари амрикоӣ ҳарчанд дар давраи солҳои 2006-2017 тағйирот доштааст, вале кишварҳои ИДМ тавонистаанд, бо вуҷуди бӯҳронҳои молиявӣ устувории нисбии онро ҳифз намоянд.

Масалан, қурби миёнаи солонаи драми Арманистон дар соли 2006 ба 416 драм барои 1 доллари ИМА баробар будааст, дар соли 2017 арзиши 1 доллари ИМА ба 482,7 драм баробар шудааст. Ба раванди устувории қурби миёнаи солонаи пулҳои миллии кишварҳои ИДМ зери таҳримҳои байналмиллалӣ мондани Русия таъсир гузоштааст. Зеро бино ба омори расмӣ, қурби миёнаи солонаи пулҳои миллии кишварҳои ИДМ то соли 2014 устувории худро ҳифз карда, дар натиҷаи ин таҳримҳо қурби рубли русӣ тағйир ёфта, таъсири он ба қурби пулҳои кишварҳои дигари ИДМ ба мушоҳида мерасад. (Нигаред ба ҷадвали 1). Масалан, дар соли 2014 агар 1 доллари ИМА 179,19 тенгаи Қазоқистонро ташкил медод, дар соли 2016 он ба 342,16 тенга баробар шуда буд.

Вазъи демографии кишварҳои аъзои ИДМ дар солҳои охир тағйирёбандааст. Агар суръати афзоиши аҳолӣ дар бархе кишварҳо амсоли Украина ва Молдова суст шуда бошад ҳам, дар кишварҳои Осиёи Марказӣ - Туркманистону Тоҷикистону Ӯзбекистону Қазоқистон босуръат рушд ёфтааст.

Бекорӣ нишондиҳандаи дигари макроиқтисодӣ низ дар кишварҳои аъзои ИДМ ба сӯи коҳишёбӣ тамоюл кардааст. Ба вижа дар Қазоқистон ва Молдова тибқи иттилоъи расмӣ бекорӣ аз сатҳи 13% то 5% кам шудааст. Дар Русия низ бекорӣ аз 10% ба 7% ихтисор шудааст. Белорус бошад, аз оғози солҳои 2000 инҷониб ин нишондиҳандаро дар сатҳи то 2% нигоҳ медорад.

Омори расмӣ нишон медиҳад, ки даромаднокиии аҳолӣ низ дар кишварҳои аъзои ИДМ рӯ ба самти мусбат қарор дорад. Хусусан, аз рӯи маълумоти Хазинаи байналмиллалии асъор даромади аҳолӣ дар солҳои истиқлолият дар Қазоқистон, Арманистон, Украина ва Молдова то 20% афзудааст.

Яқин аст, ки нишондиҳандаи мусбати макроиқтисодии кишварҳои ИДМ аз беҳтар шудани вазъи иқтисодии кишварҳои минтақа дар замони истиқлолият шаҳодат медиҳад. Истифодаи дуруст ва оқилонаи захираю имкониятҳои мавҷудаи давлатҳои аъзои иттиҳоди зикршуда шароитеро ба миён хоҳад овард, ки дар оянда муносибатҳои иқтисодии кишварҳои ИДМ боз ҳам тавсиа ёбанд ва зиндагии беҳтар барои сокинони ин кишварҳо фароҳам оварда шавад.

**Шарҳи**
**А. Мӯминов,**
**маҷаллаи "БТҶ".**

# ПАРДОХТҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ БОЯД СОДА,ҚУЛАЙВАШАФФОФБОШАНД



**Бо мақсади ташкил намудани фазои мусоид барои рушди низоми пардохтӣ ва зиёд намудани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ бо супориши Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлаталӣ Саид дар Бонки миллии Тоҷикистон Гурӯҳи кории байниидоравӣ бо иштироки вазорату идораҳои дахлдори давлатӣ созмон дода шудааст. Дар доираи фаъолияти Гурӯҳи корӣ масъалаҳои рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва мушкилиҳои ҷойдошта дар ин самт мавриди муҳокима қарор дода шуданд. Дар натиҷа лоиҳаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” таҳия гардид. Лоиҳаи қарори мазкур бо назардошти пешниҳодоти аъзои Гурӯҳи корӣ мукаммал ва тибқи тартиби муқarраргардида ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур карда шуд.**

Тавре аз лоиҳаи санади мазкур бармеояд, вазорату идораҳо, корхонаю муассисаҳои давлатие, ки хизматрасониҳои пулакиро ба аҳолӣ пешниҳод мекунанд, вазифадор карда мешаванд, ки дар баробари ҳисоббаробаркуниҳои нақдӣ, ба таври ҳатмӣ қабули ҳаққи ҳама намуди хизматрасониҳоро аз аҳолӣ бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ ба таври ғайринақдӣ таъмин намоянд.

Ба таври ғайринақдӣ бо истифода аз воситаҳои муосири электронӣ пардохт кардани хизматрасониҳои давлатӣ, аз қабили пардохти андоз, ҷарима, ҷаримаи аҳдшиканӣ (пеня), боҷу хироҷ ва дигар пардохтҳои давлатӣ ба шаҳрвандони кишвар имконияти осону қулай ва бехатар пардохт намудани теъдоди зиёди хизматрасониҳоро фароҳам меорад. Бешубҳа, ин намуди пардохт кардани хизматрасониҳои гуногун ҷараёнҳои молиявии корхонаю муассисаҳои давлатиро шаффоф гардонида, хавфҳои пайдо гардидани омилҳои коррупсиониро ҳангоми қабули пардохтҳо аз байн мебарад ва боиси зиёд гардидани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар муомилоти пулии кишвар мегардад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки гузариш ба муомилоти ғайринақдӣ шаффофияти амалиётҳои молиявиро дар иқтисодиёти миллӣ таъмин



намуда, ҳиссаи иқтисодиёти пинҳониро кам мекунад ва дар натиҷа барои зиёд гардидани воридшавии маблағҳои андозӣ ба буҷети давлат мусоидат менамояд. Аз ин лиҳоз, дар аксарияти мамлакатҳо вусъат додани муомилоти ғайринақдӣ яке аз ҳадафҳои муҳими сиёсати давлатӣ эътироф гардидааст ва барои зиёд намудани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар бахшҳои хусусӣ ва давлатӣ чораҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Дар таҷрибаҳои байналмилалии аксари давлатҳо дида мешавад, ки ҳукумат дар баробари андешидани чораҳои дахлдори ҳавасмандкунӣ ва гузаронидани ташвиқу таблиғот оид ба гузариш ба муомилоти ғайринақдӣ худ ба аҳли ҷомеа ибрат нишон дода, пардохти ҳаққи хизматрасониҳои давлатӣ ва дигар пардохтҳои давлатиро ба буҷет ба таври ғайринақдӣ роҳандозӣ менамояд. Яъне, дар баробари аз соҳибкорон талаб намудани гузариш ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, мақомоти давлатӣ низ имконияти пардохти ғайринақдиро ба аҳолӣ бояд фароҳам орад.

**Дар доираи “Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аксарияти мақомоти давлатӣ низомҳои иттилоотӣ ва низомҳои баҳисобгирии худро ташаккул додаанд. Яке аз қисматҳои инфрасохтори ҳукумати электронӣ ин мавҷуд будани низоми электронии пардохтҳо мебошад. Яъне, мақомоти давлатӣ дар баробари татбиқ намудани пардохтҳои ғайринақдӣ, инчунин барои ташаккули консепсияи ҳукумати электронӣ мусоидат менамоянд.**

Натиҷаи тадқиқот ва пурсишҳои аҳолии ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки зиёда аз 95 фоизи муштариён хоҳиши истифодаи усулҳои содда, қулай ва шаффофи пардохтҳои ҳама гуна хизматрасониҳоро дархост намуданд. Аз ҷумла, бештари аҳолӣ ҷорӣ намудани воситаҳои муосири пардохтҳои ғайринақдиро ҳамчун усули афзалиятноки ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ ҷонибдорӣ намуданд.

Тавре маълумотҳои оморӣ нишон медиҳанд, дар соли 2017 воридоти пули нақд ба ташкилотҳои қарзӣ маблағҳои зеринро ташкил доданд:

- аз хизматрасонии нақлиётӣ – 1 251 864 550 сомонӣ;
- аз хизматрасониҳои коммуналӣ ва алоқа – 1 337 352 056 сомонӣ;
- аз андоз ва дигар пардохтҳои ба он баробар – 1 982 287 930 сомонӣ;
- аз пардохтҳои гумрукӣ – 1 717 685 373 сомонӣ.

Дар мавриди ба аҳолии кишвар фароҳам овардани

шароит ва имконияти зарурии ба таври ғайринақдӣ пардохт намудани хизматрасониҳо ва пардохтҳои зикргардида, ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар муомилоти пулӣ метавонад ба таври назаррас зиёд гардад.

Дар доираи "Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аксарияти мақомоти давлатӣ низомҳои иттилоотӣ ва низомҳои баҳисобгирии худро ташаккул додаанд. Яке аз қисматҳои инфрасохтори ҳукумати электронӣ ин мавҷуд будани низоми электронии пардохтҳо мебошад. Яъне, мақомоти давлатӣ дар баробари татбиқ намудани пардохтҳои ғайринақдӣ, инчунин барои ташаккули консепсияи ҳукумати электронӣ мусоидат менамоянд. Минбаъд, ҳамчун яке аз қисмҳои асосии ҳукумати электронӣ имконияти созмон додани равзанаи ягонаи пардохтии ҳукумати электронӣ ба вуҷуд меояд.

Дар робита ба ин, метавон гуфт, ки мақомоти давлатӣ дар доираи хароҷоти ҷории худ, ки барои дастгирии фаъолияти низомҳои иттилоотӣ ва баҳисобгирӣ истифода мегардад, метавонанд иҷрои қарори зикргардидаро таъмин намоянд.

Бо вуҷуди ин, ҳангоми татбиқи қарори мазкур аз мақомоти давлатӣ имкон дорад хароҷоти иловагӣ дар рафти ҳамгирой ва пайваст намудани низомҳои иттилоотии мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои қарзӣ талаб карда шавад. Хароҷоти мазкур метавонад дар доираи ҳамкорӣ бо ташкилотҳои қарзӣ дар асоси манфиатҳои тарафҳо ҳаллу фасл карда шаванд. Бояд гуфт, ки маблағҳои сарфшуда минбаъд аз ҳисоби афзалияту бартариҳое, ки гузариш ба муомилоти ғайринақдӣ медиҳад, дар муҳлати кӯтоҳтарин талофӣ мешаванд.

Ва ниҳоят қайд бояд кард, ки лоиҳаи Қарори мазкур тибқи тартиби муқарраршуда бо аъзои гурӯҳи корӣ - Вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, адлия, корҳои дохилӣ, нақлиёт, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Кумитаҳои давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, андоз, телевизион ва радио, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон, Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон, БДА ҶТ "Амонатбонк" мувофиқа карда шуда, дар маҷмӯъ бо назардошти пешниҳодҳои онҳо такмил дода шудааст.

**Шӯҳрат Салоҳиддинов,**
**Сардори Идораи низоми пардохти БМТ.**

Дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
“3” майи соли 2018, №927 “а”,
“ба қайд гирифта шудааст”

Бо Қарори Раёсати Бонки миллии
Тоҷикистон
аз “12” апрели с.2018, №51
“тасдиқ шудааст”

# Тартиб оид ба ҷалби агентҳои бонкии пардохтӣ ва амалисозии назорати риояи шартҳои ҷалби онҳо

Тартиб оид ба ҷалби агентҳои бонкии пардохтӣ ва амалисозии назорати риояи шартҳои ҷалби онҳо (минбаъд – Тартиб) мутобиқи моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» таҳия шуда, тартиби аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ҷалб гардидани агентҳои бонкии пардохтиро барои анҷом додани амалиёти алоҳидаи бонкӣ, талабот ба фаъолияти онҳо ва назорати фаъолияти агентҳои бонкии пардохтиро аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ муқаррар менамояд.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дар Тартиби мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- фаъолияти агентии бонкии пардохтӣ – фаъолияти ташкилоти қарзӣ барои анҷом додани амалиётҳои алоҳидаи бонкӣ бо роҳи ҷалб намудани агентҳои бонкии пардохтӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ»;
- шартномаи агентии бонкии пардохтӣ – шартномае, ки байни ташкилоти қарзӣ ва агенти бонкии пардохтӣ бо мақсади аз номи ташкилоти қарзӣ анҷом додани амалиёти алоҳидаи бонкие, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» муқаррар намудааст, баста шудааст;
- шартномаи субагентии бонкии пардохтӣ - шартномае, ки байни агенти бонкии пардохтӣ ва субагенти бонкии пардохтӣ бо мақсади аз номи ташкилоти қарзӣ анҷом додани амалиёти алоҳидаи бонкие, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» муаяйн кардааст, баста шудааст;
- муштарӣ – шахси воқеие, ки ба ӯ аз ҷониби агенти (субагенти) бонкии пардохтӣ навъҳои алоҳидаи хизматрасониҳои пардохтӣ аз номи ташкилоти қарзӣ пешниҳод мегардад;
- мушаххаскунии муштарӣ – тартиби гирифтани маълумоти мушаххаскунанда аз муштарӣ бо роҳи аз ҷониби ӯ пешниҳод намудани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият ё мушаххасоти инфиродӣ ва ягонаи дар низоми иттилоотӣ бақайдгирифташуда, ки барои мушаххас кардани муштарӣ имкон медиҳад;
- суратҳисоби махсуси бонкӣ – суратҳисобе, ки аз ҷониби агенти бонкии пардохтӣ дар ташкилоти қарзӣ барои ба суратҳисобҳои бонкӣ пурра гузаронидани маблағҳои нақди аз шахсони воқеӣ гирифташуда, аз суратҳисоб хориҷ ва ба он ворид кардани маблағҳо кушода шудааст;
- ҳаққгузории кафолатнок – маблағҳои пулие, ки таъминоти ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯи пардохтҳо буда, аз ҷониби агенти бонкии пардохтӣ ба суратҳисоби махсуси бонкӣ дар ташкилоти қарзӣ гузаронида шудаанд;
- овердрафт (изофабардошт) - амалиёте, ки дар асоси шартномаи байни ташкилоти қарзӣ ва агенти бонкии пардохтӣ ҳангоми норасоии муваққатии маблағҳои пулӣ дар бақияи суратҳисоби махсуси бонкии агенти бонкии пардохтӣ ба миён омада, ба агенти бонкии пардохтӣ бо шартҳои муайян барои истифода бурдани маблағҳои пулии ташкилоти қарзӣ имконият медиҳад.

## БОБИ 2. ТАЛАБОТ БА ТАШКИЛОТИ ҚАРЗӢ ҲАНГОМИ АНҶОМ ДОДАНИ ФАЪОЛИЯТИ АГЕНТИИ БОНКИИ ПАРДОХТӢ

2. Ташкилоти қарзӣ бояд стратегияи татбиқи фаъолияти агентии бонкии пардохтиро таҳия ва тасдиқ карда, назорати босамари раванди пешниҳоди хизматрасониро тавассути агентҳои (субагентҳои) бонкии пардохтӣ таъмин намояд.

3. Барои татбиқи фаъолияти агентии бонкии пардохтӣ ба ташкилоти қарзӣ зарур аст:

- санадҳои меъёрии дохилиеро, ки тартиб, шартҳои ҷалб ва фаъолият кардани агентҳои бонкии пардохтӣ, аз он ҷумла қоидаҳои пешниҳоди хизматрасониҳои пардохтиро тавассути агентҳои (субагентҳои) бонкии пардохтӣ муайян менамоянд, таҳия ва тасдиқ намояд;
- ба сиёсати амнияти иттилоотӣ ва идорасозии хавфҳо вобаста ба фаъолияти агентҳои бонкии пардохтӣ тағйиру иловаҳо ворид намояд;
- тартиби гузаронидани санҷишҳои мунтазами мониторингӣ ва назоратии фаъолияти агентҳои (субагентҳои) бонкии пардохтиро муқаррар намояд.

4. Ташкилоти қарзӣ бояд номгӯи хизматрасониҳои пардохтиро, ки агентҳои (субагентҳои) бонкии пардохтӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» пешниҳод мекунанд, муайян намояд.

5. Ташкилоти қарзӣ тарофаҳои хизматрасониҳои пардохтиро, ки агенти (субагенти) бонкии пардохтӣ пешниҳод мекунад, муқаррар менамояд.

6. Ташкилоти қарзӣ бояд талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳн кардани силоҳи қатли ом»-ро дар доираи фаъолияти агентии бонкии пардохтӣ риоя ва иҷро намояд.

7. Ташкилоти қарзӣ уҳдадор аст ҳамаи иттилооти аз агенти бонкии пардохтӣ гирифтаро махфӣ нигоҳ дошта, дар асоси дархост маълумоти заруриро ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

8. Ташкилоти қарзӣ ҳангоми ба роҳ мондани фаъолияти агентии бонкии пардохтӣ уҳдадор аст мунтазам амалҳои зеринро анҷом диҳад:

- санҷиши ҳолати (статуси) ҳуқуқии агенти (субагенти) бонкии пардохтӣ;
- санҷиши суроға ва ё макони ҷойгиршавии агенти (субагенти) бонкии пардохтӣ;
- санҷиш ҷиҳати бо ташкилоти қарзӣ надоштани робита ва муносибате, ки метавонад садди роҳи фаъолияти агентии бонкии пардохтӣ гардад;
- санҷиши мутобиқати имкониятҳои агенти (субагенти) бонкии пардохтӣ ба талаботи фаъолияти агентии бонкии пардохтӣ.

9. Ташкилоти қарзӣ тибқи стратегияи қабулкардаи худ ҷиҳати татбиқи фаъолияти агентии бонкии пардохтӣ метавонад тадбирҳои иловагиеро, ки барои коҳиш додани хавфҳо ҳангоми анҷом додани фаъолияти агентии бонкии пардохтӣ зарур мешуморад, андешад.

10. Ҳангоми аз ҷониби ташкилоти қарзӣ дар давоми шаш моҳ риоя накардани меъёрҳои мақбули муқарраркардаи Бонки миллии Тоҷикистон, анҷом додани фаъолияти агентии бонкии пардохтӣ ба ташкилоти қарзӣ манъ карда мешавад.

11. Агенти бонкии пардохтӣ барои пешниҳоди хизматрасонии пардохтӣ метавонад бо якчанд ташкилоти қарзӣ шартномаи агентии бонкии пардохтӣ бандад.

12. Имкониятҳои агенти бонкии пардохтӣ барои пешниҳоди хизматрасонии якчанд ташкилоти қарзӣ бояд аз тарафи ташкилоти қарзӣ дар рафти баррасии дархости он баҳо дода шавад.

13. Ташкилоти қарзӣ ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти агентии бонкии пардохтӣ бояд қабули маблағҳоро бо таври нақдӣ, аз он ҷумла тангаҳои филизӣ ва ғайринақдӣ бо истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ таъмин намояд.

## БОБИ 3. УСУЛҲОИ БАҲОДИҲӢ ВА ТАРТИБИ ИНТИХОБИ АГЕНТИ БОНКИИ ПАРДОХТӢ АЗ ТАРАФИ ТАШКИЛОТИ ҚАРЗӢ

14. Ташкилоти қарзӣ ҳангоми интихоби агенти бонкии пардохтӣ бояд ҳолатҳои зеринро ба инобат гирад:

- таҳкимии фаъолияти тиҷоратӣ дар давоми 12 (дувоздаҳ) моҳи охир то лаҳзаи интихоби агенти бонкии пардохтӣ аз ҷониби ташкилоти қарзӣ;
- қарзгирандаи беэътимод набудани агенти бон-

кии пардохтӣ дар назди ягон ташкилоти қарзӣ дар давоми 12 (дувоздаҳ) моҳи охир то таърихи имзо шудани шартномаи агентии бонкии пардохтӣ;

- доштани инфрасохтори дахлдор ва захираҳои кадрӣ барои пешниҳоди хизматрасонӣ дар доираи фаъолияти агентии бонкии пардохтӣ;

- ҷойгиршавии қулайи макони фаъолияти агенти бонкии пардохтӣ аз нигоҳи хизматрасонӣ ба муштариён.

15. Шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ барои анҷом додани фаъолият ҳамчун агенти бонкии пардохтӣ ба ташкилоти қарзӣ бояд ҳуҷҷатҳо ва маълумоти зеринро пешниҳод кунад:

- ҳуҷҷатҳои таъсисии шахси ҳуқуқӣ ё ҳуҷҷати бақайдгирии давлатии соҳибкори инфиродӣ;

- беруннавис аз феҳристи бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ;

- тавсифи фаъолияти тиҷоратие, ки шахсони мазкур дар давоми 12 (дувоздаҳ) моҳи охир анҷом додаанд;

- суроғаи ҳуқуқӣ ва воқеии шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ, рақами телефонҳо ва реҷаи корӣ.

16. Ташкилоти қарзӣ бояд дурустӣ ва мутобиқати иттилооте, ки аз шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ ва ё аз кормандони ба фаъолияти агентии бонкии пардохтӣ ҷалбшудаи он гирифта шудааст, санҷад.

17. Ташкилоти қарзӣ дар санадҳои меъёрии дохилии худ бояд талаботи ҳадди ақалро барои расмиёти интихоби агенти (субагенти) бонкии пардохтӣ муқаррар намояд.

18. Ташкилоти ғайритиҷоратӣ, муассисаи таълимӣ ё дигар ташкилоте, ки мутобиқи қонунгузорӣ ба он барои анҷом додани фаъолияти тиҷоратӣ иҷозат дода нашудааст, ба фаъолияти агентии бонкии пардохтӣ ҷалб карда намешавад.

19. Агар шахси роҳбарикунандаи шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ барои содир кардани қонуншикании молиявӣ, қаллобӣ ё ҳар гуна дигар қонуншикании молиявӣ доғи судӣ дошта бошад, чунин шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ агенти (субагенти) бонкии пардохтӣ интихоб шуда наметавонад.

## БОБИ 4. ТАЛАБОТ БА МУҲТАВОИ ШАРТНОМАИ АГЕНТИИ/СУБАГЕНТИИ БОНКИИ ПАРДОХТӢ

20. Дар шартномаи агентии/субагентии бонкии пардохтӣ бояд маълумоти зерин пешбинӣ карда шавад:

- номгӯи хизматрасониҳои пардохтӣ, ки аз ҷониби агенти (субагенти) бонкии пардохтӣ пешниҳод мешаванд ва маҳдудиятҳо оид ба онҳо;

- тарзи пешниҳоди хизматрасониҳои пардохтӣ, аз ҷумла тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ ва дастрасӣ ба онҳо (ба воситаи шабакаи Интернет, хатҳои коммутатсионӣ ва дигар хатҳои муоширатӣ, бо истифодаи алоқаи мобилӣ, компютери фардӣ ва ё дигар таҷҳизот);

- тарофа ва ҳаққи хизмати агенти (субагенти) бонкии пардохтӣ;

- тартиб, муҳлат ва шакли пешниҳоди ҳисоботи агенти бонкии пардохтӣ ба ташкилоти қарзӣ оид ба амалиётҳои муштариён;

- расмиёти бехатарӣ, аз ҷумла тартиби мушаххаскунии муштарӣ;

- муқаррарот дар бораи масъулияти ташкилоти қарзӣ дар назди муштариён, инчунин ҳуқуқу уҳдадориҳои ташкилоти қарзӣ ва агенти бонкии пардохтӣ, масъулияти ташкилоти қарзӣ ва агенти (субагенти) бонкии пардохтӣ барои иҷро накардан ё ба таври матлуб иҷро накардани уҳдадориҳое, ки ҳангоми анҷом додани хизматрасониҳои пардохтӣ ба вуҷуд меоянд;

- муқаррарот дар бораи чораҳои коҳиш додани хавфҳо, аз ҷумла маҳдуд кардани амалиётҳои муштариён, идорасозии маблағҳои нақдӣ, бехатарии маҳалли фаъолияти агенти (субагенти) бонкии пардохтӣ ва ғайра;

- муқаррарот дар бораи он, ки ҳамаи иттилоот ё маълумоте, ки агенти (субагенти) бонкии пардохтӣ дар доираи фаъолияти агентии бонкии пардохтӣ ҷамъоварӣ менамояд, моликияти ташкилоти қарзӣониста шуда, махфӣ нигоҳ дошта мешавад. Агенти (субагенти) бонкии пардохтӣ бояд ҳифзу нигоҳдории ҳамаи қайдҳои дахлдор, маълумотҳо, ҳуҷҷату файлҳоро таъмин намуда, усулҳои таъмини махфияти маълумоти муштариёнро муайян намояд;

- муқаррарот дар бораи он, ки кормандони агенти (субагенти) бонкии пардохтӣ ҳамчун кормандони ташкилоти қарзӣ дониста намешаванд ва ҳуқуқу уҳдадориҳои ин кормандон бояд байни ташкилоти қарзӣ ва агенти (субагенти) бонкии пардохтӣ мувофиқа карда шавад;

- тарзҳои ҳалли ихтилофоте, ки ҳангоми аз ҷониби агенти (субагенти) бонкии пардохтӣ пешниҳод карда шудани хизматрасонии пардохтӣ ба миён меояд;

- рақами телефонҳо барои тамос, нишонӣ ва тартиби коре, ки дар давоми он агенти (субагенти) бонкии пардохтӣ метавонад хизматрасонии пардохтӣ пешниҳод намояд.

21. Ташкилоти қарзӣ ва агенти (субагенти) бонкии пардохтӣ метавонанд дар шартномаи агентии/субагентии бонкии пардохтӣ иловатан дигар шартҳоро пешбинӣ намоянд.

22. Ташкилоти қарзӣ барои ҳамаи амалҳо ё иштибоҳҳои агенти (субагенти) бонкии пардохтӣ, новобаста аз шартҳое, ки дар шартномаи агентии/субагентии бонкии пардохтӣ пешбинӣ шудаанд, масъулият ба зимма дорад, агар онҳо ба фаъолияти агентии бонкии пардохтӣ ё масъалаҳои марбут ба он дахл дошта бошанд.

23. Ҳангоми бастани шартномаи агентии бонкии пардохтӣ ташкилоти қарзӣ ба агенти бонкии пардохтӣ қоида, тартиб ва шартҳои пешниҳоди хизматрасониҳои пардохтиро пешниҳод мекунад.

24. Ҳангоми бастани шартномаи агентии бонкии пардохтӣ ташкилоти қарзӣ андозаи ҳақгузории кафолатнокро, ки таъминоти ҳисоббаробаркунӣ аз рӯи амалиётҳои агенти бонкии пардохтӣ мебошад, муайян мекунад. Маблағи ҳақгузории кафолатнок аз ҷониби агенти бонкии пардохтӣ ба суратҳисоби махсуси бонкӣ, ки он дар ташкилоти қарзӣ кушодааст, гузаронида мешавад. Бо мувофиқаи байни ташкилоти қарзӣ ва агенти бонкии пардохтӣ суратҳисоби мазкур имкон дорад аз тарафи ташкилоти қарзӣ ба андозаи меъёри (лимити) мувофиқакардаи тарафҳо банд карда шавад. Ҳамчунин, ташкилоти қарзӣ метавонад ба агенти бонкии пардохтӣ дар ҳолати норасоии маблағ дар суратҳисоби махсуси бонкии ӯ барои таъмини ҳисоббаробаркунӣ овердрафт (изофабардошт) пешниҳод намояд.

## БОБИ 5. НАШРИ НОМГӮИ АГЕНТҲОИ (СУБАГЕНТҲОИ) БОНКИИ ПАРДОХТӢ ВА НИШОНИИ ОНҲО

25. Ташкилоти қарзие, ки бо роҳи ҷалби агентҳои (субагентҳои) бонкии пардохтӣ хизматрасониҳои пардохтиро пешниҳод менамояд, бояд рӯйхати агентҳои (субагентҳои) бонкии пардохтиро мутобиқи Замимаҳои №1 ва №2 ба Тартиби мазкур пеш барад.

26. Ташкилоти қарзӣ бо дархости шахсони воқеӣ уҳдадор аст, ки рӯйхати агентҳои (субагентҳои) бонкии пардохтии худро пешниҳод намояд. Рӯйхати агентҳо (субагентҳо) бояд ба иттилооте, ки ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод мегардад, мутобиқат намояд.

27. Агенти (субагенти) бонкии пардохтӣ наметавонад макони ҷойгиршавиашро дар доираи фаъолияти агентии бонкии пардохтӣ бе огоҳии пешакии ташкилоти қарзӣ иваз намояд, ба дигарон диҳад ё бандад.

28. Огоҳинома дар бораи иваз кардан, ба дигарон додан ё бастани макони ҷойгиршавии агенти (субагенти) бонкии пардохтӣ бояд на дертар аз 30 (сӣ) рӯз пеш аз рӯзи анҷом додани ин амал ба ташкилоти қарзӣ пешниҳод гардад.

## БОБИ 6. НАЗОРАТИ ТАШКИЛОТИ ҚАРЗӢ ДАР ДОИРАИ ФАЪОЛИЯТИ АГЕНТИИ БОНКИИ ПАРДОХТӢ

29. Ташкилоти қарзӣ уҳдадор аст фаъолияти агентҳои (субагентҳои) бонкии пардохтиро назорат намуда, механизмҳои дахлдори аз тарафи онҳо риоя шудани талаботи амалкунандаро таъмин намояд. Ташкилоти қарзӣ бояд зиёд кардани доираи вазифаҳои воҳидҳои аудити дохилӣ ва/ё назорати дохилиро барои баҳо додани хавфҳои ба фаъолияти агентии бонкии пардохтӣ хосбуда таъмин намояд ва таъминоти кадрии ин воҳидҳоро бо мутахассисони баландихтисос кафолат диҳад. Назорат бояд инҳоро дар бар гирад:

- баҳо додани мутобиқати механизмҳои назорат, ки бо ҷалби аудиторҳои дохилию берунӣ тавассути гузаронидани аудитҳои мунтазам амалӣ мегардад;

- риоя намудани тартиби ҳифзи махзани маълумот, низомҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ;
- таъмини агентҳои (субагентҳои) бонкии пардохтӣ бо маводи дастурӣ ва ҳуҷҷатҳо оид ба идорасозии хавфҳо ҳангоми пешниҳоди хизматрасонии пардохтӣ;
- санҷиши фаъолияти агентии бонкии пардохтӣ дар асоси баҳодиҳии хавфҳо бо мақсади риояи қоидаҳо, муқаррарот ва дастурҳои амалиётӣ;
- ба кормандони воҳидҳои дахлдор омӯхтани ҳамаи равандҳои асосӣ ва малакаҳое, ки ҳангоми амалӣ кардани фаъолияти агентии бонкии пардохтӣ зарур мебошанд.

30. Ташкилоти қарзӣ бояд барои ҳамгироии таъминоти барномавии фаъолияти агентии бонкии пардохтӣ бо низоми асосии автоматишудаи бонкӣ ҷиҳати таъмини равиши идорасозии хавфҳо аз рӯи ҳамаи намудҳои фаъолияти бонкӣ чораҳо андешад.

31. Ташкилоти қарзӣ бояд агентҳои (субагентҳои) бонкии пардохтиро барои дуруст анҷом додани амалиёт ва пешниҳоди хизматрасониҳои мувофиқашудаи пардохтӣ, аз ҷумла, омӯзиши марбут ба дуруст мушаххас кардани муштариён, қоидаҳои хизматрасонӣ ба муштариён ва таъмини махфияти иттилоот омода намояд.

## БОБИ 7. МАҲДУДИЯТҲО ДАР ФАЪОЛИЯТИ АГЕНТИ (СУБАГЕНТИ) БОНКИИ ПАРДОХТӢ

32. Ба агенти (субагенти) бонкии пардохтӣ манъ аст:
- анҷом додани ҳама гуна амалиёт ҳангоми набудани алоқа бо низоми иттилоотии ташкилоти қарзӣ;
- иҷрои амалиётҳое, ки доир ба онҳо додани чеки хазина ё тасдиқномаи амалиёт дар шакли паёмаки электронӣ ғайриимкон аст;
- аз муштарӣ гирифтани маблағи иловагие, ки аз тарофаҳои муқарраркардаи ташкилоти қарзӣ зиёд мебошад;
- пешниҳоди хизматрасонии пардохтие, ки дар Шартномаи агентии/субагентии бонкии пардохтӣ пешбинӣ карда нашудааст;
- анҷом додани ҳамагуна амалиёт бо асъор, аз он ҷумла қабули маблағи қарз бо асъори хориҷӣ;
- анҷом додани интиқоли фаромарзии маблағҳо;
- анҷом додани амалиёт таҳти роҳбарии корманд ё шахси вобастаи ташкилоти қарзӣ;
- дар асоси шартнома ҷалб намудани дигар шахсон барои анҷом додани фаъолияти агентии бонкии пардохтӣ, ба истисноӣ ҳолатҳои ҷалби субагентҳои бонкии пардохтӣ.

33. Ташкилоти қарзӣ аз рӯи хизматрасониҳои пардохтие, ки агенти (субагенти) бонкии пардохтӣ пешниҳод менамояд, бояд маҳдудият муқаррар намояд. Доираи маҳдудиятҳо метавонанд миқдор ва ҳаҷми амалиёт, инчунин дигар маҳдудиятҳоеро, ки ташкилоти қарзӣ зарур мешуморад, дар бар гиранд.

34. Ҳангоми муқаррар намудани маҳдудият бояд ҳаҷми пули нақде, ки агенти (субагенти) бонкии пардохтӣ ҳамлу нақл менамояд, инчунин хавфҳои марбут ба маҳалли ҷойгиршавии агенти (субагенти) бонкии пардохтӣ ҳангоми анҷом додани фаъолияти агентии бонкии пардохтӣ ба назар гирифта шаванд.

## БОБИ 8. ТАЛАБОТИ ҲАДДИ АҚАЛ БА МАҶМӮИ ТАҶҲИЗОТУ БАРНОМАВИИ ТАШКИЛОТИ ҚАРЗӢ ДАР ДОИРАИ ФАЪОЛИЯТИ АГЕНТИИ БОНКИИ ПАРДОХТӢ

35. Ташкилоти қарзӣ бояд аз технологияҳое истифода барад, ки ба тавri фаврӣ анҷом додани пардохтро ба суратҳисоби гирандаи ниҳоии маблағҳои пулӣ кафолат диҳад.

36. Ташкилоти қарзӣ бояд кафолат диҳад, ки:
-ҳамаи амалиёт дар доираи фаъолияти агентии бонкии пардохтӣ дар реҷаи мустақим (вақти воқеӣ) иҷро карда мешавад;
- низомҳои иттилоотӣ ва таҷҳизоте, ки агентҳои (субагентҳои) бонкии пардохтӣ истифода мебаранд, бевосита бо низоми автоматишудаи бонкии ташкилоти қарзӣ пайваст аст;
- ҳар як амалиёти агенти (субагенти) бонкии пардохтӣ дар низоми автоматишудаи бонкии ташкилоти қарзӣ дарҷ мегардад;
- иттилоот оид ба амалиётҳо тавассути хатҳои алоқаи ҳифзшуда интиқол мешавад;
- тасдиқномаи амалиёти иҷрошуда дар намуди чеки хазина ё дар шакли паёмаки электронӣ дода мешавад;
- дар сурати аз меъёри (лимити) ҳаррӯза зиёд

шудан ё аз тарафи агенти (субагенти) бонкии пардохтӣ иҷро шудани амалиёти беиҷозат, амалиёт ба тарзи автоматӣ рад карда мешавад;

- китоби бақайдгирии амалиётҳо ва ҳолатҳои ғайричашмдошт пеш бурда мешавад;

- ҳамаи маълумот дар бораи амалиётҳое, ки тавассути агентҳои (субагентҳои) бонкии пардохтӣ анҷом дода шудаанд, дар муддати на кам аз 5 (панҷ) сол нигоҳ дошта мешавад.

37. Ташкилоти қарзӣ бояд барои коҳиш додани хавфҳое, ки аз ҷорӣ кардан ва истифода бурдани низоми иттилоотӣ ба миён меоянд, чораҳои дахлдор андешад.

38. Агенти (субагенти) бонкии пардохтӣ барои дарҷ намудани ҳамаи амалиёт ва транзаксияҳо дар низомҳои иттилоотии ташкилоти қарзӣ, ки ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳои пардохтӣ истифода мешаванд, масъулият ба зимма дорад. Ташкилоти қарзӣ дар ҳолатҳои аз тарафи агенти (субагенти) бонкии пардохтӣ иҷро накардани уҳдадориҳои дар банди мазкур зикршуда бояд чораҳо пешбинӣ намояд.

## БОБИ 9. ТАЛАБОТ ДОИР БА МУҚОВИМАТ БА ҚОНУНИГАРДОНИИ (РАСМИКУНОНИИ) ДАРОМАДҲОИ БО РОҲИ ҶИНОЯТ БАДАСТОВАРДА, МАБЛАҒГУЗОРИИ ТЕРРОРИЗМ ВА МАБЛАҒГУЗОРИИ ПАҲНКУНИИ СИЛОҲИ ҚАТЛИ ОМ

39. Ташкилоти қарзӣ бояд талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли омро ба агенти (субагенти) бонкии пардохтии худ омӯзонад ва кафолат диҳад, ки:

- шахсияти муштарӣ ҳангоми иҷрои амалиёте, ки тасдиқи шахсиятро тақозо менамояд, мутобиқи қоидаҳои ба ҳамагон маъмули «муштарии худро бидон», аз ҷумла истифодаи ақаллан ду критерия тасдиқ карда мешавад: санҷида баромадани номи муштарӣ, рақами мушаххаси инфиродӣ (ПИН), гузарвожа, корти пардохтии бонкӣ, коди махфӣ ё хабари махфӣ;

- агенти бонкии пардохтӣ дар бораи ҳама гуна амалиёти шубҳаноке, ки ба вай маълум шудааст, фавран ба ташкилоти қарзӣ барои хабар додан ба мақоми ваколатдор дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом маълумот ирсол менамояд;

- агенти бонкии пардохтӣ фаъолияти худро дар доираи маҳдудиятҳои амалиётие, ки ташкилоти қарзӣ ва ҳамин Тартиб муқаррар кардаанд, анҷом медиҳад.

## БОБИ 10. ТАЛАБОТ ОИД БА ҲИМОЯИ ҲУҚУҚҲОИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОН

40. Ташкилоти қарзӣ бояд дастрасии иттилоотеро, ки ба муштарӣ барои мушаххас кардани агенти (субагенти) бонкии пардохтӣ имкон медиҳад, таъмин намояд.

41. Агенти (субагенти) бонкии пардохтӣ уҳдадор аст ба муштариён доир ба ҳамаи амалиётҳое, ки ба воситаи вай анҷом дода шудаанд, чеки хазина диҳад. Бо розигии муштарӣ иҷозат дода мешавад, ки чеки хазина дар шакли электронӣ дода шавад.

42. Ташкилоти қарзӣ бояд хати алоқаро бо рақамҳои телефонии алоҳида (марказҳои тамос) барои қабули арзу шикоятҳои муштариён таъмин намояд. Муштариён метавонанд ин рақамҳои телефониро барои гирифтани иттилоот оид ба агенти (субагенти) бонкии пардохтӣ, макони ҷойгиршавии он ва салоҳиятнокии фаъолияти агентии бонкии пардохтии вай истифода намоянд.

43. Ташкилоти қарзӣ бояд тартиби баррасии шикоятҳоро таъмин намуда, дар ин бора ба муштариёни худ хабар диҳад.

44. Ҳама арзу шикоятҳои муштариён бояд мутобиқи тартиб ва мӯҳлати муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дар давоми на зиёда аз 30 (сӣ) рӯз аз рӯзи муроҷиат ё пешниҳоди шикоятнома ба ташкилоти қарзӣ баррасӣ карда шаванд. Ташкилоти қарзӣ бояд сабтҳоро оид ба ҳамаи арзу шикояти муштариён ва чораҳои андешидааш оид ба ҳалли шикоятҳои мазкур маҳфуз нигоҳ дорад.

45. Ташкилоти қарзӣ дар доираи фаъолияти агентии бонкии пардохтӣ бояд аз низомҳое истифода барад, ки дар онҳо ҳифзу махфияти иттилоот дар бораи муштариён таъмин карда мешавад.

## БОБИ 11. ИФШОИ МАЪЛУМОТ БАРОИ МУШТАРИЁН

46. Агенти (субагенти) бонкии пардохтӣ уҳдадор аст дар ҳар як ҷойи гузаронидани амалиёт маълумотеро, ки дар қисми 10 моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» муайян шудааст, инчунин номгӯи хизматрасониҳои пардохтиро дар ҷойи барои муштариён намоён ба маъраз гузорад.

47. Агенти (субагенти) бонкии пардохтӣ уҳдадор аст бо дархости муштарӣ ба ӯ нусхаи шартномаи агентии/субагентии бонкии пардохтро барои шиносоӣ пешниҳод намояд.

## БОБИ 12. НАЗОРАТИ ФАЪОЛИЯТИ АГЕНТИИ БОНКИИ ПАРДОХТӢ ВА УҲДАДОРИҲОИ ТАШКИЛОТИ ҚАРЗӢ

48. Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи назорати ташкилотҳои қарзӣ фаъолияти агентии бонкии пардохтии ташкилоти қарзӣ, аз ҷумла риоя шудани талаботи Тартиби мазкурро назорат менамояд.

49. Бонки миллии Тоҷикистон ҳангоми пайдоиши зарурат ё дар ҷавоб ба дархосту шикоятҳои муштариён метавонад санҷишҳои бозрасӣ ва боздиди макони ҷойгиршавии ҳар як агенти (субагенти) бонкии пардохтиро амалӣ намояд.

50. Бонки миллии Тоҷикистон ҳангоми гузаронидани санҷиши бозрасӣ дар маҳалли ҷойгиршавии агенти (субагенти) бонкии пардохтӣ ҳуқуқ дорад санҷиш гузаронад ва ба низомҳои дохилии итттилоотӣ, ҳуҷҷатҳо ва ҳисоботҳои марбут ба фаъолияти агентии бонкии пардохтӣ дастрасӣ дошта бошад.

51. Ташкилоти қарзӣ ҳар семоҳа на дертар аз санаи 10-уми моҳе, ки баъд аз семоҳаи ҳисоботӣ меояд, бояд доир ба амалиётҳои гузаронидаи агентҳои (субагентҳои) бонкии пардохтӣ мутобиқи Замимаи №3 Тартиби мазкур ва оид ба ҳодисаҳои/далелҳои қоидавайронкунӣ ё қаллобии агентҳои (субагентҳои) бонкии пардохтӣ ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳои пардохтӣ ва чораҳои андешидашуда ҷиҳати бартараф кардани онҳо мутобиқи Замимаи №4 Тартиби мазкур ба Бонки миллии Тоҷикистон мунтазам ҳисобот пешниҳод намояд.

52. Ташкилоти қарзӣ уҳдадор аст бо дархости Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти агентҳои (субагентҳои) бонкии пардохтӣ ва амалиётҳои муштариён бо мақсади арзёбӣ ва мониторинги хизматрасониҳои молиявӣ маълумот пешниҳод намояд.

53. Ташкилоти қарзӣ фаъолияти агентҳои (субагентҳои) пардохтии худро назорат карда, барои фаъолияти онҳо мутобиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳн кардани силоҳи қатли ом» масъулият ба зимма дорад.

54. Ташкилоти қарзӣ барои мониторинг ва назорат кардани фаъолияти агентҳои (субагентҳои) бонкии пардохтии худ масъулият ба зимма дорад.

55. Ташкилоти қарзӣ бояд самаранокии риоя шудани меъёри (лимити) дар Тартиби мазкур муқарраршударо мониторинг карда, дар доираи талаботҳои санадҳои меъёрии дохилии худ чораҳои назоратиро муайян намояд.

56. Ташкилоти қарзӣ оид ба назорат кардани хавфҳои амалиётӣ, аз ҷумла мавҷудияти шартҳо дар шартномаи агентии/субагентии бонкии пардохтӣ, ки масъулияти агентҳои (субагентҳои) бонкии пардохтиро пешбинӣ мекунанд, бояд чораҳо андешад.

57. Ташкилоти қарзӣ бо роҳи боздиди макони ҷойгиршавии агенти (субагенти) бонкии пардохтӣ ҷиҳати мутобиқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, дастурамалҳо ва шартномаи агентии/субагентии бонкии пардохтӣ амал кардани агентҳои (субагентҳои) бонкии пардохтӣ бояд чораҳои зарурӣ андешад.

**Замимаи №1**
ба Тартиб оид ба ҷалби агентҳои бонкии пардохтӣ
ва амалисозии назорати риояи шартҳои ҷалби онҳо

## Номгӯи агентҳои бонкии пардохтӣ

______________________________
(номи ташкилоти қарзӣ)

Ба «____» ___________ с. 20__

| № | Номи агенти бонкии пардохтӣ (АБП) | Мушаххасоти шартномаи агентии бонкии пардохтӣ (№ ва сана) | Шаҳодатномаи /патенти бақайдгирии давлатӣ (№ ва сана) | РМА | Нишонии ҳуқуқии АБП | Руйхати субагентҳои бонкии пардохтии ҷалбшуда (Номгуй, № ва санаи шартномаи субагентии бонкии пардохтӣ, нишонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |

Роҳбар:_ _______________ ____________________
*(вазифа)* *(имзо)* *(ному насаб)*

Ҷои муҳр

Сана

**Замимаи №2**

ба Тартиб оид ба ҷалби агентҳои бонкии пардохтӣ ва амалисозии назорати риояи шартҳои ҷалби онҳо

## Номгӯи субагентҳои бонкии пардохтӣ

___________________________________
(номи агенти бонкии пардохтӣ)

Ба «___» ___________ с.20__

| № | Номи субагенти бонкии пардохтӣ (САБП) | Номи агенти бонкии пардохтӣ | Мушаххасоти шартномаи субагенти бонкии пардохтӣ (№ ва сана) | Шаҳодатномаи /патенти бақайдгирии давлатӣ (№ ва сана) | РМА | Нишонии ҳуқуқии САБП |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |

Роҳбар:_ ______________ ___________________
(вазифа) (имзо) (ному насаб)

Ҷои муҳр

Сана

**Замимаи №3**

ба Тартиб оид ба ҷалби агентҳои бонкии пардохтӣ ва амалисозии назорати риояи шартҳои ҷалби онҳо

Номи ташкилоти қарзӣ________________________________

## Ҳисобот
## Оид ба амалиётҳои гузаронидаи агентҳои (субагентҳои) бонкии пардохтӣ барои семоҳаи__ соли 20__

| № | Нишондиҳандаҳо | | |
|---|---|---|---|
| 1 | Теъдоди агентҳои бонкии пардохтӣ(адад), аз он ҷумла: | | |
| 1.1. | Шахсони ҳуқуқӣ | | |
| 1.2. | Соҳибкорони инфиродӣ | | |
| | **Амалиётҳои гузаронидашуда** | **Шумора (адад)** | **Ҳаҷм (сомонӣ)** |
| 2. | Ҳамагӣ амалиётҳо, аз он ҷумла: | | |
| 2.1 | Пардохти хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ | | |
| 2.2. | Пардохти хизматрасониҳои Интернет | | |
| 2.3. | Пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ | | |
| 2.4. | Пардохтҳои давлатӣ (андоз, боҷу хироҷ ва ғ.) | | |
| 2.5. | Пур кардани суратҳисобӣ бонкӣ | | |
| 2.6. | Пур кардани ҳамёнҳои электронӣ | | |
| 2.7 | Пардохти қарз | | |
| 2.8. | Дигар пардохтҳо | | |

Роҳбар:_ ________________ ____________________
*(вазифа)* *(имзо)* *(ному насаб)*

Ҷои мухр

Сана

**Замимаи №4**
ба Тартиб оид ба ҷалби агентҳои бонкии пардохтӣ ва
амалисозии назорати риояи шартҳои ҷалби онҳо

Номи ташкилоти қарзӣ ___________________

**Маълумот оид ба ҳодисаҳои/далелҳои қоидавайронкунӣ ё қаллобии агентҳои (субагентҳои) бонкии пардохтӣ ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳои пардохтӣ ва чораҳои андешидашуда ҷиҳати бартараф кардани онҳо**
**аз «__»___________то «___» ___________ соли 20__**

Шумораи ҳодисаҳои/далелҳои қоидавайронкунӣ (адад) __________________

| № | Санаи муайян кардани ҳодисаи/далели қоидавайронкунӣ | Номгӯи агенти (субагенти) бонкии пардохтӣ | Ҷой ва намуди ҳодисаи/далели қоидавайронкунӣ | Шарҳи тадбирҳо оид ба бартараф кардани ҳодисаи/далели қоидавайронкунӣ | Оқибатҳои ҳодисаи/далели қоидавайронкунӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |

Роҳбар:_ ________________ ____________________
*(вазифа)* *(имзо)* *(ному насаб)*

Ҷои мухр

Сана

# Баланд бардоштани сатҳи тахассусии кормандон – асоси пешравии низоми бонкии кишвар



> Кормандонро ҳамон тарзе омӯзонед, ки онҳо тавонанд аз Шумо раванд. Бо онҳо ҳамон тарзе рафтор кунед, ки онҳо хоҳиши дар ҷояшон монданро кунанд!
>
> *(Ричард Бренсон)*

Дар марҳилаи имрӯзаи тараққиёти иқтисодиёти кишвар нақши низоми бонкӣ хеле назаррас ва муҳим арзёбӣ мешавад. Фаъолияти самараноки низоми бонкӣ дар навбати худ аз таъмин будан бо кадрҳои баландихтисос ва пайваста баланд бардоштани малакаи касбии онҳо вобастагии калон дорад. Сатҳи дониши амалии қисми зиёди мутахассисоне, ки дар донишгоҳ ва донишкадаҳои ҷумҳурӣ барои соҳаи бонкӣ омода карда мешаванд ва бевосита баъд аз хатми донишгоҳ ба кор ҷалб карда мешаванд ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ нестанд. Бинобар ин ба бонкҳо лозим меояд, ки барои ба талабот ҷавобгӯ шудани кормандон онҳоро ба омӯзиш ва баланд бардоштани сатҳи тахассусиашон, мутобиқ ба талаботҳои имрӯза, ки истифодаи васеи технологияҳои нави информатсионии бонкӣ, амнияти иқтисодӣ, идоракунии хавфҳо ва воситаҳои нави алоқаро дар бар мегирад, фаро гиранд.

Вобаста ба муҳимияти масъалаи баланд бардоштани сатҳи тахассуси касбии кормандони Бонки миллии Тоҷикистон ва ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ шудани онҳо дар нақшаи стратегии со-

лимгардонии фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2019 диққати махсус дода шуда, дар назди воҳидҳои сохтории бонк вазифаҳои мушаххас гузошта шудааст.

Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзии мамлакат дар ин самт корҳои зиёдеро анҷом додаанд ва дода истодаанд. Аз ҷумла, дар Бонки миллии Тоҷикистон ҳар сол Барномаи бозомӯзии кормандон таҳия шуда, аз ҷониби Раиси Бонки миллии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад, ки мутобиқи он кормандон ба омӯзиш, аз нав тайёркунӣ ва баланд бардоштани сатҳи тахассусӣ дар дохил ва хориҷи кишвар фаро гирифта мешаванд. Шаклҳои асосии баланд бардоштани сатҳи тахассусии кормандон иштирок дар семинарҳо, мизҳои муддавар, конференсияҳо, бозомӯзиҳо, курсҳои дарозмуддат, дохил шудан ба магистратура, аз ҷумла аз ҳисоби барномаҳои давлатӣ мебошад.

Бонки миллии Тоҷикистон барои баланд бардоштани сатҳи тахассусии кормандон ҳар сол дар сметаи хароҷотҳои бонк маблағҳои муайянро пешбинӣ менамояд. Қайд кардан зарур аст, ки баланд бардоштани сатҳи тахассусии кормандон хароҷоти зиёдро талаб менамояд ва на ҳар як ташкилоти қарзӣ имконияти пурра ба омӯзиш фаро гирифтани кормандонашонро дорад. Новобаста аз ин рақобати шадид дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ ташкилотҳои қарзиро водор мекунад, ки ба ин масъала ба қадри имконият таваҷҷуҳ зоҳир намоянд.

Идораи кормандони Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо дигар воҳидҳои сохтории бонк дар асоси Барномаи тасдиқшуда ва вобаста ба эҳтиёҷоти воҳидҳои сохторӣ барои баланд бардоштани тахассуси кормандон корҳои муайянеро ба анҷом мерасонад. Аз ҷумла, бо бонкҳои марказии мамлакатҳои гуногун алоқаҳои зичро барқарор намуда, дар асоси барномаҳои онҳо ва талаботи воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон кормандонро барои иштирок дар чорабиниҳои таълимӣ сафарбар мекунад. Тавре дар маълумотҳои ҷадвали 1 дида мешавад, дар давоми солҳои 2016-2017 теъ-

**Ҷадвали 1**

**Маълумот оиди иштироки кормандони Бонки миллии Тоҷикистон дар чорабиниҳои таълимӣ дар хориҷи дур, солҳои 2016 2017, (нафар)**

| №т/т | Номгӯи мамлакатҳо ва марказҳои таълимӣ | Шумораи кормандон, аз ҷумла | | | | Ҷамъ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Кормандони роҳбарикунанда | Мутахассисон | Мардҳо | Занҳо | |
| 1. | Австрия (Институти муттаҳидаи Вена) | 21 | 45 | 52 | 14 | 66 |
| 2. | Германия | 12 | 14 | 20 | 6 | 26 |
| 3. | Малайзия | 2 | 10 | 9 | 3 | 12 |
| 4. | ИМА | 8 | 3 | 8 | 3 | 11 |
| 5. | Туркия (Бонки марказӣ) | 4 | 7 | 9 | 2 | 11 |
| 6. | Корея | 4 | 6 | 7 | 3 | 10 |
| 7. | Швейтсария | 6 | 2 | 7 | 1 | 8 |
| 8. | Япония | 6 | 1 | 7 | -- | 7 |
| 9. | Хитой | 4 | 2 | 4 | 2 | 6 |
| 10. | Италия | 3 | 2 | 3 | 2 | 5 |
| 11. | Аморати Муттаҳидаи Араб (Дубай) | 2 | 2 | 3 | 1 | 4 |
| 12. | Ҳиндустон | - | 3 | 1 | 2 | 3 |
| 13. | Покистон | - | 2 | 2 | - | 2 |
| 14 | Полша | 1 | - | 1 | - | 1 |
| 15. | Филиппин | - | 1 | - | 1 | 1 |
| | **Ҷамъ** | **73** | **100** | **133** | **40** | **173** |

доди 173 нафар кормандони Бонки миллии Тоҷикистон дар марказҳои таълимии Бонкҳои марказии мамлакатҳои хориҷи дур бозомӯзӣ карда, дараҷаи тахассусиашонро баланд бардоштаанд. Бо мақсади сарфа намудани маблағҳо дар Бонки миллии Тоҷикистон асосан ба он чорабиниҳои таълимӣ дар хориҷи кишвар таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад, ки хароҷотҳояшон асосан аз ҳисоби тарафи даъваткунанда бошад. Ба чорабиниҳои таълимӣ кормандони сатҳи гуногун, аз ҷумла кормандони роҳбарикунанда ва мутахассисон ҷалб карда мешаванд. Таҳлили рақамҳои ҷадвали 1 нишон медиҳад ки қисми зиёди иштирокчиёни чорабиниҳои таълимиро (58%) мутахассисон ташкил мекунанд.

Ҳамзамон қайд кардан зарур аст, ки дар Бонки миллии Тоҷикистон барои баланд бардоштани малакаи касбии мутахассисон - занҳо диққати ҷиддӣ дода мешавад. Тавре боз ҳам дар ҷадвали 1 дида мешавад, дар солҳои 2016-2017 теъдоди 40 нафар занҳо дар чорабиниҳои таълимӣ иштирок намуданд, ки ин зиёда аз 23%-и шумораи умумии иштирокчиёни чорабиниҳои таълимиро ташкил мекунад *(Ҷадвали 1).*

Дар баробари иштирок дар чорабиниҳои таълимии давлатҳои хориҷи дур кормандони Бонки миллии Тоҷикистон дар чорабиниҳои таълимии давлатҳои хориҷи наздик (ИДМ, ЕАС) низ фаъолона иштирок менамоянд. Онҳо махсусан дар чорабиниҳои таълимие, ки

**Бонки миллии Тоҷикистон барои баланд бардоштани сатҳи тахассусии кормандон ҳар сол дар сметаи хароҷотҳои бонк маблағҳои муайянро пешбинӣ менамояд. Қайд кардан зарур аст, ки баланд бардоштани сатҳи тахассусии кормандон хароҷоти зиёдро талаб менамояд ва на ҳар як ташкилоти қарзӣ имконияти пурра ба омӯзиш фаро гирифтани кормандонашонро дорад.**

дар асоси Барномаи таълимии омӯзиши касбии кормандони Бонкҳои марказӣ (миллӣ) ташкил карда мешавад, ширкат меварзанд. Мавзӯҳои ин Барномаи таълимӣ, ки ҳар сол аз ҷониби Шӯрои ҳамоҳангсози он омода карда шуда, дар маҷлиси Шӯрои роҳбарони Бонкҳои марказӣ (миллӣ) тасдиқ мешаванд, хеле ҷолиб буда, асосан мавзӯҳоеро дар бар мегиранд, ки барои фаъолияти самараноки бонкҳои марказӣ (миллӣ) муҳим арзёбӣ мешаванд. Ҳар сол дар баробари мавзӯҳои маъмулӣ, ба монанди сиёсати монетарӣ, назорати бонкӣ, механизми идоранамоии хавфҳо, мушкилоти ривоҷ додани низоми пардохт ва амалиёт бо пули нақд, мавзӯҳое ба Барнома дохил карда мешаванд, ки тақозои замони муосир мебошанд ва фаъолияти бозори молиявӣ, баланд бардоштани саводнокии молиявӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, бехатарии информатсионӣ, мониторинги молиявӣ ва ғайраро дарбар мегиранд. Дар ин Барнома шакли чорабиниҳои таълимӣ асосан аз семинарҳо (мизҳои муддавар), видеоконференсияҳо ва коромӯзиҳо иборат мебошанд. Барои соли 2018 дар доираи ин Барнома ҷамъ 63 чорабинии таълимӣ пешбинӣ шудааст, аз ҷумла 28 семинар, 4 видеоконференсия ва 31 бозомӯзӣ. Дар ин чорабиниҳо мутахассисон аз бонкҳои марказии Россия, Қазоқистон, Қирғизистон, Арманистон, Беларус, Тоҷикистон, Озорбойҷон, Молдова ва Украина иштирок менамоянд. Солҳои охир инчунин аз ҷониби марказҳои таълимии давлатҳои Аврупо ба мавзӯҳои ин Барнома таваҷҷуҳ зоҳир намуда, мутахассисони Бонки миллии Полша, Бонки марказии Германия, Италия, Франсия, Голландия ва дигар кишварҳо низ дар ин чорабиниҳои таълимӣ фаъолона иштирок мекунанд *(Ҷадвали 2).*

Дар нимсолаи якуми соли 2018 низ ба масъалаи баланд бардоштани дараҷаи касбияти кормандони Бонки миллии Тоҷикистон диққати ҷиддӣ дода шуда, ҷамъ 175 нафар ба таълим фаро гирифта шуд, ки аз ин шумора 64 нафар дар хориҷи кишвар ва 111 нафар дар курсҳои назди Бонки миллии Тоҷикистон иштирок намуданд.

Бо мақсади назорати самаранокии иштироки кормандон дар семинару коромӯзиҳо, махсусан дар хориҷи кишвар ва бо мақсади ба маълумоти шумораи зиёди кормандон расонидани дониш ва малакаи азхудкарда

**Ҷадвали 2.**

**Маълумот оиди иштироки кормандони Бонки миллии Тоҷикистон дар чорабиниҳои таълимӣ дар хориҷи наздик, солҳои 2016-2017, нафар**

| №т/т | Номгӯи Бонкҳои марказӣ (миллӣ) | Шумораи кормандон, аз ҷумла | | | | Ҷамъ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Кормандони роҳбарикунанда | Мутахассисон | Мардҳо | Занҳо | |
| 1. | Федератсияи Россия | 16 | 27 | 35 | 8 | 43 |
| 2. | Қазоқистон | 8 | 13 | 18 | 3 | 21 |
| 3. | Белорус | 12 | 8 | 16 | 4 | 20 |
| 4. | Арманистон | 8 | 7 | 13 | 2 | 15 |
| 5. | Қирғизистон | 5 | 7 | 11 | 1 | 12 |
| 6. | Грузия | 2 | 5 | 6 | 1 | 7 |
| 7. | Озорбойҷон | 3 | 3 | 1 | 5 | 6 |
| 8. | Ўзбекистон | 1 | 1 | 1 | 1 | 2 |
| 9. | Ҷамъ | 55 | 71 | 101 | 25 | 126 |

аз ҷониби роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон аз аввали соли 2018 тартиби пешниҳоди рӯнамоҳои (презентатсияҳо)-и кормандони аз сафари хизматии хориҷи кишвар баргашта, бо иштироки васеи кормандон ба роҳ монда шудааст, ки самараи хуби худро нишон дода истодааст. То имрӯз 72 нафар оиди 60 мавзӯъ бо рӯнамоҳо дар назди ҳамкорон баромад намуданд. Тибқи фармони Раиси Бонки миллии Тоҷикистон ҳар як корманди аз сафари хизматии хориҷа баргашта, баъд аз 5 рӯз бояд дар назди ҳамкорон оиди натиҷаи сафари хизматӣ бо рӯнамо баромад намояд.

Дар баробари иштирок дар чорабиниҳои таълимии хориҷи кишвар ба ташкили семинар ва бозомӯзиҳо дар марказҳои таълимии Бонки миллии Тоҷикистон воқеъ дар ш. Гулистон, Хоруғ, Истаравшан ва н. Варзоб диққати ҷиддӣ дода мешавад. Ин чорабиниҳои таълимӣ ҳамчунин дар асоси Барномаи тасдиқшуда амалӣ карда шуда, дар он мутахассисони Дастгоҳи марказӣ ва шуъбаҳои минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон ва инчунин ташкилотҳои қарзии мамлакат иштирок менамоянд. Қайд кардан зарур аст, ки вобаста ба тағйиру иловаҳои дар қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ воридшуда, барои мутахассисони ташкилотҳои қарзӣ низ Бонки миллии Тоҷикистон чорабиниҳои омӯзишӣ мегузаронад. Дар ин ҷода ҳамкории хуби Асостсиатсияи ташкилотҳои хурди қарзии Тоҷикистонро бо воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон махсусан қайд кардан зарур аст.

Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчунин бо муассисаҳои таҳсилоти олии дохил ва хориҷи кишвар оиди тайёр намудани кадрҳои баландихтисос ҳамкории зич дорад. Аз ҷумла, ҳар сол теъдоди муайяни донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар ш. Душанбе, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон дар воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон таҷрибаомӯзӣ мегузаранд. Дар соли 2016 дар маҷмӯъ 45 нафар донишҷӯ, дар соли 2017 35 нафар ва дар нимсолаи якуми соли 2018 47 нафар донишҷӯён дар Бонки миллии Тоҷикистон таҷрибаомӯзӣ намуданд. Барои ҳар як таҷрибаомӯз, ки бо роҳхати муассисаи олӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон меояд, бо фармони Раиси Бонки миллии Тоҷикистон роҳбари

таҷрибаомӯзӣ дар шахси сардори воҳиди сохтории дахлдор таъин карда шуда, барномаи тарибаомӯзӣ аз ҷониби воҳиди сохторӣ тартиб дода мешавад. Таҷрибаомӯзон дар давраи таҷрибаомӯзӣ аз тамоми имкониятҳои мавҷуда, аз қабили ошхона, китобхона, воситаҳои техникӣ истифода бурда метавонанд.

Мутахассисони Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчунин аз соли 2010 инҷониб дар озмунҳое, ки дар доираи Барномаи пешниҳоди стипендияҳо барои омода намудани кадрҳо (JDS, Япония) ва Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона иштирок намуда, соҳиби стипендия мешаванд. Аз ҷумла, дар ин муддат 9 нафар кормандӣ Бонки миллии Тоҷикистон дар рақобатҳои шадид соҳиби чунин стипендия шуда, 5 нафар таҳсилро бомуваффақият анҷом доданд. Соли 2018 боз 2 нафар таҳсилро анҷом дода ба ватан бармегарданд, 1 нафар ба соли дуюми таҳсил гузашта, 1 нафар имсол ғолиби озмун шуд ва барои таҳсил дар Япония роҳхат гирифт.

Қобили қайд аст, ки Бонки миллии Тоҷикистон оиди омода намудани кадрҳои баландихтисос барои низоми бонкии кишвар аз соли 2014 бо Фонди хазинаи амонатҳо оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ (Германия) ҳамкории зич дорад. Дар ин муддат зиёда аз 350 нафар мутахассисони ҷавони ташкилотҳои қарзии мамлакат дар курсҳои махсус амалкунанда ба омӯзиши дугона (дуальное обучение) фаро гирифта шуда, соҳиби сертификати байналмилалӣ гардиданд. Барномаи мазкур асосан аз ҷониби Ҳукумати Германия маблағгузорӣ карда шуда, (хароҷоти таълим, таъмин бо хӯрок, маводҳои таълимӣ ва методӣ) хароҷотҳои таъмин бо ҷойи таълим ва ҷойи зисти тренерҳои хориҷӣ (хароҷоти меҳмонхона) ҳангоми сафар ба Тоҷикистон аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон таъмин карда мешаванд. Идомаи Барномаи мазкур то соли 2020 дар назар аст.

Ҳамчунин дар доираи ҳамкориҳо бо Фонди мазкур ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи баланд бардоштани саводнокии молиявии хонандагони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои томактабӣ ба роҳ монда шудааст. Дар доираи ин Барнома то имрӯз корҳои зиёде ба анҷом расонида шудаанд. Аз ҷумла, аз соли 2016 то имрӯз дар чорабиниҳои баланд бардоштани саводнокии молиявӣ зиёда 2900 нафар хонандагони мактабҳои таҳсилоти миёна ва томактабӣ, 650 нафар директорони мактабҳо, 615 нафар муаллимон, 30 нафар кормандони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои гуногуни ҷумҳурӣ иштирок намудаанд. Чорабиниҳои таълимӣ дар ин самт то соли 2020 дар манотиқи гуногуни ҷумҳурӣ давом хоҳанд кард.

**Барои баланд бардоштани сатҳи касбии кормандон мавҷуд будани марказҳои таълимӣ дар сохтори ташкилотҳои қарзӣ, махсусан ташкилотҳои қарзии бузург аз манфиат холӣ нест.**

Дар самти баланд бардоштани сатҳи тахассуси касбии кормандон ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ низ корҳои муайянеро анҷом дода истодаанд. Тавре болотар қайд кардем, рақобати бозори хизматрасониҳои бонкӣ ташкилотҳои қарзиро водор менамояд, ки ба масъалаи бозомӯзии кормандон диққати махсус диҳанд. Муносибат ба баланд бардоштани маҳорати касбии кормандон бо роҳи ташкили семинару коромӯзиҳо дар дохили кишвар ва таъмини иштироки онҳо дар чорабиниҳои хориҷи кишвар аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ вобаста ба шароит ва имконияти молиявӣ гуногун мебошад. Аз ҷумла, ташкили марказҳои таълимӣ, тренинг ва семинарҳо, ҳамкориҳо бо донишгоҳ ва донишкадаҳо, ҷудо кардани маблағҳои муайян дар сметаи хароҷотҳо, фиристодани кормандон барои таҳсил ба хориҷи кишвар ва ғайраҳо, аз қабили ин гуна фаъолият мебошанд.

Тавре аз маълумотҳои ба дастомада бармеояд, масъа-

лаи бозомӯзии кормандон дар ташкилотҳои қарзӣ дар сатҳи гуногун қарор дорад. Дар ташкилотҳои қарзие, ки ба ин масъала ҷиддӣ муносибат менамоянд, барои бозомӯзии кормандон дар сохтори хароҷотҳо маблағи муайян ҷудо карда мешавад (БДА ҶТ "Амонатбонк", ҶСК "Ориёнбонк", ҶСП "Спитаменбонк", ҶСК "Бонки Эсхата", ҶСК "Соҳибкорбонк", ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон", ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд", ҶСП "Аксесбонк  Тоҷикистон", ҶСК "Тоҷиксодиротбонк", ТАҚХ "Имон Интернешнл", ТАҚХ "Арванд", ҶСП ТАҚХ "Ҳумо", ТАҚХ "Финка", ТАҚХ "Алиф Сармоя").

Ҳамчунин аксарияти ташкилотҳои қарзии мамлакат дар масъалаи бозомӯзии кормандон бо ташкилотҳои гуногуни дохил ва хориҷи кишвар, аз қабили Бонки миллии Тоҷикистон, JICA, Бонки Давлатии Рушди Хитой, Фонди хазинаи амонатҳо оид ба ҳамкориҳои байналмилалии Олмон, IFC, Бонки ҷаҳонӣ, Бонки Аврупоии Таҷдиду Тараққиёт, Корпортсияи исломии рушди бахши хусусӣ, "Аксескампус", АМФОТ, Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон ва ғайра ҳамкориҳои судманд дошта, дар мавриди муайян кормандонашонро барои баланд бардоштани тахассуси касбӣ ба хориҷи кишвар низ сафарбар менамоянд (БДА "Амонатбонк", ҶСК "Ориёнбонк", ҶСП "Спитаменбонк", ҶСК "Соҳибкорбонк", ҶСП ТАҚХ "Ҳумо").

Барои баланд бардоштани сатҳи касбии кормандон мавҷуд будани марказҳои таълимӣ дар сохтори ташкилотҳои қарзӣ, махсусан ташкилотҳои қарзии бузург аз манфиат холӣ нест. Мутаассифона, на ҳама ташкилотҳои қарзӣ, аз ҷумла бонкҳо чунин марказҳоро доро мебошанд. Мувофиқи маълумоти пешниҳоднамудаи ташкилотҳои қарзии мамлакат танҳо ҶСП "Бонки Эсхата", ҶСП "АксесБонк Тоҷикистон", ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" ва ТАҚХ "Алиф Сармоя" маркази таълимӣ доранд. Аз маълумотҳои ба мо дастрасшуда бармеояд, ки ташкилотҳои қарзӣ шумораи зиёди кормандонашонро дар дохили кишвар бо бозомӯзӣ фаро гирифтаанд. Аз ҷумла, дар соли 2018 ҶСК "Ориёнбонк" 263 нафар, ҶСК "Бонки Эсхата" 1684 нафар, ҶСК "Соҳибкорбонк" 624 нафар, ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд" 374 нафар, ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон"  183 нафар, ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" 287 нафар, ТАҚХ "Имон –интернешнл" 1685 нафар, ТАҚХ "Арванд" – 150 нафар (ҳар моҳ), ТАҚХ "Финка" – 45 нафар. Дар ин самт фаъолияти хуби ТАҚХ "Алиф Сармояро қайд намудан зарур аст. Дар ин ташкилот аз соли 2017 то имрӯз барои кормандон 67 тренингу семинарҳо гузаронида шудааст.

Ташкилотҳои қарзии мамлакат роҳу усулҳои муосири бо бозомӯзӣ фаро гирифтани кормандонро истифода мебаранд. Аз ҷумла, устодӣ, тренингу семинарҳо, курсҳои видеоӣ ва аудиоӣ, вебинар ва порталҳои омӯзиши фосилавӣ, худомӯзӣ ва ғайра.

Яке аз самтҳои муҳими омода намудани кадрҳои болаёқат ин ҳамкориҳои зич барқарор намудан бо муассисаҳои таълимоти олии мамлакат оид ба гузаштани таҷрибаомӯзии донишҷӯён дар ташкилотҳои қарзӣ мебошад. Дар ин самти фаъолият аксарияти ташкилотҳои қарзӣ фаъол буда, бо донишгоҳ ва донишкадаҳои мамлакат алоқаи хуби корӣ доранд. Барои боз ҳам самараноктар гузаштани таҷрибаомӯзии донишҷӯён ташкилотҳои қарзиро зарур аст, ки ба масъалаи таъмини шароти мусоид, таъин намудани роҳбарони таҷрибаомӯзӣ аз ҷониби кормандони таҷрибадор, таҳия ва тасдиқ намудани барномаи тарибаомӯзии донишҷӯён диққати ҷиддӣ диҳанд ва аз байни донишҷӯёни болаёқат барои худашон мутахассиси ояндаро омода намоянд.

**Д. Гадоев,**
**сардори Идораи**
**кормандони БМТ.**

# Сарватҳои асъорӣ чӣ гуна бояд ворид ва содир шаванд?



Ворид ва ё содир намудани сарватҳои асъорӣ, алалхусус асъори нақди хориҷӣ бевосита таъсири худро ба иқтисодиёт мерасонад, аз ин лиҳоз зарурати ба танзим даровардани ин амал ба миён меояд.

Қабл аз ҳама бояд қайд намоем, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби ворид ва содир намудани сарватҳои асъорӣ дар асоси Дастурамали №234 "Дар бораи тартиби ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содир намудани сарватҳои асъорӣ" ба роҳ монда мешавад.

Дастурамали №234 "Дар бораи тартиби ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содир намудани сарватҳои асъорӣ" (минбаъд Дастурамали №234) тибқи моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» таҳия шуда, тартиби аз ҷониби шахсони воқеӣ (резидентҳо ва ғайрирезидентҳо) ва бонкҳои ваколатдор ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содиру ирсол ва ба Ҷумҳурии Тоҷикистон вориду интиқол намудани пули нақди миллӣ, асъори нақди хориҷӣ, воситаҳои гардони манзуршаванда ва коғазҳои қиматноки бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ дар шакли ҳуҷҷатӣ ифодаёфтаро муқаррар менамояд.

**Ворид намудани сарватҳои асъорӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби шахсони воқеӣ (резидентҳо ва ғайрирезидентҳо) бе маҳдудият, бо риоя намудани талаботи қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал баровардa мешавад.**

Хотиррасон менамоем, ки Дастурамали мазкур бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2018, №30 қабул гардида, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 июни соли 2018, №153 "б" ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Пас аз мавриди амал қарор гирифтани дастурамали зикршуда Қарорҳои Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2005, №269 "Дар бораи тасдиқ намудани Дастурамал "Дар бораи тартиби ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудан ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содир намудани асъори нақди хориҷӣ ва коғазҳои қиматноки бо асъори хориҷӣ ифодаёфта"" ва аз 4 декабри соли 2008, №436-1 "Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Дастуруламали №142", ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 11 октябри соли 2005, №153 ва аз 27 феврали соли 2009, №153 "а" ба қайд гирифта шудаанд, аз эътибор соқит карда шуданд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки мафҳумҳои "ворид намудан", "содир намудан", "ирсол намудан" ва "интиқол намудан" аз ҳам фарқ мекунанд ва ҳамаи ин равандҳо бевосита таъсири худро ба иқтисодиёт мерасонанд.

Таҳти ибораи "Ворид намудани сарватҳои асъорӣ" маънои аз тариқи сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қаламрави ҷумҳурӣ даровардани асъори нақди хориҷӣ, пули нақди

миллӣ, коғазҳои қиматнок ва воситаҳои пардохтии бо пули миллӣ ва ё асъори хориҷӣ дар шакли ҳуҷҷатӣ ифодаёфта, дар назар дошта мешавад. Бештар ворид шудани асъори хориҷӣ ба ҷумҳурӣ ба манфиати иқтисодиёт буда, аз ворикунадагони он танҳо ба таври қонунӣ ба расмият даровадани онро талаб менамояд.

Ҳангоме, ки ибораи "Содир намудани сарватҳои асъорӣ" истифода мешавад, ин маъънои аз тариқи сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қаламрави ҷумҳурӣ баровардани асъори нақди хориҷӣ, пули нақди миллӣ, коғазҳои қиматнок ва воситаҳои пардохтии бо пули миллӣ ва ё асъори хориҷӣ дар шакли ҳуҷҷатӣ ифодаёфта, дар назар дошта мешавад. Зиёд шудани содироти асъори нақди хориҷӣ аз ҷумҳурӣ бевосита метавонад таъсири худро ба қурби пули миллӣ расонад.

"Ирсол (таҳвил) намудани сарватҳои асъорӣ", яъне тавассути Тоҷикистон фиристодан ва ё ба Ҷумҳурии Тоҷикистон даровардан, қабул кардан, кашонидан (таҳвил), расонидан (супоридан)-и асъори нақди хориҷӣ, пули нақди миллӣ мебошад.

"Интиқоли сарватҳои асъорӣ" бошад, ин тавассути низомҳои интиқоли пулӣ ва бонкҳои ваколатдор фиристондани маблағҳои пулӣ ва асъори хориҷӣ ба шумор меравад.

Сарватҳои асъорӣ гуфта, маъмулан асъори хориҷӣ, коғазҳои қиматнок ва ҳуҷҷатҳои пардохтии бо асъори хориҷӣ ифодаёфта, инчунин пули миллӣ, коғазҳои қиматнок ва ҳуҷҷатҳои пардохтии бо пули миллӣ ифодаёфта мебошанд, ки танҳо ҳангоми бо онҳо анҷом додани амалиёт байни резидентҳо ва ғайрирезидентҳо ва ё байни ғайрирезидентҳо дар назар дошта мешаванд.

Дастурамали №234 бо мақсади ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" мутобиқ намудани тартиби амалкунандаи аз ҷониби резидентҳо ва ғайрирезидентҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содир намудани сарватҳои асъорӣ ва бо тавсияи ташкилоти байналмилалии Гурухи татбиқи чораҳои молиявӣ (ФАТФ), таҳия гардидааст.

То давраи мавриди амал қарор гирифтани Дастурамали №234 содир ва ворид намудани пули нақди миллӣ ва асъори нақди хориҷӣ бо Дастуруламали №142 "Дар бораи тартиби ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудан ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содир намудани пули нақди миллӣ, асъори нақди хориҷӣ ва қоғазҳои қиматноки бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ ифодаёфта" ба танзим дароварда мешуд, ки он дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" аз 4 ноябри соли 1995 (аз эътибор соқит шудааст) қабул гардида буд. Инчунин аз ҷониби ташкилоти байналмилалии Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявӣ (ФАТФ) ҷой доштани баъзе камбудиҳо дар тартиби амалкунандаи содир ва ворид намудани асъори нақд аз ҷониби резидентҳо ва ғайрирезидентҳо тавассути қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд гардида буд.

Зарурати дигари таҳияи Дастурамали №234 дар он аст, ки дар Дастурамали мазкур дар баробари тартиби содиру ворид намудани асъори хориҷӣ, инчунин доир ба тартиби содиру ворид намудани дигар сарватҳои асъорӣ қайд гардида, дар бораи тартиби интиқолу ирсоли онҳо низ маълумот дода шудааст.

Ҳамзамон, дар Дастурамали №142 моҳияти мафҳумҳои асосӣ шарҳ дода нашуда буданд. Вобаста ба ин, дар Дастурамали №234 бошад, мафҳумҳои асосӣ аз қабили "пули нақди миллӣ", "асъори нақди хориҷӣ", "сарватҳои асъорӣ", "низоми пардохтӣ", "бонки ваколатдор", "ворид намудани сарватҳои асъорӣ", "содир намудани сарватҳои асъорӣ", "ирсол намудани сарватҳои асъорӣ", "интиқоли сарватҳои асъорӣ" ва ғайраҳо ба таври муфассал шарҳ дода шудаанд.

Дар Дастурамали №142 номгуйи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳанда барои содир намудани асъори нақди хориҷӣ дарҷ гардида буданд, аз он ҷумла "Маълумотномаи Ф.№377". Қайд кардан бамаврид аст, ки дар тартиби қаблии вориду содир намудани асъори нақди хориҷӣ зару-

рат ба гирифтани иҷозатнома барои содир намудани асъори хориҷӣ ҷой дошт, ки калимаи “иҷозатдиҳанда” дар ин ҷо маҳдудкунии ҳуқуқҳо дар анҷомдиҳии амалиёти асъорӣ ба ҳисоб меравад.

Бинобар ин, тибқи тартиби нав, ки дар Дастурамали №234 қайд гардидааст, барои содир намудани сарватҳои асъорӣ аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи манбаи пайдоиши онҳо заруранд, ки ин номгуй дар зер муфассал оварда шудааст:

- декларатсияи гумрукӣ, ки аз тарафи мақомоти гумрукӣ ба расмият дароварда шудааст ва ҳамчун далели ҳақиқии аз ҷониби шахси воқеӣ (резидентҳо ва ғайрирезидентҳо) ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани сарватҳои асъориро тасдиқ менамояд;

– ҳуҷҷати тасдиққунандаи анҷомдиҳии амалиёти мубодилавӣ ва ё табдилдиҳӣ бо асъори хориҷӣ, ки аз ҷониби бонкҳои ваколатдор (филиалҳои онҳо) ва ё воҳидҳои сохтории онҳо ба шахсони воқеӣ (резидентҳо ва ғайрирезидентҳо) ҳангоми ба онҳо фурӯхтани асъори нақди хориҷӣ дода мешавад;

- ҳуҷҷати тасдиққунандаи анҷомдиҳии амалиёти интиқоли асъор, ки аз ҷониби бонкҳои ваколатдор (филиалҳои онҳо) ва ё воҳидҳои сохтории онҳо ба шахсони воқеӣ (резидентҳо ва ғайрирезидентҳо) ҳангоми додани маблағҳои пулии бе кушодани суратҳисоби бонкӣ интиқолшуда, дода мешавад;

- ордери хароҷоти хазина, ки аз ҷониби бонкҳои ваколатдор (филиалҳои онҳо) ва ё воҳидҳои сохтории онҳо ба муштарӣ ҳангоми гирифтан ва ё додани асъори нақд аз суратҳисоб бо пули миллӣ ва ё аз суратҳисоби асъорӣ дода шудааст;

- ордери хароҷоти хазина, ки аз ҷониби бонкҳои ваколатдор (филиалҳои онҳо) ва ё воҳидҳои сохтории онҳо ҳангоми додани асъори нақди хориҷӣ аз суратҳисоби ҷории шахси ҳуқуқӣ барои хароҷотҳои сафари хизматии кормандонаш ва инчунин дар дигар ҳолатҳои бо қонунгузорӣ пешбинишуда, дода шудааст;

- ордери хароҷоти хазина, ки аз ҷониби Хазинаи марказии Бонки миллии Тоҷикистон барои хароҷоти сафари хизматии кормандони худ ва ташкилоту идораҳои буҷетӣ, ки аз ҷониби Хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматрасонӣ карда мешаванд, дода мешавад.

Дар Дастурамали №142 салоҳияти Хадамоти гумруки назди Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷодаи танзими содир намудани сарватҳои асъорӣ пурра қайд нагардида буд, ки дар дастурамали нав ин камбудӣ бартараф карда шуд.

Тибқи талаботҳои Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявӣ (ФАТФ) дар Дастурамали №234 боби алоҳида доир ба салоҳияти мақомоти назорати гумрукӣ дар соҳаи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом ҳангоми ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон содир намудани сарватҳои асъорӣ ҳамроҳ карда шудааст

Инчунин, тартиби ҳамоҳангии фаъолият байни мақоми ваколатдор оид ба муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷодаи содиру ворид намудани сарватҳои асъорӣ дар Дастурамали таҳиягардида, муфассал қайд карда шудааст.

Дар Дастурамали №234 ваколатҳои Бонки миллии Тоҷикистон дар ҷодаи танзими содир намудани сарватҳои асъори дақиқтар гардидаанд, яъне минбаъд Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад барои аз Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути бонкҳои ваколатдор содир намудани сарватҳои асъорӣ, маҳдудиятҳои муваққатӣ ҷорӣ намояд.

Содир намудани сарватҳои асъории нақд аз ҷониби шахсони воқеӣ (резидентҳо ва ғайрирезидентҳо) аз Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби зерин



амалӣ гардонида мешавад:

- шахсони воқеӣ-резидентҳо ва ғайрирезидентҳо, метавонанд бе мамоният, бе декларатсиякунонии хаттии ҳатмӣ ва бе пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи манбаи пайдоиши сарватҳои асъорӣ, ки барои содир намудани сарватҳои асъорӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон асос мебошанд, дар як вақт сарватҳои асъориро ба маблағи ҳамарзиши (эквиваленти) то 3’000 (се ҳазор) доллари ИМА аз Ҷумҳурии Тоҷикистон бароранд;

- содир намудани сарватҳои асъорӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи ҳамарзиши аз 3’001 (се ҳазору як) доллари ИМА то ба маблағи ҳамарзиши 10’000 (даҳ ҳазор) доллари ИМА аз ҷониби шахсони воқеӣ-резидентҳо бо шарти декларатсиякунонии хаттии ҳатмӣ, бе пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи манбаи пайдоиши онҳо, ки барои содир намудани сарватҳои асъорӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон асос мебошанд, амалӣ мегардад;

- содир намудани сарватҳои асъорӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи ҳамарзиши зиёда аз 10’000 (даҳ ҳазор) доллари ИМА, аз ҷониби шахсони воқеӣ-резидентҳо бо шарти декларатсиякунонии хаттии ҳатмӣ ва бо пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи манбаи пайдоиши сарвати асъорӣ, ки барои содир намудани сарватҳои асъорӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон асос мебошанд, амалӣ мегардад;

- содир намудани сарватҳои асъорӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи ҳамарзиши зиёда аз 3’000 (се ҳазор) доллари ИМА, аз ҷониби шахсони воқеӣ - ғайрирезидентҳо бо шарти декларатсиякунонии хаттии ҳатмӣ ва бо пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи манбаи пайдоиши сарватҳои асъорӣ, ки барои содир намудани сарватҳои асъорӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон асос мебошанд, амалӣ мегардад.

Ворид намудани сарватҳои асъорӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби шахсони воқеӣ (резидентҳо ва ғайрирезидентҳо) бе маҳдудият, бо риояи намудани талаботи қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад.

Дар баробари ин, дар мавриди ворид намудани сарватҳои асъорӣ ба маблағи ҳамарзиш ба 3’000 (се ҳазор) доллари ИМА ва зиёд аз он, талаботи декларатсиякунонии хаттӣ татбиқ карда мешавад.

Шахсони воқеӣ (резидентҳо ва ғайрирезидентҳо) сарватҳои асъории ба маблағи ҳамарзиши то 3’000 (се ҳазор) доллари ИМА-ро низ метавонанд ба таври ихтиёрӣ декларатсия намуда, тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон содиру ворид намоянд.

**Беҳзод Ҷӯраев** – сардори шуъбаи танзими асъори Департаменти идораи захираҳои байналмилалӣ ва сиёсати қурби асъори БМТ,
**Шаҳбоз Раҳимзода** – мутахассиси дараҷаи 1 шуъбаи амалиётии Департаменти идораи захираҳои байналмилалӣ ва сиёсати қурби асъори БМТ.

# Руҳулло Ҳакимзода: Пешниҳоди қарз бо юан ба иқтисодиёти кишвар таъсири мусбат мерасонад



(Мусоҳиба бо Раиси Раёсати Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" Руҳулло Абдулғанӣ Ҳакимзода)

*Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" ду хати қарзии нав кушода, пешниҳоди қарзҳои боимтиёз ба соҳибкоронро бо пули миллии чинӣ – юан ва пули миллии ӯзбекӣ – сӯм оғоз кардааст. Ин қарзҳо ба муҳлати аз 3 то 5 сол дода мешаванд. Бозпардохти онҳо бо пули миллӣ – сомонӣ сурат мегирад. Ин иқдом барои рушди ҳамкориҳои иқтисодии миёни Тоҷикистону Чин ва Тоҷикистону Ӯзбекистон мусоидат хоҳад кард. Маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ" дар бораи ҳадафҳо ва таъсири боз шудани ин хатҳои қарзӣ ба иқтисоди кишвар бо Раиси Раёсати Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк" Руҳулло Абдулғанӣ Ҳакимзода мусоҳиба намуд.*

> **Ҳамкориҳои судманди байнибонкӣ бо бонкҳои бонуфузи Ҷумҳурии Мардумии Чин ба роҳ монда шудаанд. Яке аз бонкҳои калонтарини ин кишвар Бонки давлатии рушди Чин шарики асосии "Амонатбонк" дар самти ҷалби сармояи чинӣ ба ҳисоб меравад.**

**– "Амонатбонк" иқдоми наверо оғоз карда, бо юани Чин қарздиҳиро ба соҳибкорон шурӯъ намуд. Лутфан бигӯед, ки ҳадаф аз пешниҳоди қарзҳо бо ин пули хориҷӣ чист?**

– Татбиқи иқдомҳои пайгиронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати амалисозии ислоҳот дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ, бахусус дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва ҷалби бештари сармояи хориҷӣ самараи хуб дода, дар натиҷа ҳамкориҳои молиявию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ, бахусус шарикони рушд ба таври назаррас ривоҷу равнақ ёфта истодааст.

Дар ин раванд, яке аз шарикони стратегие, ки бо кишвари мо ҳамкориҳои густурда дорад, Ҷумҳурии Мардумии Чин ба шумор меравад. Воқеан сатҳи ҳамкории гуногунҷанбаи ду давлат ва муколамаи созандаи сиёсии дуҷониба дар давоми 25

соли барқарории муносибатҳои дипломатӣ ба маротиб васеъ гардидааст. Тибқи маълумотҳо то имрӯз санадҳои меъёрию ҳуқуқии ҳамкории дуҷониба наздики 200 аснодро ташкил медиҳанд, ки бахшҳои муҳимро дарбар мегиранд.

Дар заминаи ҳамкориҳои қарордодӣ, ҳамкориҳои судманди байнибонкӣ бо бонкҳои бонуфузи Ҷумҳурии Мардумии Чин ба роҳ монда шудаанд. Яке аз бонкҳои калонтарини ин кишвар Бонки давлатии рушди Чин шарики асосии “Амонатбонк” дар самти ҷалби сармояи чинӣ ба ҳисоб меравад. Аз оғози ҳамкории “Амонатбонк” бо Бонки давлатии рушди Чин 10 сол пур мешавад. Дар таърихи ҳамкориҳои дуҷониба бо ин ташкилоти молиявии бонуфуз байни ҷонибҳо 8 созишномаи қарзӣ ба имзо расида, дар маҷмӯъ ба иқтисодиёти кишвар 59,5 млн. доллари ИМА сармояи чинӣ ҷалб гардидааст. Маблағҳои ҷалбгардида бо мақсади рушди соҳаҳои саноату кишоварзӣ, соҳибкории хурду миёна ва тақвияти имкониятҳои мавҷуда дар самти боло бардоштани ҳаҷми гардиши мол байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин равона шудаанд.

Дар марҳилаи кунунӣ дар доираи ҳамкориҳои байнибонкии Созмони ҳамкории Шанхай, “Амонатбонк” бо дарназардошти вазъи кунунии бозори асъор ва таъсири фишорҳои қурбӣ тасмим гирифтааст, ки ҷалби маблағҳои қарзиро бо юани чинӣ ба роҳ монад.

Ҳадафи асосии ҷалби маблағҳои қарзӣ бо юани чинӣ диверсификатсия намудани ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ мебошад. Илова ба ин, юани чинӣ назар ба дигар асъорҳои хориҷӣ нисбатан арзон аст. Аз нуқтаи назари дигар, ҳадафи ҷалби маблағҳо бо юан, коҳиш додани таъсири фишорҳои қурбии доллари ИМА дар бозори дохилӣ мебошад.

Бинобар ин, дар ҳошияи баргузории ҷаласаи XIV-уми Шӯрои Иттиҳоди байнибонкии Созмони ҳамкории Шанхай, масъалаи ба имзо расонидани созишномаи қарзӣ дар ҳаҷми 60,0 млн. юани чинӣ мавриди муҳокима қарор дода шуд. Қарзҳо ба соҳибкорон бо мақсади зиёд намудани ҳаҷми гардиши мол байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии мардумии Чин пешниҳод карда мешаванд.

## – Соҳибкорон ба ин иқдом чӣ гуна алоқамандӣ нишон медиҳанд?

– Тибқи маълумотҳои оморӣ гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Мардумии Чин дар соли 2017 беш аз 885,1 млн. сомониро ташкил намуда, аз ҷиҳати ҳаҷм дар мавқеи дуюм қарор дорад. Дар баробари ба тасвиб расидани Шартнома оид ба некӯҳамсоягӣ, дӯстӣ ва ҳамшарикӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин, гардиши молу маҳсулот нисбат ба солҳои пеш якчанд маротиба зиёд шуда, ҳамкориҳои инвеститсионӣ ва минтақавӣ дар байни ҷонибҳо тавсиа ёфтааст. Тибқи пешбиниҳои ҷонибҳо, робитаҳои тиҷоратӣ ба маротиб густариш ёфта, дар назар аст, ки ҳаҷми гардиши молу маҳсулот миёни ин ду кишвари бо ҳам дӯсту ҳамсоя ва ҳамшарики стратегӣ солҳои наздик то 3 млрд. доллари ИМА расонида мешавад.

Зимни мулоқоти расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин муҳтарам Си Ҷинпин, ки санаи 9 июни соли равон дар шаҳри Чиндао дар ҳошияи ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай доир шуд, ҷонибҳо ба сатҳи ҳамкорӣ дар масъалаи ҷалби сармоя ба соҳаҳои саноати кӯҳӣ, энергетика, нақлиёт ва кишоварзӣ, лоиҳаи сохтмони роҳҳои оҳани минтақавӣ, боло бардоштани ҳаҷми гардиши мол, афзоиши содирот ба бозори Чин, аз ҷумла маҳсулоти кишоварзӣ диққати ҷиддӣ доданд.

Ҳамкориҳои гуногунҷабҳа бо Ҷумҳурии мардумии Чин имконият медиҳанд, ки соҳибкорони кишвари мо сармояи ҷалбшударо дар соҳаҳои мухталиф васеъ истифода намуда, фаъолияти соҳибкории худро рушд диҳанд.

Айни замон, чандин соҳибкорони ватанӣ, ки бо ширкатҳои чинӣ ҳамкориҳои тиҷоратӣ доранд, барои дастрас намудани қарзҳо бо юан муроҷиат намуданд. Лоиҳаҳои аз ҷониби

соҳибкорон пешниҳодгардида, мавриди омӯзиш ва баррасии Бонк қарор доранд.

**– “Амонатбонк” чӣ гуна имтиёзҳоро барои гирандагони ин қарзҳо пешбинӣ мекунад?**

– Қарзҳо ба соҳибкорон дар доираи талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, Низомномаи қарзии “Амонатбонк” ва Созишномаи қарзии Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк” ва Бонки давлатии рушди Чин пешниҳод карда мешаванд. Бо дарназардошти он ки ин қарзҳо бо мақсади рушди фаъолияти соҳибкорӣ ҷалб шудаанд, “Амонатбонк” кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки як қатор имтиёзҳоро фароҳам оварад. Пеш аз ҳама бояд қайд намоем, ки ин қарзҳо дорои фоизи нисбатан паст ва мӯҳлати дароз мебошанд. Инчунин, аз лиҳози хавфҳои асъорӣ нисбат ба доллари ИМА хавфи нисбатан пасттар доранд.

**– Барои бо юан қарз гирифтан чӣ гуна ҳуҷҷатҳо ва кадом мушаххасот лозим аст?**

– Барои барасмиятдарории қарз мушаххасоти зиёд лозим намешавад. Бонк аз мизоҷон танҳо ҳуҷҷатҳои таъсисӣ, ҳуҷҷатҳо оид ба нишондиҳандаҳои вазъи молиявӣ ва амволи гаравро талаб менамояд.

**– Дар баробари ин, “Амонатбонк” бо пули миллии Ӯзбекистон низ пешниҳоди қарзҳои имтиёзнокро ба муштариён оғоз кардааст. Соҳибкорон бо кадом ҳадафҳо ин қарзҳоро дарёфт мекунанд?**

– Тавре хонандагони гиромӣ огоҳ ҳастанд, дар ҳошияи сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон як қатор созишномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонида шуд. Аз он ҷумла, бо мақсади тақвияти робитаҳои иқтисодию молиявӣ санадҳои муҳим ба монанди Созишнома дар бораи ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи мутақобилаи сармоягузорӣ ва Созишнома оид ба ҳамкориҳои молиявӣ ба имзо расиданд. Дар ин замина, байни Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк” ва ду бонки Ҷумҳурии Ӯзбекистон Созишномаҳои қарзӣ баста шуданд. Дар асоси Созишномаҳои басташуда ба иқтисодиёти кишвар дар ҳаҷми 43 млн. доллари ИМА сармоягузории ҷониби Ӯзбекистон ҷалб карда мешавад. Маблағҳои имтиёзноки қарзиро соҳибкорон бо мақсади гузаронидани амалиётҳои тиҷоратӣ дар самти воридоти автомобилҳо, молу маҳсулотҳои нассоҷӣ, сохтмонӣ, хуроквbooорӣ, маишӣ, кимиёвӣ, кишоварзӣ ва ғайраҳо метавонанд истифода намоянд.

**– Оё пеш аз ин “Амонатбонк” таҷрибаи қарздиҳӣ бо асъори дигар (ба истисноии доллар)-ро дошт ва он чӣ натиҷа додааст?**

– Дар фаъолияти қарздиҳии бонк ғайр аз доллари ИМА, пешниҳоди қарзҳо бо дигар асъори хориҷӣ ба таври васеъ истифода нашудааст. Дар соли 2010 байни Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк” ва Бонки давлатии рушди Чин созишномаи қарзӣ бо юан ба имзо расида буд, вале аз ин маблағҳо доираи маҳдуди муштариён истифода намуда буданд.

Бо назардошти он ки дар ҳамон давра талаботи соҳибкорон ба қарзҳои бо юани Чин пешниҳодшаванда камтар буд, аз ин рӯ бонк дар самти ҷалби пурраи маблағҳои тибқи созишнома пешбинигардида ба натиҷаи ниҳоӣ ноил шуда натавонист. Бинобар ин, ҷалби минбаъдаи сармоягузориҳо бо шарикони рушд бо доллари ИМА роҳандозӣ гардид.

Дар марҳилаи ҳозира, ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар баробари доллари ИМА бо дигар асъори хориҷӣ, бахусус бо юан ниҳоят муҳим ва ба нафъи иқтисодиёти мамлакати мо мебошад, зеро назар ба солҳои пеш имрӯз талабот ба қарзҳо бо юани Чин пешниҳодшаванда бештар гардидааст.

**– Ба назари Шумо то кадом андоза ин иқдом барои дедолларикунонӣ ва устувории қурби сомонӣ нисбат ба долла-**

## ри ИМА мусоидат мекунад?

- Бо таваҷҷуҳ ба он, ки ҳудуди 80 фисади сармоягузориҳои Чин ба соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ равона карда мешавад, ҷалби ҳамин сармояҳо бо юан имкон медиҳад, ки фишори доллари ИМА ба пули миллӣ кам гардад. Дар баробари ин, сармоягузориҳое, ки маъмулан дар намуди технология ва дигар унсурҳои моддӣ ба иқтисодиёти кишвар ворид мешаванд, дар ҳолати бо доллари ИМА баҳогузорӣ шудан, метавонанд ба сиёсати пулию қарзӣ таъсири манфӣ расонанд.

Аз ин рӯ, ҷалби сармоя бо юан ва амалисозии ҳисоббаробаркуниҳои байнибонкӣ бо юан имкон медиҳад, ки талабот ба доллари ИМА кам гардида, диверсификатсияи асъорӣ татбиқ карда шавад. Ғайр аз ин, бо таваҷҷуҳ ба он, ки қисмати зиёди молу маҳсулот аз Чин ба Тоҷикистон ворид карда мешаванд, зарурати истифодаи доллари ИМА дар ҳамин муносибатҳо комилан вуҷуд надорад.

Бинобар ин, ҷалби сармоягузориҳо бо юан дар дедоллларикунонии иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши калидӣ дошта, метавонад дар устуворгардии қурби пули миллӣ нисбат ба доллари ИМА таъсири мусбӣ расонад.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки ниҳоди бонуфузи ҷаҳонӣ – Хазинаи байналмиллалии асъор ба масъалаи дедолларикунонии низоми молиявӣ ва диверсификатсияи захираҳои асъорӣ шуруъ намудааст. Ба ин хотир, санаи 30 ноябри соли 2015 Шӯрои иҷроияи Хазинаи байналмиллалии асъор қарор қабул намуда буд, ки юани чинӣ дар қатори дигар асъори давлатҳои ҷаҳон ба сабади захираҳои асъорӣ ҳамроҳ карда шавад. Ҳамин тавр юани чинӣ аз 1 октябри соли 2016 ба сабади захираҳои асъории Хазинаи байналмиллалии асъор ворид карда шуд. Дар баробари ба сабади захираҳои асъорӣ ҳамроҳ намудани юани чинӣ, ҳукумати Чин барои устувор намудани мавқеи юан дар бозори ҷаҳонӣ марҳила ба марҳила чораҳои муассирро амалӣ намуда истодааст.

Аз ин хотир иқдоми ҷалби сармоягузориҳо бо юани чинӣ аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун василаи молиявӣ барои коҳиш додани вобастагии иқтисодиёт аз доллари ИМА мусоидат менамояд.

## – Шумо таъсири қарздиҳӣ бо юанро ба соҳаи бонкдорӣ ва ба иқтисоди кишвар чӣ гуна арзёбӣ мекунед?

– Маълум аст, ки тағйирёбии номусоиди қурби пули миллӣ нисбат ба доллари ИМА бе ин ҳам, ҳолати бӯҳронии бонкҳои кишварро мураккаб сохт. Аксар қарзҳое, ки бо доллари ИМА пешниҳод шуда буданд, бо боло рафтани қурби доллар фоизи қарзҳои мушкилситонро зиёд гардониданд. Чораҳои институтсионалии маҳдудсозии истифодаи доллари ИМА дар муомилотҳои хос ва бастани нуқтаҳои мубодилаи асъор имкон доданд, ки то як андоза устувории қурби пули миллӣ нисбат ба доллар таъмин карда шавад. Вале, мураккабгардии



таркиби воридот, афзоиши талабот ба молу хадамоти муайян ва коҳиши истеҳсолоти ватанӣ дигарбора фишори долларро нисбат ба сомонӣ зиёд гардониданд. Аз ин рӯ, агар сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ диверсификатсия карда шуда, талаботи соҳибкорон ба юани чинӣ ва рубли русӣ дар дараҷаи зарурӣ таъмин карда шавад, дар ин маврид на танҳо низоми бонкӣ ба марҳилаи нави рушд ворид мегардад, балки бова-

рии муштариён нисбат ба онҳо барқарор хоҳад гашт.

Ба андешаи мо, дар баробари доллари ИМА бо юани чинӣ пешниҳод намудани қарзҳо ба иқтисодиёти кишвар, пеш аз ҳама ба фаъолияти худи соҳибкорон таъсири мусбӣ дорад.

Бинобар ин, айни замон донии содирот дар мавридҳои муайян қурби юанро нисбат ба доллари ИМА коҳиш медиҳад. Дар ин ҳолат, соҳибкорони тоҷик ҳамчун воридкунанда хавфи эҳтимолии камтар доранд. Ғайр аз ин, бо таваҷҷуҳ ба истифодаи васеи юани чинӣ дар тиҷорати байналхалқӣ, аз ҷумла дар доистифодаи юани чинӣ дар маблағгузории низоми бонкӣ нисбат ба доллари ИМА муфид буда метавонад.



**– Агар қурби юан нисбат ба асъори дигар дар бозори ҷаҳонӣ тағйир ёбад, оё дар он ҳолат ягон намуд хавфи зарар дидани соҳибкор ё бонки Шумо вуҷуд дорад?**

– Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки Чин бо мақсади ҳавасмандгарраи БРИКС ва Лоиҳаи «Як камарбанд- як роҳ» имкон медиҳад, ки устувории қурби юан аз ҷониби давлати Чин бо мақсади ҳифзи мавқеи он таъмин карда шавад.

Қобили қайд аст, ки хатари эҳтимолии дидани зарар аз тағйирёбии қурби юан нисбат ба сомонӣ дар қиёс бо доллари ИМА ва сомонӣ кам арзёбӣ мегардад.

**– Шумо кадом натиҷаҳоро аз қарздиҳӣ бо юан ва сӯми Ӯзбекистон интизор ҳастед?**

– Истифодаи юани чинӣ дар муносибатҳои молиявию қарзӣ қадами наве дар ташаккули бозори молиявии кишвар аст. Зеро имкони бештари интихоб ҳамавақт нархи молу хадамот, аз ҷумла захираҳои молиявиро низ коҳиш медиҳад. Бинобар ин, истифодаи юан метавонад ба низоми бонкии кишвар ва суръати рушди иқтисоди миллӣ таъсири мусбат расонад.

Албатта, сӯми ӯзбекӣ айни замон дар низоми муносибатҳои байнидавлатӣ истифода мешавад. Вале, бо такя ба густариши гардиши байнидавлатии молу хадамот, истифодаи сӯми ӯзбекӣ низ имкон медиҳад, ки соҳибкорон ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон пули миллиро мустақиман ба сӯми ӯзбекӣ иваз кунанд, ки дар ин маврид низ талабот ба доллар коҳиш меёбад.

Умуман, ҷалби сармоя бо юан ва истифодаи сӯми ӯзбекӣ ва рубли русӣ дар муносибатҳои молиявию қарзӣ имкон медиҳанд, ки талабот ба доллари ИМА коҳиш ёфта, мутаносибан қурби он нисбат ба сомонӣ то як андоза коҳиш ёбад.

**Мусоҳиб:**
**А. Мӯминов,**
**маҷаллаи "БТҶ".**

# МЕТОДОЛОГИЯИ
## татбиқи нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар муайян кардани бузургии арзиши амалиёти асъорӣ

Таҳлил ва таҷдиди назар кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон нишон дод, ки дар баъзе қонуну дастурамалҳо ихтилофот ҷой дорад. Аз ҷумла, дар Дастурамали №211 " Дар бораи тартиби анҷомдиҳии амалиёти мубодилавӣ бо асъорӣ хориҷӣ" (2015) дар банди "б"-и қисми 10 чунин оварда шудааст: "амалиёти мубодилавӣ бо асъори хориҷии нақд ба маблағи мутаносиб то ба 14,0 (чордаҳ) ҳазор сомонӣ бе пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият ва ба маблағи мутаносиби аз 14,0 (чордаҳ) ҳазор сомонӣ зиёдбуда бо шарти пешниҳоди ҳатмии ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият анҷом дода мешавад". Дар банди мазкур, аллакай тибқи мактуби Бонки миллии Тоҷикистон ба ташкилотҳои қарзӣ ва шуъбаҳои минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон 29. 09. соли 2017, №07.06 – 1359/4352 ирсолшуда адади 14,0 (чордаҳ) ҳазор сомонӣ ба адади 350 нишондиҳанда табдил дода шудааст, ки аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ дар анҷомдиҳии амалиёти мубодилавӣ бо асъори хориҷии нақд бо мизоҷ истифода бурда мешавад.

Бомаврид аст, қайд намоем, ки дар баъзе аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар ба ҷои ҳаҷми маблағи бо рақам ва бо пули миллӣ ифодаёфта, миқдори нишондиҳанда барои ҳисобҳо истифода бурда шудааст.

Аз ҷумла, барои амалиёти дар банди 2-и қисми 2-юми моддаи 6-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии)даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом"- "хариду фурӯш ва мубодилаи асъори нақди хориҷӣ тавассути нуқтаҳои мубодилаи асъор" ба маблағи баробар ба 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё зиёда аз он ё баробар ба маблағи асъори хориҷии ҳамарзиши 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё зиёда аз он муқаррар шудааст. Ҳар як нишондиҳанда барои ҳисобҳо тибқи моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2017"дар ҳаҷми 50 сомонӣ муқаррар карда шудааст. Вобаста ба ин, бузургии арзиши амалиёти мазкур аз рӯи 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо 17500 сомонӣ (350 x 50 = 17 500 сомонӣ) ё бо назардошти қурби пули миллӣ (1$ = 8,8190 сомонӣ) андозаи 1984 долл. ИМА (17 500:8,8190)-ро ташкил медиҳад.

Саволе ба миён меояд, ки дар соли 2017 ва солҳои оянда (солҳои 2018 – 2019) бе (бо) назардошти индекси қурби асъор, инчунин дар ҳолати бетағйир мондани миқдори нишондиҳанда барои ҳисобҳо (350 нишондиҳанда) ва нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар ҳаҷми 50 сомонӣ бузургии арзиши амалиёти асъорӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ (долл. ИМА) то кадом андоза тағйир меёбад? Барои ҷавоб додан ба саволи мазкур, шарт ва зарур аст,ки ду ҳолати тағйирёбии бузургии арзиши амалиёти асъорӣ, яъне хариду фурӯш ва мубодилаи асъори нақди хориҷӣ тавассути нуқтаҳои мубодилаи асъори ташкилотҳои

**Ҷадвали 1.**
**Динамикаи миқдори нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва бузургии арзиши амалиёти асъорӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ дар солҳои 2017-2019**

| Амалиёти асъорӣ | Миқдори нишондиҳанда барои ҳисобҳо | Ҳаҷми як нишондиҳанда барои ҳисобҳо, сомонӣ | Соли 2017 | | Соли 2018 | | Соли 2019 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Бузургии арзиши амалиёти асъорӣ | | Бузургии арзиши амалиёти асъорӣ | | Бузургии арзиши амалиёти асъорӣ | |
| | | | сомонӣ | дол. ИМА | сомонӣ | дол. ИМА | сомонӣ | дол. ИМА |
| Хариду фурӯш ва мубодилаи асъори нақд | 350 | 50 | 17 500 | 1984* | 17 500 | 1805** | 17 500 | 1694*** |

*- аз рӯи қурби 1 доллари ИМА = 8,8190 сомонӣ ҳисоб карда шудааст;
** - аз рӯи қурби 1 доллари ИМА = 9,69 сомонӣ (тибқи Дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2017 – 2019,ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 августи соли 2016, № 366 тасдиқ шудааст);
*** - аз рӯи қурби 1 доллари ИМА = 10,33 сомонӣ (тибқи Дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2017 – 2019,ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 августи соли 2016, № 366 тасдиқ шудааст).

қарзӣ бо пули миллӣ ва бо асъори хориҷӣ (долл. ИМА) дида бароем:

Дар ҳолати якум, бузургии арзиши амалиёти асъорӣ (хариду фурӯш ва мубодилаи асъори нақди хориҷӣ тавассути нуқтаҳои мубодилаи асъори ташкилотҳои қарзӣ) бо пули миллӣ ва бо асъори хориҷӣ (долл. ИМА) дар мавриди тағйир наёфтани миқдори нишондиҳанда барои ҳисобҳо, арзиши як нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар ҳаҷми 50 сомонӣ,инчунин бе назардошти тағйирёбии индекси қурби асъор муқаррар карда мешавад.

Тавре аз маълумоти овардашудаи ҷадвали 1 намоён аст, дар солҳои 2017-2019 дар ҳолати бетағйир мондани миқдори нишондиҳанда барои ҳисобҳо (350) ва бетағйир мондани индекси қурби пули миллӣ тавассути нуқтаҳои мубодилаи асъори ташкилотҳои қарзӣ бузургии арзиши амалиёти асъорӣ дар ҳаҷми 17 500 сомонӣ бетағйир мондааст. Ҳол он, ки дар ин муҳлат қурби пули миллӣ нисбат ба долл.ИМА тамоюли пастравӣ дорад, яъне аз 8,8190 то 10,33 сомонӣ барои 1 долл. ИМА афзудааст. Вобаста аз тағйирёбии қурби долл. ИМА нисбат ба сомонӣ бузургии арзиши амалиётӣ бо асъор хориҷӣ тамоюли пастравиро дорад. Ба ибораи дигар, дар соли 2017 арзиши 17 500 сомонӣ ба 1984 долл. ИМА, соли 2018 ба 1805 долл. ИМА ва дар соли 2019 ба 1694 долл. ИМА баробар хоҳад шуд. Вазъи ҷойдоштаи ҳолати якум дар диаграммаи 1 ба таври аёнӣ нишон дода шудааст.

Дар ҳолати дуюм, бузургии арзиши амалиёти асъорӣ (хариду фурӯш ва мубодилаи асъори нақди хориҷӣ тавассути нуқтаҳои мубодилаи асъори ташкилотҳои қарзӣ) бо пули миллӣ ва асъори

**Диаграммаи 1.** Динамикаи бузургии арзиши амалиёти асъорӣ бо пули миллӣ ва доллари ИМА бе дарназардошти индекси қурби асъор дар солҳои 2017-2019



хориҷӣ (долл. ИМА) ҳангоми бе тағйир мондани миқдори нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ва бо дарназардошти тағйирёбии индекси қурби пули миллӣ муайян карда мешавад.

Пеш аз он ки доир ба ҳолати мазкур сухан ронем, лозим шуморида мешавад, ки нишондиҳандаи бузургии арзиши хариду фурӯш ва мубодилаи асъори нақди хориҷӣ тавассути нуқтаҳои мубодилаи асъор дар ташкилотҳои қарзӣ бо дарназардошти индекси қурби асъор таҳия карда мешавад. Ин нишондиҳандаро метавон бо формулаи зерин ҳисоб намуд:

$$Б_А = \frac{Н_Т * Н_А * (А_Ҷ : А_Б)}{А_Ҷ},$$

Дар инҷо:

БА – бузургии арзиши амалиёти асъорӣ бо дарназардошти индекси қурби пули миллӣ;

НТ- миқдори нишондиҳанда барои ҳисобҳо (350 нишондиҳанда);

НА - ҳаҷми нишондиҳанда барои ҳисобҳо (50 сомонӣ);

АҶ – қурби пули миллӣ (нисбат ба як долл. ИМА) дар давраи ҷорӣ;

АБ – қурби пули миллӣ (нисбат ба як долл. ИМА) дар давраи базисӣ (сол, моҳ ё рӯзе,ки ҳамчун пойгоҳ (база)-и доимӣ қабул карда мешавад.

Мувофиқи маълумотҳои овардашуда нишондиҳандаи мазкурро барои ҳисоби бузургии арзиши амалиёти асъорӣ (хариду фурӯш ва мубодилаи асъори нақди хориҷӣ тавассути нуқтаҳои мубодилаи асъори

**Ҷадвали 2.**

**Динамикаи хариду фурӯш ва мубодилаи асъори нақди хориҷӣ тавассути нуқтаҳои мубодилаи асъори ташкилотҳои қарзӣдар солҳои 2017-2019**

| Нишондиҳанда | Солҳо | | |
|---|---|---|---|
| | 2017 | 2018 | 2019 |
| Миқдори нишондиҳанда барои ҳисобҳо**(Нт)** | 350 | 350 | 350 |
| Ҳаҷми нишондиҳанда барои ҳисобҳо**(На)** | 50 | 50 | 50 |
| Қурби пули миллӣ (нисбат ба як долл. ИМА) дар давраи ҷорӣ **(Аҷ)** | 8,8190 | 9,69 | 10,33 |
| Қурби пули миллӣ (нисбат ба як долл. ИМА) дар давраи базисӣ **(Аб)** | 8,8190 | 8,8190 | 8,8190 |
| Бузургии арзиши амалиёти асъорӣ,долл. ИМА | 1984 | 1984 | 1984 |
| Бузургии арзиши амалиёти асъорӣ, сомонӣ | 17500 | 19225 | 20495 |

ташкилотҳои қарзӣ) дар солҳои 2017-2019 дида мебароем:

Ҳисоби бузургии арзиши амалиёти асъорӣ бо дарназардошти тағйирёбии индекси қурби пули миллӣ нишон медиҳад, ки барои дар як андоза нигоҳ доштани бузургии арзиши хариду фурӯш ва мубодилаи асъори нақди хориҷӣ тавассути нуқтаҳои мубодилаи асъори ташкилотҳои қарзӣ дар давоми солҳои 2017-2019 ҷалби иловагии ҳаҷми маблағҳои пули миллиро тақозо менамояд.

Барои анҷом додани як амалиёти хариду фурӯш ва мубодилаи асъори нақди хориҷӣ дар натиҷаи тағйирёбии қурби асъор дар соли 2018 назар ба соли 2017 ба андозаи 1725 (19225 – 17500 = 1725) сомонӣ ва дар соли 2019 нисбат ба ҳамин давраи соли 2017 дар ҳаҷми 2995 (20495 – 17500 = 2995) сомонӣ маблағи иловагӣ талаб карда мешавад. Тағйироти мазкурро метавон ба таври аёнӣ дар диаграммаи 2 нишон дод.

**Диаграммаи 2.** Динамикаи бузургии арзиши амалиёти асъорӣ бо пули миллӣ ва долл. ИМА бо назардошти индекси қурби асъор дар солҳои 2017-2019



Ҳамин тавр, ба таҳлили муайян кардани бузургии арзиши амалиёти асъорӣ (хариду фурӯш ва мубодилаи асъори нақди хориҷӣ тавассути нуқтаҳои мубодилаи асъори ташкилотҳои қарзӣ) дар ду ҳолат ба таври ҷамъбастӣ хулосаҳои зеринро бомаврид меҳисобем:

1) Дар ҳолати бетағйир мондани миқдори нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва бе дар назардошти тағйирёбии индекси қурби пули миллӣ ҳаҷми бузургии арзиши амалиёти асъорӣ (хариду фурӯш ва мубодилаи асъори нақди хориҷӣ тавассути нуқтаҳои мубодилаи асъори ташкилотҳои қарзӣ) бо пули миллӣ бетағйир мемонад, аммо бо асъори хориҷӣ (долл. ИМА) ҳаҷми он дар зери таъсироти коҳишёбии қурби пули миллӣ кам мешавад. Чунин вазъият метавонад, дар лаҳзаи анҷомдиҳии амалиёти асъорӣ байни нуқтаҳои мубодилаи асъори ташкилоти қарзӣ ва мизоҷон ба норасоиҳо оварда расонад ва кори ташкилотҳои қарзиро мушкил гардонад. Дар натиҷа мумкин аст ба вазъи бозори асъори нақди хориҷӣ дар дохили кишвар таъсир расонида, ниҳоят ба номутаъдилии таносубии байни пешниҳод ва талаботи хариду фурӯш ва мубодилаи асъори нақди хориҷӣ тавассути нуқтаҳои мубодилаи асъори ташкилотҳои қарзӣ оварда расонида, боиси сабаби пайдоиши омилҳои бавуҷудоварандаи корҳои коррупсионӣ низ гардад.

2) Дар ҳолати бетағйир мондани миқдори нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва бо дарназардошти тағйирёбии индекси қурби асъори хориҷӣ ҳаҷми бузургии арзиши амалиёти асъорӣ бо пули миллӣ барои анҷом додани як амалиёти хариду фурӯш ва мубодилаи асъори нақди хориҷӣ тавассути нуқтаҳои мубодилаи асъори ташкилотҳои қарзӣ меафзояд. Аммо бо асъори хориҷӣ (долл.ИМА) ҳаҷми бузургии арзиши мазкур бетағйир боқӣ мемонад. Мушкилоте, ки барои ташкилотҳои қарзӣ дар анҷомдиҳии амалиёти асъорӣ ба вуҷуд меояд, ин сатҳи қонеъ гардонидани талаботи мизоҷон бо миқдори асъори нақди хориҷӣ, хусусан долл. ИМА ба ҳисоб меравад.

Дар хотимаи тадқиқот тавсияҳо дар шакли зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ рақами мушаххаси бо сомонӣ ифодаёфтаи бузургии арзиши амалиётӣ, яъне 14 000 сомонӣ ба миқдори нишондиҳанда барои ҳисобҳо иваз карда шавад;

2. Ҳосили зарби миқдори нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва як нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҳаҷми маблағи бузургии арзиши амалиётӣ бо пули миллӣ муайян мегардад, яъне (350 нишондиҳанда *50 сомонӣ = 17 500 сомонӣ);

3. Тақсими ҳаҷми маблағи бузургии арзиши амалиётии бо сомонӣ ифодаёфта ба қурби пули миллӣ, ҳаҷми маблағи бузургии арзиши амалиётиро бо асъори хориҷӣ (долл. ИМА) ифода менамояд, яъне (350 нишондиҳанда*50 сомонӣ=17 500 сомонӣ/қурб= долл. ИМА);

4. Дар сатҳи ягона нигоҳ доштани ҳаҷми маблағи бузургии арзиши амалиётӣ бо асъори хориҷӣ (долл. ИМА) дар тамоми давраҳои вақт вобаста аз бетағйирии миқдори нишондиҳанда барои ҳисобҳо, арзиши як нишондиҳанда барои ҳисобҳо (дар соли равон дар ҳаҷми 50 сомонӣ) бо назардошти тағйирёбии индекси қурби асъор, кори ташкилотҳои қарзиро дар самти хариду фурӯш ва мубодилаи асъори нақди хориҷӣ тавассути нуқтаҳои мубодилаи асъори ташкилотҳои қарзӣ аз пайдоиши омилҳои бавуҷудоварандаи характери коррупсионидошта ва амалиёти зеришубҳа ҳисобишаванда эмин нигоҳ медорад;

5. Боварии мизоҷонро оид ба таҳкимии хариду фурӯш ва мубодилаи асъори нақди хориҷӣ тавассути нуқтаҳои мубодилаи асъори ташкилотҳои қарзӣ таҳким мебахшад.

**Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии БМТ.**

# Мушорака

Ба диққати хонандагони гиромӣ мерасонем, ки ҳайати эҷодии маҷалла тасмими худро оид ба омода ва ба нашр расонидани силсиламақолаҳо дар бораи маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкдории исломӣ бе таъхир идома медиҳад. Ва инак, дар ин шумора мақола дар бораи яке аз намудҳои муҳим ва нақшдори хизматрасонии бонкдории исломӣ – Мушорака манзури хонандагони азиз гардонида мешавад.




Ахди Мушорака (яъне, қарордоди мушорака, ба ибораи дигар сармоягузорӣ кардан бо истифода аз услуби мушорака).

**Ширкат дар луғат:** омехтани мол бо моли дигар аст, то андозае, ки аз ҳамдигар шинохта нашаванд. Сипас, аз ҷониби аксари донишмандон ин ном бар қарордоди хос ниҳода шуд.

**Ширкат дар истилоҳ:** иборат аз қарордодест байни ширкаткунандагон дар сармоя ва фоида.

**Қонунмандии ширкат:** ширкат бар асоси фармудаҳои Қуръон, суннат ва иттифоқи донишмандон иҷозат дода шудааст.

Ҳангоми ба паёмбарӣ фиристода шудани Муҳаммад (с) мардум бо роҳи таъсис додани ширкат муомила ва тиҷорат мекарданд ва ишон онро ҷонибдорӣ намуданд.

Мусалмонон бар ҷоиз будани ширкат иттифоқ кардаанд, вале дар баъзе аз навъҳои он ихтилоф намуданд.

Дар низоми иқтисоди сармоядорӣ рибо ё фоиз дар ҳама намуди маблағгузориҳо истифода мешавад ва он воситаи ягона барои ин мақсад аст. Аммо Ислом рибоexternal нораво донистааст. Бинобар ин, мушорака дар иқтисоде, ки бар асоси принсипҳои исломӣ ба роҳ монда шудааст, нақши муҳим мебозад.

Рибо фоидаи муайянест, ки барои қарздиҳанда аз пеш муайян шудааст ва он бар маблағи қарзи додашуда илова мегардад, новобаста аз он ки қарзгир аз фаъолияти худ фоида ба даст овардааст ё зарар. Аммо

> Агар маблағгиранда ба зиён рӯ ба рӯ шавад, аз руи адолат нест, ки маблағгузор як ҳиссаи муайяни маблағро аз ӯ ҳамчун фоида талаб намояд. Ҳамчунин аз руи адолат нахоҳад буд агар маблағгиранда фоида калон ба даст биёраду ба маблағгузор як ҳиссаи хурди фоида бидиҳад ва боқимондаро худ соҳибӣ кунад.




мушорака фоидаи муайянро ҳангоми сармоягузорӣ муайян наменамояд, балки он бар асоси фоидаи воқеие, ки аз фаъолияти муштараки тарафҳо ба даст меояд ба роҳ монда мешавад. Маблағгузор дар қарзи бар асоси рибо додаи худ ҳеҷ гуна зарарро бар душ намегирад, дар ҳоле ки дар маблағгузорӣ бар асоси мушорака имкон дорад зиён бинад, агар тиҷорати якҷояи онҳо фоида ба даст наорад. Ислом риборо як воситаи ноадолатонаи маблағгузорӣ барои маблағгузор ва ё барои маблағгиранда меҳисобад. Агар маблағгиранда ба зиён рӯ ба рӯ шавад, аз руи адолат нест, ки маблағгузор як ҳиссаи муайяни маблағро аз ӯ ҳамчун фоида талаб намояд. Ҳамчунин аз руи адолат нахоҳад буд агар маблағгиранда фоида калон ба даст биёраду ба маблағгузор як ҳиссаи хурди фоида бидиҳад ва боқимондаро худ соҳибӣ кунад.

Дар таҷрибаи бонкҳои маъмулӣ ташкилотҳои қарзӣ маблағи амонатгузорону пасандоздоронро ба тоҷирону корхонаҳои саноатию сохтмонӣ ва ғайра ҳамчун қарз пешниҳод менамоянд. Барои мисол, агар корхонаҳои номбурда 10 миллион маблағи худӣ дошта бошад, аз бонк 90 миллион маблағро қарз мегирад ва як лоиҳаи бузурги фоидаоварро амалӣ мекунад. Ва ин маънои онро дорад, ки 90% лоиҳа тавассути маблағи амонатгузорон ба вуҷуд омадааст ва танҳо 10% он тавассути маблағҳои корхона ва ё ширкатҳо. Агар ин лоиҳаи бузург фоида калон биёрад, танҳо 14 ё 15% он тавассути бонк ба амонатгузорон дода мешавад, дар ҳоле ки боқимондаи он ба корхонаҳое бармегардад, ки ҳиссаашон дар лоиҳа танҳо 10% аст. Ҳатто ҳамон 14 ё 15% ҳам тавассути ҳамон корхонаҳо ва ё ширкатҳо пас гирифта мешавад, зеро ин ҳиссаро онҳо ҳамчун хароҷоти истеҳсолии маҳсулоти худ болои нархҳои он мегузоранд. Натиҷаи соф ҳамин мешавад, ки ҳамаи фоидаи лоиҳа ба афроде бармегардад, ки ҳиссаи сармоягузории онҳо аз 10% бештар набуд. Ва баръакс, агар корхонаҳо зарар бинанд, ҳиссаи зарари онҳо аз 10% зиёд нахоҳад буд, аммо 90% зарар ба души бонк ва дар баъзе ҳолатҳо ба души амонатгузорон гузошта мешавад.

Ислом дар ин самт принсипҳои шаффофро барои

маблағгузорӣ пешбинӣ намудааст. Маблағгузор дар ибтидо бояд мақсади маблағгузории худро муайян кунад, ки оё мақсадаш аз маблағгузорӣ кумаки инсондӯстона аст ё гирифтани фоида? Агар кумак бошад, пас илова бар маблағи пешниҳоднамудаи худ бояд ягон даъвои ба даст овардани даромадро накунад. Аммо агар мақсадаш ба даст овардани фоида бошад, пас бояд дар зарар ҳам шарик шавад. Дар ин маврид даромади маблағгузор вобаста ба даромади лоиҳаи тиҷоратӣ аст. Ҳар андоза фоидаи лоиҳа бузург бошад, ба ҳамон андоза даромади маблағгузор бузург хоҳад буд. Агар лоиҳаи тиҷоратӣ фоидаи бузург ба даст биёрад, ҳамаи он танҳо моли корхонаҳо ва ширкатҳо нахоҳад буд, балки мардуми одӣ ба ҳайси амонатгузорону пасандоздорони бонк низ аз он ҳиссае дарёфт хоҳанд кард. Ба ҳамин шакл истифода аз услуби мушорака на танҳо ба фоидаи мардуми сарватманд, балки ба фоидаи мардуми одӣ низ ҳаст.

Маҳз барои ҳамин дини мубини Ислом истифода аз услуби мушоракаро ба ҷои истифода аз рибо пешкаш намудааст. Бидуни шак татбиқи пурраи услуби мушорака ҳамчун методи умумии маблағгузорӣ баъзе мушкилоти амалӣ дорад ва ба ҳамин сабаб баъзеҳо ба ин боваранд, ки татбиқи ин услуб дар замони муосир номумкин аст. Ин дар навбати худ нишонаи он аст, ки ин гурӯҳи мардум ба таври

> **Ширкатҳои қарордодӣ (уқуд) ба таври зер баста мешаванд: рукни ширкати қарордодӣ назди ҳанафиҳо аз пешниҳод (ийҷоб) ва қабул иборат аст. Масалан яке мегӯяд: шуморо дар фалон ва фалон чиз шарик сохтам, дуввумӣ посух медиҳад: қабул кардам.**

дуруст моҳият ва принсипҳои асосии мушоракаро дарк накардаанд.

Дар ҳақиқат бар асоси принсипҳои маблағгузории исломӣ шакли муайян ва ё тартиби муайян барои мушорака пешбинӣ нашудааст, балки ба таври умумӣ принсипҳои он баён шудаанд, ки метавонад якчанд шакл ва ё тартиби истифода аз онро дар бар гирад.

Дар зер ба таври фишурда навъҳои мушоракаро баён менамоем.

**Ширкат аз ду намуд иборат аст:**

**1.** ширкати милк: дар қонунҳои муосир ширкатҳои иҷборӣ ҳастанд.

**2.** ширкати уқуд (қарордодӣ): ширкатҳои ихтиёрӣ ҳастанд.

Ширкати амлок он аст, ки ду ва зиёда нафар бидуни қарордоди ширкат чизеро шарик мешаванд.

**Дар навбати худ ширкати милк ду намуд мешавад:**

**1.** ширкати ихтиёрӣ: аз тарафи ду шарик эҷод мешавад, мисли харидани чизе аз тарафи ишон ё чизе ба онҳо ҳадя шавад ва онҳо қабул намоянд. Дар ин ҳолат онҳо дар ширкати амлок бо ҳам шарик ҳастанд.

**2.** ширкати иҷборӣ: барои ду ва ё зиёда нафар бидуни амали онҳо собит мешавад; ба монанди мерос гирифтани ду шахс. Чизи меросмонда байнашон муштарак аст бо услуби ширкати амлок.

Ҳукми ҳарду намуди ширкат: ҳар як шарик нисбат ба ҳиссаи шарики дигар бегона аст ва бидуни иҷозаташ дар ҳиссаи ӯ дахолат карда наметавонад.

Ширкати уқуд (қарордодӣ):

Он аз қарордод байни ду ва ё зиёда нафар барои иштирок дар мол ва фоида иборат аст.

Бояд қайд намоем, ки ширкати қарордодӣ навъҳои зиёд дорад. Масалан, дар мазҳаби имом Ҳанбал он аз ширкати “инон”, ширкати “муфовaза”, ширкати “абдон”(тан), ширкати “вуҷуҳ” ва ширкати “музораба” иборат мебошад. Аммо ба андешаи олимони мазҳаби имом Абӯҳанифа ширкати уқуд иборат аз шаш навъ аст: (ширкати уқуд, яъне ширкате , ки бо бастани акд таъсис дода мешавад ва вобаста ба хусусиятҳояш ба шаш қисм ҷудо мешавад) ширкати амвол, ширкати аъмол (амал), ширкати “вуҷуҳ”. Ва ҳар яке аз ин навъҳо ҳам дар шакли “муфовaза” вуҷуд дорад ва ҳам дар шакли “инон”, яъне дар маҷмуъ шаш қисм мешаванд.

Ҳамаи уламо дар ҷоиз будани ширкати “инон” иттифоқ

доранд, вале дар дуруст будани дигар навъҳои ширкати "уқуд", яъне қарордодӣ дар байнашон ихтилоф аст

## ◙ МАТЛАБИ АВВАЛ:

Ширкатҳои қарордодӣ (уқуд) ба таври зер баста мешаванд: рукни ширкати қарордодӣ назди ҳанафиҳо аз пешниҳод (ийҷоб) ва қабул иборат аст. Масалан яке мегӯяд: шуморо дар фалон ва фалон чиз шарик сохтам, дуввумӣ посух медиҳад: қабул кардам. Ва ин гуна ширкат аз се навъ иборат аст: ширкати амвол, ширкати "вуҷуҳ" ва ширкати аъмол ва ё саноеъ.

**АВВАЛ.** Таърифи ширкати амвол: он иборат аст аз шарик шудани ду нафар дар мол, яъне яке пешниҳод менамояд, ки фоидаи аз гардиши ин мол бадастомада бо фалон ва фалон шарт байнашон тақсим мешавад ва дигаре онро қабул мекунад. Ин ширкат ё "муфовaза" мешавад ва ё "инон".

1) Ширкати "инон": ду нафар ба хотири тиҷорат кардан ва фоидаи онро байнашон тақсим намудан дар моли якдигар шарик мешаванд. Ин ба андешаи ҷамъи уламо ҷоиз аст.

Иллати чунин номгузорӣ шудани ин ширкат: "инон" маънои лаҷоми аспро дорад. Ба иборaи дигар, ду нафар дар ҷараёни кор намегузоранд, то ки ҳар кас тибқи хоҳишаш амал кунад. Ва ё аз "анна шайъ изо араза лаҳу амрун", яъне чизе пешкаш шавад.

Ин намуди ширкат дар байни мардум роиҷ аст, чун дар он баробарии мол шарт нест. Яъне, метавонад яке масъул аз ширкат бошад ва дигар ғайри масъул ва ҳар кас бо ихтиёри худ амал мекунад ва кафили корҳои дигаре нест. Фоида метавонад баробар бошад ва метавонад тибқи шарти пешакӣ тақсим шавад, вале зарар аз ҳиссаи сармоя вобаста аст. Мувофиқи қоидаи фиқҳӣ: "ар рибҳу ало мо шарато вал вазиъату ало қадрил молайн". Тарҷума: "фоида тибқи иттифоқи дар шартнома зикршуда тақсим мешавад ва зарар мутобиқи ҳиссаи тарафҳо дар сармоя аст."

2) Ширкати "муфовaза": "Муфовaза" дар луғат ба маънои мусовот, яъне баробарӣ омадааст. Баробарӣ дар сармоя, дар фоида ва дар тавонмандӣ дар амали тиҷоратӣ ва ғ.

Гуфтаанд, ки "тафвиз", аз маънои супурдан гирифта шудааст, зеро ҳар шарик амалкарди худро ба дигаре рабт медиҳад, ҳам дар ҳузураш ва ҳам дар ғоибаш.

Дар истилоҳ: ду ва ё зиёда нафар ба шарте қарордод мебанданду дар амале шарик мешаванд, ки дар сармоя, дар ҳаракати тиҷорӣ ва дар дин бо ҳам баробар бошанд. Пас яке бар дигаре кафил дар хариду фурӯши ҳамдигар мешаванд. Ҳуқуқҳое, ки ба яке тааллуқ дорад, ба дигар шарик низ тааллуқ мегирад. Яъне, дар масоили тиҷоратӣ ҳар ҳуқуқу уҳдадориҳое, ки ба яке тааллуқ дошта бошад, ба таври худкор ба дигаре тааллуқ мегирад. Ҳар яке вакил ва кафили якдигар мешавад. Агар яке аз ин шартҳо халалдор гардад, ширкати "муфовaза" ба ширкати "инон" табдил меёбад. Масалан, яке моле ба даст овард, ки он метавонад сармояи ширкат(замин ё бино набошад) ба ҳисоб равад.

Ҳанафиҳо ин намуди ширкатро бар асоси ҳадиси Паёмбар (с) иҷозат додаанд, ки мефармояд: "муфовaза кунед, зеро он баракатро зиёд мекунад."

Аммо дар ин намуди ширкат номуайяние ба миён меояд, ки он аз ваколат барои харидани чизи номаълум ва кафолат барои чизи номаълум иборат аст.

Дар амал татбиқ шудани ин намуди ширкат, тавре ҳанафиҳо баён мекунанд, хеле душвор аст.

**ДУЮМ:** "шарикатул вуҷуҳ" ё "шарикатун ало аз-зимам": яъне, шарик шудани ду шахси саршинос дар байни мардум бидуни ин ки соҳиби сармояе бошанд, ба таври насия бар зиммаи худ мол гирифта, онро нақд мефурӯшанд ва фарқи онро барои ҳарду бо шартҳои муайян тақсим менамоянд. Дар ин ҳолат метавонад моликияти яке аз дигаре зиёд ё камтар бошад ва фоида мутобиқи ҳиссаи ҳар кас тақсим мешавад. Зарар бошад, ба қадри замонати ҳар кас ба моли ба таври насия гирифташуда, тақсим карда мешавад.

**СЕЮМ:** "шарикатул аъмол ё абдон": он иборат аз шарик шудани ду нафар ва ба зиммаи

худ гирифтани анҷоми коре мебошад. Фоидаи он бошад бо шартҳои муайян байни ишон тақсим мешавад; ба монанди кори дузандагӣ, оҳангарӣ, рангкунӣ ва ғ. Баробар аст, ки касбашон як бошад, монанди наҷҷор ва наҷҷор ё гуногун бошад, монанди дузанда ва наҷҷор. (ду нафар ширкат таъсис медиҳанд, имкон дорад ҳарду муҳандис бошанд ва як ширкат таъсис диҳанд, ҳамчунин имкон дорад касбашон гуногун бошад, мисли қассоб ва тоҷир ва як ширкати истеҳсоли маҳсулоти гӯштӣ ташкил намоянд, яъне шарт нест, ки касбашон як бошад).

Барои олимони ҳанафӣ ин ширкат ҷоиз аст, зеро мақсад аз он ҳосил намудани фоида аст ва он бо вакил гардонидан имкон дорад. Вале баъзе уламо ин намуди ширкатро раво нагуфтаанд, зеро дар он номуайянӣ вуҷуд дорад.

## ◙ МАТЛАБИ ДУЮМ: ШАРТҲОИ ШИРКАТИ ҚАРОРДОДӢ (УҚУД)

**АВВАЛ:** шартҳои умумӣ дар ширкатҳои қарордодӣ (уқуд)

1) Қобилияти ваколат: яъне он амале, ки барои анҷомаш қарордод баста шудааст, бояд қобилияти ваколат бар он вуҷуд дошта бошад. Зеро яке аз ҳукмҳои ширкат ин собит шудани иштирок дар фоидаи аз тиҷорати ба дастомада мебошад ва он фоида дар байни шарикон муштарак намегардад, ба ҷуз ҳолате, ки ҳар яке дар баъзе аз амволи ширкат вакил аз ҷониби дигараш бошад ва дар баъзеи дигараш амалкунанда барои худаш бошад. Ширкат бо тамоми навъҳояш маънои ваколатро дар бар мегирад, яъне ваколати ҳар шарик аз шарикаш. Ва ҳар шарик бояд салоҳияти ваколат ва вакилгардониро дошта бошад. Ба фикри уламои ҳанафӣ дар дастрасӣ ёфтан бар мубоҳот (мубоҳ, яъне ончи ки бо анҷом доданаш ва ё тарк карданаш инсон аҷру подош ё гуноҳ намегирад) вакилгардонӣ дуруст нест.

2) Андозаи фоида бо қисмҳои муайян маълум бошад, тавре ки ҳиссаи ҳар шарик аз фоида нисбати маълум (яъне, ҳиссаи маълум - 10% ,30% ва монанди ин, на маблағи муайян мисли 800 сомонӣ, 5000 сомонӣ ва ғ.) бошад, мисли панҷяк, ё сеяк ё даҳяк. Агар номаълум бошад, ширкат нодуруст мешавад, зеро фоида чизест, ки қарордод бар он баста шудааст ва номаълумӣ дар қарордод боиси бекор гардидани он мегардад.

3) Фоида дар умум бояд ҷузъи маълум бошад, на муайян. Агар фоидаро муайян кунанд, масалан барои як тараф даҳ ҳазор ё сад ҳазор қарордоди мушорака/ширкат фосид (вайроншуда) мешавад, зеро қарордод тақозои иштирок дар фоидаро дорад ва имкон дорад, ки миқдори даромад танҳо ба андозаи муайяншуда барои як шарик ба даст биёяд. Дар ин сурат таъйин кардани маблағи муайян мухолифи бандҳои қарордоди ширкат аст.

**ДУЮМ:** шартҳои махсус барои ширкати амвол баробар аст, хоҳ ширкати “инон” бошад, хоҳ “муфовaза”

1) Сармояи ширкат вақти бастани қарордод ё вақти харид ҳозир бошад. Дуруст нест, ки сармоя қарз ё моли ҳозирнашуда (ғоиб) бошад, зеро мақсад аз ширкат ба даст овардани фоида аст ва фоида бе амалиёт ба даст намеояд ва амалиёт бо қарз ва моли ҳозирнашуда (ғоиб) номумкин мебошад.

Оё омехтани ду мол (молҳои тарафҳои қарордоди мушорака) шарт аст?

Омехтани ду мол шарт нест, зеро маънои ширкат бо бастани қарордод ҳосил мешавад, на бо мол ва мавзуи қарордод амал аст ва фоида натиҷаи амал аст ва мол тобеи он мебошад.

2) Сармояи ширкат пули нақд бошад, яъне дирҳаму динор дар гузашта ва пулҳои роиҷи имрӯза бо иттифоқи мазҳабҳо. Ширкат дар матоъҳо ҷоиз нест; хоҳ манқул бошад ё ғайри манқул, зеро он “зотул мисл” (яъне моле, ки дар ҳоли иваз намудани он монандашро пешниҳод карда мешавад) нест, балки “зотул қимат” (яъне моле, ки ҳангоми иваз намудани он нархаш ё арзишаш муайян карда мешавад) ҳаст. Сабабаш, қабл аз ҳама, дар он, аст ки қимати чизҳо номаълум аст ва ин ба номаълумӣ дар сармоя мебарад ва номаълумӣ дар сармоя ба номаълумӣ дар тақсими фоида мебарад ва он тарафҳоро ба низоъ мекашад. Сабаби дигараш он аст, ки вакилгардонӣ дар матоъҳо

вуҷуд надорад, агар ба шахсе гӯянд, ки матоъ ё ҳавлиятро фурӯш, то пули он байни мову ту шарикӣ бошад, дуруст нест, зеро он шахс ба амволу дороиҳои ӯ дастрасии қонунӣ ва ҳаққи тасарруф надорад ва дастрасии қонунӣ ба он мол танҳо ҳаққи ҳамон шахс аст.

Имом Молик сармояи ширкат бо молу амволро бо андозагирии қимати он, ки он маълум аст, дуруст гуфтааст.

Ширкат дар дороиҳои паймонагӣ, бо вазн муайяншаванда ва ададиҳои ба ҳам наздик мисли тухм пеш аз омехтан ҷоиз нест, балки баъд аз он ҷоиз аст.

**СЕЮМ:** шартҳои хос ба ширкати "муфоваза":

1) Ҳар як шарик аҳлияти ваколат ва кафолатро дошта бошанд, яъне оқилу болиғ ва мустақил бошад, зеро дар ҳукми ширкати "муфовaза"омадааст, ки он ҳуқуқу уҳдадориҳое, ки ба яке воҷиб мешавад, яъне анҷомаш ҳатмӣ мегардад, ба дигар шарик низ воҷиб мегардад.

2) Баробарӣ дар сармоя аз нигоҳи андоза ва арзиш дар оғоз ва дар поёни ширкат бояд вуҷуд дошта бошад.

3) Ҳар чизе, ки қобилияти сармояи ширкат шуданро дошта бошад, бояд дар милкияти яке аз шарикон дохили сармояи ширкат шавад. Агар он дохил карда нашавад, ширкат "муфоваза" шуда наметавонад.

4) Баробарӣ дар фоидаи ширкати "муфоваза" ҳатмӣ аст.

5) Баробарӣ дар анҷоми ҳамаи тиҷоратҳо. Агар яке ба тиҷорати махсус машғул шаваду дигаре дар тиҷорати алоҳида банд бошад, қобили қабул нест.

6) Қарордоди "муфоваза" ба лафзи "муфоваза" бошад ё он лафзе, ки мақоми онро гирифта метавонад, ба ғайри он ҷоиз нест, зеро он шароити хоси худро дорад.

**Сармояи ширкат вақти бастани қарордод ё вақти харид ҳозир бошад. Дуруст нест, ки сармоя қарз ё моли ҳозирнашуда (ғоиб) бошад, зеро мақсад аз ширкат ба даст овардани фоида аст ва фоида бе амалиёт ба даст намеояд ва амалиёт бо қарз ва моли ҳозирнашуда (ғоиб) номумкин мебошад.**

**ЧОРУМ:** шартҳои ширкати "аъмол"

Агар ширкати "аъмол" бо услуби "муфоваза" таъсис гардида бошад, шартҳои "муфоваза"-и мазкур бар он татбиқ мешаванд; мисли аҳлияти кафолат, баробарӣ дар аҷр ва риояи лафзи "муфоваза".

Аммо агар ширкати "инон" бошад, танҳо шарти аҳлияти ваколат лозим аст. Абӯҳанифа гуфтааст: "дар он чӣ, ки ваколат дуруст аст, ширкат низ дуруст мегардад ва он чӣ, ки дар он ваколат дуруст нест, ширкат низ дуруст нест".

**ПАНҶУМ:** шартҳои ширкати "вуҷуҳ":

Агар ширкати "вуҷуҳ" бо услуби "муфоваза" таъсис ёфта бошад, пас шарт аст, ки шарикон аҳли кафолат бошанд, яъне ҳар яке пойбанд ба нисфи маблағи чизи харидашуда бошад; чизи харидашуда байнашон ба ду қисм тақсим бошад; фоида байнашон тақсим бошад; лафзи "муфоваза" ва ё он чӣ мақоми онро мегирад, талаффуз кунанд, зеро ин ширкат бо баробарӣ дар байни ду шарик барпо шудааст.

***(Идома дорад).***

**Давлатбек Ҳалимов,**
сармутахассиси Шуъбаи назорати бонкдории исломии Департаменти назорати бонкии БМТ

**Адабиёти истифодашуда:**

1. "Ал-Маъойир ал- Шаръияти" 1-48, "Ҳайатул Муҳосабати вал Мурочаъати лил-Муассисотил Молиятил Исломияти". Нашри соли 2014, Манама, Бахрайн.

2. "Фиқҳул исломи ва адиллатуҳу" доктор Ваҳба Зуҳайли, ҷузъи чорум, қисми дуюм, назарияҳои фиқҳӣ. Салам ва салами мувозӣ.

3. CIFE™ STUDY NOTES A User's Guide to Ethica's Certified Islamic Finance Executive™ Program, www. EthicalInstitute.com

4. "An INTRODUCTION to ISLAMIC FINANCE", MUFTI MUHAMMAD TAQI USMANI. (www.muftitaqiusmani.com)

5. "Salam Contract in Islamic Law: A Survey", Obaid Saif Al Zaabi, Review of Islamic Economics, vol. 14, No. 2, 2010.

6. Семинар оид ба принсипхои бонкдории исломи, Салам ва Салами Мувозӣ, Абдыбалы тегин, Душанбе 16,20. 05. 2016.

# Тамоми чораҳо барои беҳтарсозии вазъи молиявии бонк равона шудаанд

Мусоҳибаи кӯтоҳ бо роҳбарияти ҶСК "Агроинвестбонк" оид ба вазъи феълии бонк, масъалаи бозгардонидани қарзҳои додашуда, тадбирҳои андешидашуда барои кам кардани ҳаҷми онҳо, раванди пардохти фоизи амонатҳо ва худи амонатҳо, чараёни ҷалби сармоягузориҳо манзури хонандагон гардонида мешавад:

**— Вазъи молиявии бонкро дар айни замон чӣ гуна арзёбӣ мекунед?**

— Айни замон вазъи молиявии ҶСК «Агроинвестбонк» душвор буда, тамоми чораҳо бахри беҳтарсозии (солимгардонии) он равона шуда истодаанд.

**— Масъалаи бозгардонии қарзҳои додашуда, аз он ҷумла, қарзҳои мушкилситон дар кадом вазъият қарор дорад? То имрӯз барои кам кардани ҳаҷми ин қарзҳо чӣ корҳо анҷом дода шудаанд?**

— Шарти ягона ва роҳи асосии беҳтарсозии вазъи молиявии бонк аз бозгардонии қарзҳои додашуда вобаста мебошад, зеро ин раванд бевосита ба вазъи пардохтпазирӣ, ҳаҷми даромад ва пардохти пасандозҳои мизоҷон дахл дорад. Аз ин лиҳоз, бо мусоидати Ситоди махсуси корие, ки аз ҳисоби кормандони Вазорати корҳои дохилӣ ва Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил шуда буд, тамоми имкониятҳо бахри баргардонии қарзҳо сафарбар шудаанд. Дар натиҷа то санаи 1 сентябри соли 2018 маблағи 133,1 млн. сомонӣ қарз ва фоизҳои онҳо баргардонида шудаанд. Бояд қайд намуд, ки аксарияти ин қарзҳо мушкилситон буда, пардохти онҳо бо пули нақд, ғайринақдӣ, қабули амвол ба тавозун ва фурӯши онҳо сурат мегирад.

**— Масъалаи пардохти фоизи амонатҳо ва амонатҳои мўҳлаташон анҷомёфта дар кадом сатҳ қарор дорад? То ин замон чӣ қадар амонатҳои мизоҷони бонк баргардонида шудаанд?**

— Қайд кардан зарур аст, ки тибқи тавсияҳои Ширкати консалтингии байналхалқии «Alvarez&Marsal», ки дар доираи кӯмаки техникии Бонки аврупоии таҷдид ва рушд дар соли 2017 ҷалб гардида буд, аз моҳи июли соли 2017 ҳисобкунии фоиз ба амонатҳо қатъ карда шуд. Ҳадаф аз он - мусоидат дар пардохти зиёдтари худи маблағи пасандози мизоҷон буд. Дар айни замон мўҳлати пардохти аксари амонатҳои мизоҷони бонк гузаштааст, бинобар ин, тамоми чораҳо барои баргардонидани онҳо андешида шуда истодааст. Аз аввали сол то 1 сенябри соли ҷорӣ маблағи 115,6 млн. сомонӣ амонатҳои мизоҷон пардохта шудаанд.

**— Барои рафъи мушкилоти молиявии бонк дар айни замон кадом корҳо иҷро шуда истодаанд ва чӣ нақшаҳои мушаххас дар назар гирифта шудаанд. Ҳамчунин дар самти ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ чӣ натиҷаҳо ба даст омадаанд?**

— Дар «Нақшаи чорабиниҳо оид ба стратегияи солимгардонии вазъи молиявии ҶСК «Агроинвестбонк» барои солҳои 2017-2019», ки дар якҷоягӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 527 аз 12 декабри соли 2016 «Дар бораи ба муомилот баровардани қоғазҳои қиматноки давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати сармоякунонии бонкҳо» таҳия ва тасдиқ гардидааст, маҷмӯи корҳо зикр гардидааст, ки бонк ӯҳдадор аст онҳоро иҷро намояд. Дар сурати иҷрои пурраи он мушкилоти молиявии бонк бояд ҳали худро пайдо намояд.

Дар самти сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ бошад, аз тарафи роҳбарияти бонк бо Бонки кишоварзӣ ва Фонди «Роҳи абрешим»-и Ҷумҳурии халқии Хитой гуфтушунидҳои зарурӣ ҷиҳати ҷалб намудани сармоягузориҳои хориҷӣ идома доранд.

**Маҷаллаи "БТҶ".**

# ҶСК"ТОҶИКСОДИРОТБОНК" чӣ ҳол дорад?

Маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ" бо мақсади ошно намудани хонандагон бо вазъи молиявии ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" бо роҳбарияти ин бонк мусоҳибаи кӯтоҳ омода намуд. Дар ин мусоҳиба хонандагон метавонанд доир ба масъалаи бозгардонидани қарзҳои додашуда, (аз он ҷумла, қарзҳои мушкилситон), тадбирҳои андешидашуда барои кам кардани ҳаҷми ин қарзҳо, раванди пардохти фоизи амонатҳо ва амонатҳои мӯҳлаташон анҷомёфта, нақшаи мушаххаси бонки мазкур барои рафъи мушкилоти молиявӣ ва раванди ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ барои беҳтар намудани вазъи молиявии ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" маълумот дарёфт намоянд.

**— Вазъи молиявии бонкро дар айни замон чӣ гуна арзёбӣ мекунед?**

— Раёсати ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" фаъолияти худро дар асоси "Стратегияи солимгардонии вазъи молиявии ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" барои солҳои 2017-2021" ва "Нақшаи чорабиниҳо оид ба стратегияи солимгардонии вазъи молиявии ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" барои солҳои 2017-2019", ки мувофиқи банди 2 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №527 аз 12 декабри соли 2016 дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон таҳия гардида буд, амалӣ намуда истодааст.

Дар давоми давраи аз интиҳои соли 2016 то августи соли 2018, бо назардошти маблағи аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудошуда ва дар натиҷаи корҳои аз тарафи роҳбарият ва кормандони бонк амалигардида, бештари нишондиҳандаҳои бонк рӯ ба беҳбудӣ оварданд. Бонк фаъолияти худро дар соли 2017 бо нишондиҳандаи мусбии 58 млн. 570 ҳазор сомонӣ ҷамъбаст намуд, ки ин яке аз нишонаҳои рӯ ба солимгардонӣ ниҳодани вазъи молиявии бонк ҳисоб меёбад. Аудити бонк, ки аз тарафи ширкати байналхалқии аудитории БДО аз рӯи натиҷаи соли молиявии 2017 гузаронида шуд, фоидаи ба дастомадаи бонкро дар ҳаҷми 55 млн. 391 ҳазор сомонӣ тасдиқ намуд. Дар ҳашт моҳи соли 2018 фаъолияти бонк бо нишондиҳандаи мусбии 31,2 млн. сомонӣ ҷамъбаст гардид.

**— Масъалаи бозгардонидани қарзҳои додашуда, аз он ҷумла, қарзҳои мушкилситон дар кадом вазъият қарор дорад? То имрӯз барои кам кардани ҳаҷми ин қарзҳо чӣ корҳо анҷом дода шудаанд?**

— Аз интиҳои соли 2016 то 31 августи соли 2018 ӯҳдадориҳои қарзии мизоҷон дар назди бонк ба маблағи умумии 1 млрд. 282 млн. сомонӣ пардохт гардиданд, ки аз "Нақшаи чорабиниҳои солимгардонии вазъи молиявии бонк барои солҳои 2017-2019" дар солҳои 2017 ва 2018 пешбинигардида 43,8% зиёд аст. Аз ҳаҷми умумии ӯҳдадориҳои қарзии пардохташудаи мизоҷон - қарздорони бонк, маблағи 994,3 млн. сомонӣ ба пардохти қарзи асосӣ ва 287,5 млн. сомонӣ ба пардохтҳо аз рӯи фоизҳои қарзӣ ва ҷаримаҳо рост меояд. Дар давраи сипаригардида аз ҳисоби ба тавозун гирифтани амволи гарави қарзгирон, ба маблағи 784,0 млн. сомонӣ ӯҳдадориҳои қарзии мизоҷон кам гардиданд. Дар давоми соли молиявии 2017 ва ҳашт моҳи соли ҷорӣ аз ҷониби бонк ба андозаи зиёда аз 123,7 млн. сомонӣ амволи бонк фурӯхта шуд. Аз оғози соли молиявии 2017 аз тарафи бонк бо ҷалби сохторҳои Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳо нисбати баргардонии қарзҳои мушкилситон идома доранд. Дар баробари пардохти ӯҳдадориҳои қарзии мизоҷон маблағи фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи дороиҳои бонк паст гардида истодааст. Агар дар интиҳои моҳи ноябри соли 2016 маблағи умумии фонди пӯшонидани талафоти имконпазири ташаккулдоданашуда 1 млрд. 958 млн. сомониро ташкил дода бошад, дар санаи 31 августи соли 2018 он маблағи 1 млрд. 538 млн. сомониро ташкил менамояд, яъне ба маблағи умумии зиёда аз 420 млн. сомонӣ кам гардидааст. Ҳаҷми умумии тамоми ӯҳдадориҳои тавозунии бонк аз 3 млрд. 882 млн. сомонӣ дар интиҳои соли 2016 то 31 августи соли ҷорӣ ба маблағи 2 млрд. 410 млн.сомонӣ кам гардида, айни ҳол 1 млрд. 472 млн. сомониро ташкил медиҳад. Дар ин давра бонк фоизҳо аз рӯи коғазҳои қиматноки давлатии Вазорати молияи ҷумҳуриро ба маблағи 73,47 млн. сомонӣ ва тибқи ҷадвали пардохти ӯҳдадориҳо барои соли 2017-ум 112,5 млн. сомонӣ маблағи коғазҳои қиматнокро ба Вазорати молия пардохт намуд. Бонк тасмим гирифтааст, ки дар соли 2018 низ фоизҳо ва маблағи коғазҳои қиматноки Вазорати молияро тибқи ҷадвали тасдиқгардида, аз ҳисоби ҷалби сармоя, баргардонидани қарзҳо ва фурӯши амволи бонк, аз ҷумла, амволи барои бозфурӯшӣ ба тавозун гирифташуда, саривақт пардохт намояд.

**— Масъалаи пардохти фоизи амонатҳо ва амонатҳои мӯҳлаташон анҷомёфта дар**

**кадом сатҳ қарор дорад? То ин замон чӣ қадар амонатҳои мизоҷони бонк баргардонида шудаанд?**

— Дар давраи зикргардида, бо назардошти маблағи аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудошуда, бонк уҳдадориҳои худро дар назди мизоҷон – шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар доираи имконияти мавҷуда иҷро намуда истодааст. Агар шумораи амонатгузорону пасандозгузорон – шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар суратҳисобҳояшон бақия доранд дар интиҳои соли 2016-ум 335 ҳазор ададро ташкил дода бошад, пас дар санаи 31 августи соли 2018 он 17,9 ҳазор ададро ташкил намуд. Бақияи маблағ дар ҳисобҳои мизоҷон – шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар интиҳои соли 2016 маблағи 3 млрд. 011 млн. сомониро ташкил намуда, дар санаи 31 августи соли ҷорӣ бошад, маблағи 825,5 млн. сомониро ташкил медиҳад, яъне бақияи маблағ дар ҳисобҳои мизоҷон – шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар ин давра бо назардошти тағйирёбии қурби асъор ба маблағи 2 млрд. 186 млн. сомонӣ, ё 72,6% кам гардидааст. Бақияи маблағ дар ҳисобҳои шахсони воқеӣ аз 1 млрд. 423 млн. сомонӣ дар интиҳои соли молиявии 2016 то ба 680,4 млн.сомонӣ дар санаи 31 августи соли ҷорӣ расида, ба маблағи умумии 742,6 млн.сомонӣ ва ё 52,2% кам гардидааст.

**— Барои рафъи мушкилоти молиявии бонк дар айни замон кадом корҳо иҷро шуда истодаанд ва чӣ нақшаҳои мушаххас дар назар гирифта шудаанд?**

— Бо мақсади солимгардонии фаъолияти бонк, кам намудани ҳаҷми уҳдадориҳо, баргардонии пасандозҳо ва қарзҳои байнибонкӣ зарурати кам намудани хароҷотҳо, аз ҷумла хароҷотҳои фоизӣ ба миён омад. Бо ин мақсад роҳбарияти ЧСК "Тоҷиксодиротбонк" тарофаҳои хизматрасониҳои бонкиро давра ба давра, сараввал дар оғози соли молиявии 2017 ва баъдан дар оғози соли молиявии 2018 аз нав ба тарафи пастшавӣ дида баромад.

Бо назардошти тарофаҳои нав то 31 августи соли ҷорӣ 1 240 адад шартномаҳо бо мизоҷон ба расмият дароварда шуда, ба маблағи зиёда аз 404,3 млн. сомонӣ аз тарафи мизоҷон амонатҳо ҳамчун пасандозҳои мӯҳлатнок тамдид карда шудаанд. Бо назардошти бақияи пасандозҳои суғуртавӣ аз рӯи кортҳои пардохтӣ, бақияи умумии пасандозҳои мӯҳлатдори мизоҷон дар санаи 31 августи соли 2018 маблағи 405,9 млн. сомониро ташкил медиҳад.Ҷиҳати сода намудани тартиби қарздиҳӣ, пешниҳоди қарзҳо ба соҳаҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла, ба соҳибкории хурду миёна ва паст намудани фоизи қарзҳои пешниҳодшаванда бонк сиёсати қарзӣ аз нав дида баромада шуд. Бо назардошти самаранокии хизматрасониҳои бонкӣ, бонк барои дастгирии соҳибкорони хурд ва миёна ба пешниҳоди қарзҳои хурд шурӯъ намудааст. Бояд қайд кард, ки филиалҳое, ки ҳолати молиявиашон беҳтар аст аз моҳи апрели соли 2017 фаъолияти қарздиҳии хурдро аз нав оғоз карда, то интиҳои моҳи августи соли ҷорӣ дар асоси 142 адад шартномаи қарзӣ зиёда аз 1 млн. 248 ҳазор сомонӣ қарзҳои хурд додаанд:

ВМКБ – 238 700 сомонӣ, НТМ – 399 931 сомонӣ, Вилояти Хатлон – 47 300 сомонӣ, Вилояти Суғд– 26 500 сомонӣ, ш. Душанбе – 536 305 сомонӣ.

Воҳидҳои сохтории бонк дар минтақаҳо тасмим гирифтанд, ки дар доираи имконияти молиявии мавҷуда бо назардошти саривақт пардохти қарзҳо минбаъд қарздиҳии хурдро ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт вусъат диҳанд.

**— Дар самти ҷалби сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ чӣ натиҷаҳо ба даст омаданд?**

— Бо мақсади солимгардонии вазъи молиявӣ ва таъмини бонк бо дороиҳои пардохтпазир корҳо дар самти ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ босуръат рафта истодааст ва айни замон ЧСК "Тоҷиксодиротбонк" бо сармоягузорони Чин, бонкҳои Россия (ВТБ ва Сбербанк) ва Бонки Казкоммертсбонки Ҷумҳурии Қазоқистон ва дигар ширкатҳои тиҷоратӣ аз Ҳонконг, Словакия, Малайзия ва Арабистони Саудӣ гуфтушунид ва ҳуҷҷатгузориро оғоз намудааст ва тибқи нақша то интиҳои соли 2018 маблағгузории хориҷӣ ҷиҳати ҳиссагузорӣ дар сармояи бонк ва ҷалби қарзҳои имтиёзнок дар назар аст. Дар доираи сафари ҳайати соҳибкорон ва сармоягузорони Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ба Тоҷикистон мулоқоти роҳбарияти ЧСК "Тоҷиксодиротбонк" бо раиси Гурӯҳи сармоягузории Саудӣ (Saudi Investment Group) Шайх Валид Аҳмад Муҳаммад Ад-Даҳаш Ат-Тувайҷирӣ доир гардид. Дар ҷараёни мулоқот ба мувофиқа расида шуд, ки то 51% саҳмияҳои ЧСК "Тоҷиксодиротбонк" аз тарафи Гурӯҳи сармоягузории Саудӣ (Saudi Investment Group) харидорӣ мегардад. Оид ба ин масъала байни тарафҳо шартнома ба имзо расонида шуд.

Дар баробари ин, дар ҷараёни мулоқот ва вохӯриҳои роҳбарияти ЧСК "Тоҷиксодиротбонк" бо Ширкати "ООО Корпоратсияи роҳҳои оҳани Ҷуннан" Созишнома оиди тавассути сармоягузорӣ харидорӣ намудани на камтар аз 70 фоизи саҳмияҳои ЧСК "Тоҷиксодиротбонк" аз ҷониби Корпоратсияи роҳҳои оҳани Ҷуннан ба имзо расид.

**Маҷаллаи "БТҶ".**

# Кроссворди иқтисодӣ-молиявӣ



**АЗ БОЛО БА ПОЁН:**

**1.** Раванди баромадани Британияи Кабир аз Иттиҳоди Аврупо чӣ ном дорад?

**5.** Яке аз асосгузорони ширкати “Apple” - Стив ...?

**6.** Маблағе, ки ба ташкилоти қарзӣ барои нигоҳдорӣ супорида шудааст, чӣ ном дорад?

**7.** Яке аз баробариҳои асосии муҳосибӣ: Дороиҳо – ухдадориҳо = ?

**8.** Порт ба забони тоҷикӣ?

**13.** ЧСП ба забони русӣ?

**14.** Маблағе, ки бо шартҳои бозгардонӣ ба мӯҳлати муайян дода шудааст.

17. Шакли ихтисоршудаи номи яке аз Ташкилотҳои молиявии байналмилалие, ки асосан дар давлатҳои қитъаи Осиё фаъолият менамояд ва санаи 19 декабри соли 1966 таъсис дода шудааст (ба забони тоҷикӣ)?

**18.** Истилоҳи хавф ва таваккал ба забонҳои русӣ-англисӣ?

**АЗ ЧАП БА РОСТ:**

**2.** Иқтисодчии машҳури амрикоӣ, барандаи ҷоизаи Нобелӣ, асосгузори назария ва мактаби монетаристӣ – Милтон ... ?

**3.** Қарзе, ки барои хариди манзил аз бонк гирифта мешавад, чӣ ном дорад?

**4.** Ташкилоте, ки асоси фаъолияти онро миёнаравии молиявӣ (яъне ҷалби амонат ва додани қарз) ташкил медиҳад, чӣ ном дорад?

**8.** Ташкилот ва гурӯҳи давлатҳои рӯ ба инкишофе, ки аз Бразилия, Русия, Ҳиндустон, Чин ва Африқои Ҷанубӣ иборат аст, чӣ ном дорад?

**9.** Шакли кӯтоҳи бозори байналмилалии асъор (аз забони англисӣ)?

**11.** Нақшаи солонаи молиявии даромаду хароҷоти бонк?

**12.** Муродифи (синоними) суғурта?

**15.** Яке аз захираҳои табиие, ки асоси бойгарии давлатҳои Араб мебошад?

**16.** Номи дарё дар Федератсияи Русия?

**Аз хонандагони гиромӣ хоҳиш мешавад, ки ҷавобҳои худро ба нишонии электронии majalla@nbt.tj ирсол намоянд.**

**Файзалии Сафаралӣ,**
сардори Шуъбаи
Департаменти идораи захираҳои
байналмилалӣ ва сиёсати
қурби асъори БМТ



*Ифтихор аз истиқлол доранд,*
*бонувони Бонки миллӣ!*